АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ
БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ШАРИФЗОДА АБДУВАЛӢ ҚУРБОНАЛӢ**

# ГАНҶИНАИ ДИРҲАМҲОИ СОМОНИИ КӮЛОБ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади
илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07. 00. 09: таърихнигорӣ,
маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ

Роҳбари илмӣ:
д.и.т. Давлатхоҷа Довутов

Душанбе – 2019

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО**.....................................................................................3

**МУҚАДДИМА** ...........................................................................................................4

**БОБИ I. ГАНҶИНАИ КӮЛОБ ВА ОМӮЗИШИ СИККАҲОИ СОМОНӢ**

1. Таркиби Ганҷинаи Кӯлоб............................................................ 21
2. Гурӯҳбандии намудҳои дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб.................... 49

**БОБИ II. ЗАРРОБХОНАҲО ВА СУЛОЛАИ МАҲАЛЛИИ БАНИҶУРИЁН**

1. Зарробхонаҳои сомонии Ганҷинаи Кӯлоб...................................99
2. Аҳамияти Ганҷинаи Кӯлоб дар таҳқиқи таърихи сулолаи Баниҷуриён.........................................................................115

**БОБИ III. СИККАСОЗӢ ВА МУОМИЛОТИ ПУЛИИ ХАТЛОН ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН (АСРҲОИ IX-X)**

1. Даврабандии муомилоти пулии Хатлон дар асрҳои IX-X............133
2. Маълумоти сиккаҳо доир ба баъзе масъалаҳои иқтисодӣ ва сиёсии Хуттал дар замони Сомониён.......................................................157

**ХУЛОСА**.........................................................................................160

**НОМГӮИ АДАБИЁТ**.....................................................................169

**ЗАМИМАИ 1: ФЕҲРИСТИ ДИРҲАМҲОИ ХУТТАЛ АЗ ГАНҶИНАИ КӮЛОБ (35 саҳ.)**

**ЗАМИМАИ 2. ФЕҲРИСТИ КОМИЛИ ГАНҶИНАИ КӮЛОБ (506 саҳ.)**

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

АРТ – Археологические работы в Таджикистане.
ЗВОИРАО - Записки Восточного отделения императорского русскаго археологичкского общества
ИМКУ –История материальной культуры Узбекистана.
КСИИМК – Краткие сообщения института истории материальной культуры.
МИА – Материалы и исследования по археологии.
НМТ – Национальный музей Таджикистана.
НЭ – Нумизматика и эпиграфика.
ОНУ - Общественные науки в Узбекистане.
ТАФСССР – Филиали Тоҷикистонии Академияи фанҳои СССР.
ЭВ – Эпиграфика Востока.
В.- вазн
д.-диаметр
Р.с. (р.с.)- рӯи сикка
Пушти сикка (пушти сикка)- пушти сикка
б.- ибни

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Барои омӯзиши давраҳои гуногуни таърихи халқҳои Эрон, Афғонистон, Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон дар баробари сарчашмаҳои хаттӣ, бостоншиносӣ ва ғайра сиккаҳо низ аҳамияти калон доранд. Сиккаҳо, гарчанде ки дар навбати аввал доир ба муомилоти пулӣ ва тиҷорат, яъне соҳаи иқтисодиёт маълумот медиҳанд, аммо барои омӯзиши паҳлуҳои дигари зиндагии ҷомеа, аз ҷумла таърихи сиёсӣ, шаҷараи шоҳон, забони давлатӣ, катибашиносӣ, маъданшиносӣ, дини расмӣ, солшуморӣ, номшиносӣ, топонимика низ сарчашмаи муҳим ба шумор мераванд. Сиккаҳо на танҳо маълумоти сарчашмаҳои хаттиро комил мекунанд, балки дар бисёр маврид маълумоти наверо ироа мекунанд, ки дар сарчашмаҳои хаттӣ чунин маълумот мавҷуд нест. Барои омӯзиши муомилоти пулӣ сиккаҳо сарчашмаи асосӣ мебошанд, чунки доир ба ин мавзӯъ на дар ҳамаи сарчашмаҳои хаттӣ маълумоти кофӣ мавҷуд мебошад.

Дар маҷмӯъ омӯзиши сиккаҳо барои таҳқиқи таърихи ин ва ё он кишвар як амри зарурӣ буда, онро бо маълумоти наву муҳим такмил мекунад.

Омӯзиши ганҷинаҳо ва махсусан ганҷинаҳои калон нисбат ба сиккаҳои ҷудогона бартарӣ дорад, чунки маълумоти зиёдтарро дар бар мегиранд ва имконият медиҳанд, ки муомилоти пулии як давраи муайян баррасӣ ва баён карда шавад.

Аҳамияти омӯзиши Ганҷинаи Кӯлоб пеш аз ҳама дар он аст, ки он 1405 сиккаро дар бар гирифта, на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Осиёи Миёна низ калонтарин ганҷинаи дирҳамҳои сомонӣ мебошад. Як ганҷинаи калони дирҳамҳои сомонӣ дар Ӯзбекистон низ ёфт шудааст, аммо он ҳанӯз мукаммал омӯхта ва нашр нашудааст ва ин ҳолат аҳамияти Ганҷинаи Кӯлобро, ки мавриди таҳқиқи рисола қарор гирифтааст, дучанд месозад. Арзиши дигари таҳқиқи Ганҷинаи Кӯлоб дар он аст, ки дар Тоҷикистон ва дар маҷмӯъ дар Осиёи Миёна дирҳамҳои сомонӣ нисбатан кам ёфт шудаанд. Ин дар ҳолест, ки марказҳои асосии сиккасозии Сомониён ду шаҳри Мовароуннаҳр – Самарқанд

ва Бухоро буданд. Ин муаммо, яъне дар ватани Сомониён кам ёфт шудани дирҳамҳои онҳо дер боз диққати сиккашиносонро ба худ ҷалб кардааст. Барои кушодани сабаби ин падида омӯзиши мукаммал ва васеътари сиккаҳои сомонӣ, аз ҷумла ганҷинаҳои калон хеле муҳим аст.

Дар Ганҷинаи Кӯлоб намудҳои гуногуни дирҳамҳои сомонӣ мавҷуданд, ки барои фарохтар омӯхтани вижагиҳои сиккасозӣ ва муомилоти пулии Сомониён, аз ҷумла Хатлон маълумоти ҷолиб медиҳанд.

Ганҷинаи Кӯлоб маълумоти нави  муҳимро доир ба зарробхонаҳо ва махсусан зарробхонаҳои Хуттал ва Хуросони Шарқӣ, марҳилаҳои гуногуни муомилоти пулии Хатлон дар давраи Сомониён, вазъи сиёсии ин вилоят ва замони ба ҳайати давлати Сомониён дохил шудани он, мақоми хонадони Баниҷуриён дар ин давра, вазн ва андозаи дирҳамҳои сомонӣ ва бисёр масъалаҳои дигарро дар бар мегирад.

Барои омӯзиши сиккаҳои сомонӣ феҳристсозии онҳо аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Маҳз бо воситаи тартиб додани феҳристҳо имкониятҳои сарчашмавии сиккаҳо бештар зоҳир мешаванд ва барои баррасии масъалаҳои гуногуни таърихӣ, аз ҷумла сиккасозӣ, муомилоти пулӣ ва тиҷорат мусоидат менамоянд. Феҳристнигорӣ соҳаи асосӣ ва муҳими илми сиккашиносӣ мебошад. Дар рисолаи мазкур феҳристи пурраи 1405 дирҳами Ганҷинаи Кӯлоб ҷой дода шудааст. Феҳристнигории сиккаҳои Ганҷинаи Кӯлоб бори нахуст сурат гирифта, дар дастраси пажӯҳишгарон қарор дода мешавад.

Дар таърихи давлатдории асримиёнагии Осиёи Миёна ва Эрон Сомониён мақоми хос доранд. Асоси низоми сиёсӣ, сохтори маъмурӣ ва идорӣ, илму фарҳанги асримиёнагии на танҳо Мовароуннаҳр, балки Хуросон низ дар замони Сомониён гузошта шуда буд. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаи сарчашмаҳои марбут ба ин давра ва ин давлат, аз ҷумла сиккаҳо барои таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои гуногуни давлатҳои баъдии дар ин сарзамин ташкилшуда аҳамияти калони илмӣ доранд.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқшаванда.** Давлати Сомониён аввалин давлати асримиёнагии тоҷикон буда, дар ташаккули фарҳанг ва низоми сиёсии

Хуросону Мовароуннаҳр нақши муассир гузоштааст. Ҳамаи давлатҳои дар ин сарзамин баъд аз Сомониён пайдошуда, аз дастовардҳои онҳо фаровон истифода бурдаанд. Барои таҳқиқи комили таърихи пайдоиш, ташаккулёбӣ ва рушди ин давлат дар баробари осори хаттӣ сиккаҳо низ сарчашмаи муҳим мебошанд. Таваҷҷуҳи нахустин ба сиккасозии Сомониён ҳанӯз дар замони истиқрори ин сулола сурат гирифта, дар осори Ибни Хурдодбеҳ,[1] Наршахӣ,[2] Ибни Фазлон,[3] Истахрӣ,[4] Ибни Ҳавқал,[5] Мақдисӣ[6], Ёқути Ҳамавӣ[7] ва дигарон ахбори мухтасар, вале муфид мавҷуд мебошад.

Тибқи иттилои илмии бадастовардаи мо, дар қаламрави давлати Сомониён 63 зарробхона вуҷуд дошт, ки дар онҳо аз номи амирони сомонӣ ба миқдори зиёд сикка бароварда мешуд ва дар онҳо таърихи сиёсӣ, сиккасозӣ, муомилоти пулӣ, иқтисоду тиҷорат ва бисёр масъалаҳои дигар инъикос ёфтаанд. Сиккаҳои сомонӣ, махсусан дирҳамҳо на танҳо дар тиҷорати дохилӣ, балки дар тиҷорати байналмилалӣ бо кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ васеъ истифода бурда мешуданд. Дар ин хусус садҳо ганҷинаҳои хурду миёнаву калони ин дирҳамҳо, ки дар саросари кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ – Россия, Украина, Белорусия, кишварҳои Назди Балтик, Полша, Германия, Дания, Финландия, Шветсия ва Норвегия ёфт шудаанд, гувоҳӣ медиҳанд, ки дирҳамҳои сомонӣ нақши пули байналмилалиро иҷро менамуданд.

Ганҷинаҳо даҳо, садҳо ва ҳазорҳо дирҳамро дар бар мегиранд. Масалан, дар вилояти Муромуски Россия соли 1868 ганҷинаи бузурге ёфт шуд, ки 11 ҳазору 77 дирҳамро дар бар мегирифт ва дирҳамҳои сомонӣ дар ин ганҷина 91%-ро ташкил медоданд.[8]

---

1 – -

2 Наршахӣ, Абубакр. Таърихи Бухоро. -Душанбе, 2012. - 736 с.

3 – –

4 – –

5 – –

6 Мақдисӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-т-тақосим фи маърифати-л-ақолим/тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ.-Теҳрон, 1385.- 810 с.

7 – –

8 Калинин В.А., Петров П.Н. Кладик куфических монет из под г. Мурома // Древности Поволжья и других регионов. Выпуск III. Нижний Новгород, 2000. -С.215; Янин В.Л. Денежно – весовые системы русского средневековья (Домонгольский период). М., 1956, сводная таблица кладов. -207 с.

Шумораи умумии ганҷинаҳои дар Аврупо ёфтшударо касе дақиқ нашумурдааст, аммо он бояд каму беш 1500 бошад. Дар феҳристи А. Марков, ки бозёфтҳои то соли 1896-ро дар бар мегирифт ва соли 1910 чоп шуд, 972 ганҷинаи хурду калони дирҳамҳои куфӣ ва сомонии дар Аврупо ёфтшуда, дохил шудааст.[1] Аз он сол то ба имрӯз 123 сол гузаштааст ва дар ин муддат бозёфти ганҷинаҳои сиккаҳои куфӣ ва сомонӣ тақрибан бояд 1,5 – 2 маротиба афзуда бошад.

Танҳо дар Россия зиёда аз 400 ганҷинаи дирҳамҳои куфӣ, аз ҷумла сомонӣ ёфт шудааст. Мувофиқи феҳристи Г. Рисплинг дар Шветсия 62 ганҷинаи дирҳамҳои куфӣ, аз ҷумла сомонӣ ёфт шудааст, ки 38807 сиккаро дар бар мегиранд.[2] Мувофиқи маълумоти сиккашиноси олмонӣ Себастиан Бразер дар Аврупо зиёда аз 100 000 дирҳами куфӣ, аз ҷумла сомонӣ ёфт шудааст.[3] Дар ганҷинаҳои дар Аврупо ёфтшуда, ки ба асри X тааллуқ доранд, дирҳамҳои сомонӣ аксариятро ташкил медиҳанд. Маҳз бозёфти ганҷинаҳои чунин сиккаҳо дар Аврупо сабаб гардид, ки дирҳамҳои сомонӣ нисбат ба дигар сиккаҳои исломӣ барвақттар мавриди омӯзиши сиккашиносон қарор гирифтанд.

Аввалин таҳқиқот бахшида ба сиккаҳои куфӣ ва сомонӣ дар Аврупо соли 1779 ва 1792 нашр гардиданд.[4] Соли 1844 бори нахуст В. В. Григорев доир ба кашфи сиккаҳои сомонии Хуттал дар Аврупо маълумот дод.[5] Торнберг К.Ҷ. ҳам соли 1848 дар баробари дигар сиккаҳои куфӣ оид ба дирҳамҳои сомонии Хуттал низ маълумот медиҳад.[6]

---

[1] Марков А.К. Инвентарный каталог мусульманских монет Имп. Эрмитажа. СП б, 1896.- 879 с. Топография кладов восточных монет (сасанидских и куфических). - Санкт – Петербург, 1910.- 149 с.
[2] Rispling G. Katalog samanidischen dirhams in schwedischen Funden und diversen Samlungen.Unvero Aentlicht, 2001.
[3]Sebastian Brather. Frühmittelalterliche Dirham-Schatzfunde in Europa. Probleme ihrer wirtschaftsgeschichtlichen Interpretazion aus Archäologischer Perspektiv. ZAM Zeitschrift für Archäologie des Mittelalters, Jahrgang 23/24,1995/96, Seite 73-153.
[4]Тизенгаузен В. О саманидских монетах/Труды восточного отделения Императорского археологического общества. Часть первая. - Санкт Петербург, 1853. -С. 3.
[5] Григорев В.В. О куфичекихъ монетахъ VIII, IX, X и отчасти VII и XI века находимихъ в России и прибалтическихъ странахъ как источникахъ для древнейшей отечественной истории, въ 1-мъ томъ Записъ Одесского Общества Истории и Древностей (1844).-С. 115-166.
[6] Tornberg C. J. Numi Cufici Regii numophylacii Holmiensis quos omnes in terra Sueciae repertos. – Upsaliae, 1848. – LXXXIp

Аввалин феҳристи ганҷинаҳои дирҳамҳои куфӣ ва сомонии дар Россия ёфтшударо академик Х. Френ дар нимаи аввали асри XIX мураттаб намуд. Аммо Феҳристи тартибдодаи ӯ рӯи чопро надид. Кори ӯро В. В. Григорев идома дод.[1] Аввалин феҳристи чопшуда ба қалами П. С. Савелев тааллуқ дошта, соли 1846 нашр гардид.[2] Соли 1853 сиккашиноси рус В.Тизенгаузен феҳристи ганҷинаҳои дар Аврупо ёфтшуда ва дирҳамҳои сомониро тартиб дода, нашр кард.[3] Он мукаммалтарин феҳристи сиккаҳои сомонӣ буда, то имрӯз аҳамияти илмии худро гум накардааст. Ҳамин муаллиф соли 1873 китоберо чоп кард, ки як бахши калони он феҳристи ганҷинаҳои дирҳамҳои куфӣ ва сомонии дар Россия ва дигар кишварҳои Аврупо ёфтшударо дар бар мегирад.[4] Феҳристи дигари ганҷинаҳои дирҳамҳои дар Аврупо, аз ҷумла Россия ёфтшударо сиккашинос А. Марков тартиб додааст.[5] Феҳристи мукаммали ганҷинаҳои дирҳамҳои куфӣ ва сомонии дар Аврупои Шарқӣ баъди нашри феҳристи А. Марков ва то соли 1971 ёфтшударо В. В. Кропоткин тартиб дода нашр кард. Ин мақола тавсифи 202 ганҷинаро дар бар мегирад.[6] Дар Феҳристи А. Марков тавсифи 367 ганҷинаи сиккаҳои куфӣ ва сомонии дар Россия ёфтшуда, дода шудааст. Агар шумораи дар феҳристи В. В.Кропоткин зикршударо ба он ҷамъ кунем, пас маълум мешавад, ки то соли 1971 дар Россия 569 ганҷинаи дирамҳои куфӣ ва сомонӣ ёфт шудааст. Доир ба ганҷинаҳои алоҳида ва ё гурӯҳи ганҷинаҳои дар вилоятҳои ҷудогонаи Аврупои Шарқӣ ёфтшуда, мақолаҳои зиёд нашр шуданд[7] ва рӯйхати қисми зиёди онҳо дар мақолаи номбаршудаи В. В. Кропоткин дода шудааст.

---

4 Григорьев В. В. О куфических монетах находимых в России прибалтийских странах как источник для древнейшей отечественной истории // В сборниках: Записки Одесского Общества Истории и Древностей», 1844. - С.115-166; "Россия и Азия". - Санкт - Петербург, 1876. - С.107-169; Кропоткин В. В. Новые находки сасанидских и куфических монет в Восточной Европе // Эпиграфика Востока.- М., т. IX. 1971. – 76 с.

2 Савельев П .С. Мухаммеданская нумизматика по отношения к Русской истории.Часть 1.Топография кладов с восточными монетами...... – Санкт - Петербург, 1846. - 167 с.

3 Тизенгаузен В. О саманидских монетах / В. Тизенгаузен //Труды восточного отделения Императорского археологического общества. Часть первая. – Санкт - Петербург, 185 .- 520 с

4 Тизенгаузен В. Монеты восточного халифата. - Санкт Петербург, 1873. -374 с.

5 Марков А. Топография кладов восточных монет сасанидских и куфических.- Санкт-Петербург,1910.- 149с.

6 Кропоткин В. В. Новые находки сасанидских и куфических монет в Восточной Европе. - С.76-97.

7 Федоров-Давыдов Г. А. Новые находки восточных монет VIII – XIIIвв. На территории Восточной Европы // ЭВ, т. XXIII. М., 1985. -С.44-47; Спасский И.Г. Русская монетная система, Л., 1970. - С.33-40;

Дар Аврупои Марказӣ (Лаҳистон, Олмон) ва Шимолӣ (Дания, Шветсия, Норвегия ва Финляндия) тавре ки дар боло гуфтем, омӯзиши дирҳамҳои куфӣ ва сомонӣ ҳанӯз дар охири асри XVIII сар шуда, дар асрҳои минбаъда густариш меёбад.[1] Доир ба ин мавзӯъ бо забонҳои гуногун – англисӣ, олмонӣ, лаҳистонӣ, шведӣ, финландӣ ва ғайра феҳристҳо, китобҳо ва мақолаҳои сершумор чоп шудаанд. Рӯйхати қисми зиёди ин асарҳо дар мақолаи таҳлилӣ – ҷамъбастии сиккашиноси олмонӣ Себастиан Бразер оварда шудааст.[2] Пажуҳиши дирҳамҳои куфӣ ва сомонӣ дар Аврупо дар нимаи дуюми асри XX ва ду даҳсолаи асри XXI хеле ривоҷ пайдо кард. Агар пеш ганҷинаҳо дар алоҳидагӣ омӯхта мешуданд, акнун ба омӯзиш ва нашри феҳристҳои мукаммали онҳо диққати асосӣ дода мешавад. Дар ин кор Шветсия, ки дар қаламрави он ин сиккаҳо аз ҳама бештар ёфт шудаанд, пешсаф мебошад. Дар ин кишвар дар байни солҳои 1975-1987 Феҳристи муккаммали дирҳамҳои куфӣ ва сомонии дар ин кишвар ёфтшуда дар 16 ҷилд бо забони олмонӣ ва англисӣ аз чоп бароварда шуд.[3] Дар ин феҳристҳо маълумоти асосӣ дар бораи ҳар як ганҷина - сол, ҷойи бозёфт, таркиб ва тавсифи сиккаҳо оварда шудааст. Дар Лаҳистон низ доир ба дирҳамҳои куфӣ ва сомонии дар ин кишвар ёфтшуда феҳрист ва мақолаҳои зиёд чоп шуданд. Илова бар ин дар солҳои 2003-2016 дар ин кишвар феҳристи мукаммали дирҳамҳои куфӣ ва сомонӣ дар 5 ҷилд аз чоп баромад.[4]

Дар кишварҳои дигари Аврупои Марказӣ ва Шимолӣ, аз ҷумла Олмон, Чехия, Финландия, Эстония низ доир ба дирҳамҳои куфӣ ва сомонии дар ин

---

Янин В. Л. Денежно весовые системы русского средневековья. М., 1956. Рябцевич В. Н. Два монетно-вещевых клада IX в. из Витебской области // Нумизматика и эпиграфика, т. V. М., 1965. - С.121-160;

[1] Фомин А. В. Обращение обломков куфических монет в Восточной Европе в X – начале XI в. // Эпиграфика Востока, т. XIV. М., 1984. -С.133-138.

[2] Sebastian Brather. Frühmittelalterliche Dirham-Schatzfunde in Europa. - p.145-153.

[3] Corpus Nummorum Saeculorum IX-XI qui in suecia reperti sunt. Catalogue of coins from the Viking Age found in Sweden. 1. Gotland. 1.Akebäck – Atlingbo. Stockholm, 1975. - 198 p.; 1. Gotland. 2. Bäl – Buttle. Stockholm, 1977. - 340 p.; 1. Gotland. 3.Dalhem – Etelhem. Stockholm, 1982.- 322 p.; Gotland. 4 Fardhem – Fröjel. Stockholm, 1982. - 273 p.; 3.Skane. 1. Ahus – Grönby. Stockholm, 1985.- 183 p.; 3.Skane. 4.Maglarp – Ystad. Stockholm, 1987.- 250 p.; 16-Dalarna. 1. Falun – Rättvik. Stockholm, 1979.- 97 p.

[4] Frühmittelalterliche Münzfunde aus Polen. Inventar III. Warszawa, 2015, 352 p.; Frühmittelalterliche Münzfunde aus Polen. Inventar IV. Warszawa, 2013, 234 p.; Frühmittelalterliche Münzfunde aus Polen. Inventar V. Warszawa, 2016. -1210 p.

сарзаминҳо ёфтшуда мақола ва феҳристҳо нашр шудаанд.[1] Сиккашиноси олмонӣ Себастиан Бразер дар бораи муомилоти дирҳамҳои куфӣ ва сомонӣ дар Аврупо як мақолаи ҷамъбастӣ навишта, бисёр масъалаҳои муҳими ин мавзуъро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.[2] Дар омӯзиши дирҳамҳои куфӣ ва сомонии дар Аврупо ёфтшуда саҳми сиккашиноси америкоӣ Т. С. Нунен хеле калон аст. Ӯ доир ба ин мавзӯъ 33 мақола ба табъ расонда, ҷанбаҳои гуногуни онро таҳқиқ кардааст.[3] Ин мавзӯъро дар Аврупо олимони зиёд таҳқиқ кардаанд. Аммо мутаассифона мо дар ин ҷо имконияти ҳамаи онҳоро номбар кардан надорем, чунки ин мавзуъ таҳқиқоти алоҳидаро тақозо менамояд.

Дар Эрону Афғонистон низ сиккаҳои сомонӣ ба миқдори зиёд ёфт шудаанд. Ин як амри табиист, чунки дар давраи нашъунамои давлати Сомониён тамоми сарзамини Афғонистони имрӯза ва қисми зиёди Эрон то Ҳамадону Шероз ба ҳайати он дохил мешуданд ва дар ин кишварҳо зарробхонаҳо амал карда, аз номи амирони сомонӣ ба миқдори зиёд сикка мебароварданд. Дар қаламрави Афғонистон (Хуросони Шарқӣ) 14 зарробхона фаъолият дошт, ки аз онҳо Маъдин, Балх ва Андароба ба қатори зарробхонаҳои калон дохил шуда, мунтазам ва ба миқдори зиёд дирҳам мебароварданд. Мутаассифона, дар бораи дараҷаи омӯзиши сиккаҳои сомонии дар қаламрави Афғонистон ёфтшуда мо иттилоъ надорем. Дар ҳар сурат, то ҷое ки мо хабар дорем дар ин кишвар ягон китобе чоп нашудааст, ки ба сиккаҳои сомонии дар Афғонистон ёфтшуда, бахшида шуда бошад.

Дар Эрон дар давраи Сомониён 12 зарробхона амал мекард, ки аз онҳо Рай (Муҳаммадия) ва Нишопур ба қатори калонтарин зарробхонаҳо дохил шуда, ба миқдори зиёд сикка зарб зада мешуд. Вазъи омӯзиши сиккаҳои сомонӣ дар ин кишвар хеле беҳтар аст. Ба омӯзиши онҳо яке аз сиккашинос ва

---

[1] Beatrige Granberg. Förtecking över kufiska myntfynd i Finland. Helsinki, 1966, 254 p.; Vlastimil Novak. Prague 2010, 80 p.; Ivar Leimus. Silloge of islamic coins Estonian public collections. Tallin, 2007.- 447 p.

[2] Sebastian Brather. Frühmittelalterliche Dirham-Schatzfunde in Europa. - p.145-153.

[3] Noonan T.S. When and how dirhams first reached Russia // Cahirs du Monde russe et sovietique, XXI (3-4), juil.-dec. 1980, pp. 401-469; Noonan T.S. The 1958 dirham hoard from Tartu in Estonia // Museum notes, n. 22. New York, 1977. - p. 135-159.

катибашиноси шинохтаи эронӣ Абдуллоҳи Қучонӣ машғул аст. Яке аз китобҳои маъруфи ӯ ба Ганҷинаи динорҳои сомонии дар шаҳри Рай соли 1992 ёфтшуда бахшида шудааст. Ин ганҷинаи бузург 2192 сиккаи тиллоии исломиро дар бар мегирифт, ки қариб нисфи он ба Сомониён тааллуқ доранд. Дар китоби А. Қучонӣ тавсифи 622 динори ин ганҷина дода шудааст.[1] Дар асарҳои ба сиккаҳои исломӣ бахшидашудаи олимони Эрон маъмулан сиккаҳои сомонӣ низ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд.[2] Масалан, дар китоби доктор Ҳасан Ризои Боғбедӣ як бахши калонаш дар ҳаҷми 193 саҳифа ба сиккаҳои сомонӣ бахшида шудааст. Дар ин бахш муаллиф дар бораи сиккаҳои амирони сомонӣ ва ҷонишинони онҳо дар вилоятҳо маълумоти зиёд овардааст.[3] Муҳаққиқи шинохтаи аҳди сомонӣ М. Ноҷӣ ҳам дар таҳқиқоти хеш ба сиккаҳои сомонӣ ва ахбори мавҷуд дар онҳо аҳамияти хосса зоҳир кардааст.[4]

Мовароуннаҳр на танҳо маркази сиёсӣ ва фарҳангии давлати Сомониён, балки маркази муҳими сиккабарорӣ низ буд. Дар ин минтақа 20 зарробхона мавҷуд буд, ки аз номи амирони сомонӣ сикка мезаданд. Як теъдоди зарробхонаҳо мунтазам ва қисми дигарашон номунтазам сикка мебароварданд. Аз ҳама зиёдтар ва мунтазамтар сиккаҳо, махсусан дирҳамҳои сомонӣ дар ду шаҳри ин минтақа – Самарқанд ва Шош (Чоч) зарб мешуданд. Дар аксари ганҷинаҳои сиккаҳои сомонӣ, ки дар Осиёи Миёна ва дар Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ ёфт шудаанд, дирҳамҳои ҳамин ду шаҳр аксариятро ташкил мекунанд. Мантиқан, дар Осиёи Миёна сиккаҳои сомонӣ бояд ба миқдори зиёд ёфт мешуданд. Аммо дар асл ин тавр нест. Дар ин ҷо як миқдор сиккаҳои сомонӣ ёфт шудаанд, аммо на ба он миқдоре, ки берун аз Осиёи Миёна дар Россия, кишварҳои Скандинавия ва дигар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ ёфт шудаанд.

---

1

2

3

4 Ноҷӣ М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе, 2011. –1295 с.

Мувофиқи рӯйхати тартибдодаи сиккашиноси ӯзбекистонӣ Б. Д. Кочнев дар Ӯзбекистон то соли 1996 ҳамагӣ 12 ганҷинаи дирҳамҳои сомонӣ ёфт шудааст.[1] Аз онҳо 5 ганҷинааш хурд буда, аз 6 то 29 сикка, 2 ганҷина 144 сиккагӣ ва як ганҷинаи дигар 300 сиккаро дар бар мегиранд. Ду ганҷина калон буда, яке 976 ва дуюм 1650 дирҳамро дар бар мегиранд.[2] Дар Осиёи Миёна ганҷинаҳои сиккаҳои тиллоии сомонӣ низ ёфт шудаанд. Яке аз онҳо дар ҷануби Туркманистон ва дуюмаш, ки иборат аз 63 дона мебошад, дар шаҳри Самарқанд ёфт шудаанд.[3] Сиккаҳои мисии сомонӣ низ дар Осиёи Миёна ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар шакли ганҷина ёфт шудаанд. Ба қавли М. Е. Массон дар шаҳри Каттақурғони Ӯзбекистон ва атрофи он ҳанӯз дар даҳсолаи аввали асри XX якчанд ганҷинаи калони фулуси сомонӣ ёфт шуда буданд. Аммо ин ганҷинаҳо боқӣ намондаанд ва на дар бораи таркиб ва на дар бораи миқдори онҳо маълумоте дар даст надорем. Бозёфти ганҷинаҳо ва махсусан ду ганҷинаи калон аз он шаҳодат медиҳанд, ки дирҳамҳои сомонӣ дар тиҷорати дохилии Мовароуннаҳр низ ба дараҷаи муайян истифода бурда мешуданд. Яъне, мо гуфта наметавонем, ки дирҳамҳои сомониро танҳо барои савдои берунӣ бо кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ истеҳсол мекарданд. Аз сӯии дигар дар Хуросону Мовароуннаҳр динорҳои сомонӣ дар савдои калон ва фулус дар савдои хурди ҳамарӯза истифода шуда, камбуди дирҳамҳоро ҷуброн мекарданд. Камбуди дирҳамҳои сомониро то ҷое гардиши сиккаҳои бухорхудотӣ низ ҷуброн менамуд.

Сиккаҳои сомонии дар Ӯзбекистон ва ҷануби Туркманистон ёфтшударо М. Е.Массон,[4] Б. Д.Кочнев,[5] Т. С.Ерназарова[1] ва Г. А. Федоров – Давидов[2]

---

[1] Кочнев Б. Д. Клады серебряных монет X в. из Узбекистана // Четвертая Всероссийская нумизматическая конференция (тезисы докладов), г. Дмитров, 1996 г. М., 1996 – С. 36-38., Калинин В. А., Петров П. Н. Кладик куфических монет из под г. Мурома // Древности Поволжья и других регионов. Выпуск III. Нижний Новгород, 2000 – С. 215-216.

[2] Массон М. Е. Кладик саманидских дирхемов конца X в. из пригорода старого Мерва // Эпиграфика Востока, вып. XVII, 1966.- С. 104.

[3] Ҳамон ҷо. - С. 105.

[4] Массон М. Е. Кладик саманидских дирхемов конца X в. из пригорода старого Мерва / М.Е. Массон // Эпиграфика Востока, вып. XVII. – М., 1966. – С. 101-110

[5] Кочнев Б. Д. Клады серебряных монет X в. из Узбекистана // Четвертая Всероссийская нумизматическая конференция (тезисы докладов), г. Дмитров, 1996 г. М., 1996. - С. 36-38; Добровольский И. Г, Кочнев Б. Д. Ахсикетский фельс саманида Ахмада I б. Асада. «Новое в советской нумизматике и нумизматическом музееведении». Кроткие тезисы докладов и сообщений научной конференции (к 200-летию Отдела

қисман таҳқиқ ва нашр намуданд. Дар Ӯзбекистон Анвар Атоходжаев сиккаҳои сомониро бештар таҳқиқ намуда, маводи муҳими илмиро чоп кардааст.[3] Семенов Г. Л. соли 2006 дар Пайканд 20 фалси сомониро кашф намуда, доир ба онҳо маълумот дода, акси шаштоашро нашр менамояд[4].

Сиккаҳои сомонӣ дар Тоҷикистон низ ёфт шудаанд. Аввалин фалси сомониро аз Истаравшан соли 1894 академик В.В. Бартолд бозёфт, харидорӣ ва баъдтар нашр менамояд, ки он соли 286/899 аз номи Исмоили Сомонӣ дар зарробхонаи Шош зарб шуда буд. Дар умум то имрӯз дар Тоҷикистон 5 зарробхонаи замони Сомониён маълум шудааст, ки аз номи амирони сомонӣ ва ҳокимони маҳаллӣ сикка мебароварданд. Аммо сиккаҳои сомонӣ дар Тоҷикистон ба миқдори нисбатан кам ёфт шуда бошанд ҳам на ҳамаи онҳо ба таври комил таҳқиқ гашта, рӯи нашрро дидаанд. Ҳамагӣ 7 ганҷинаи дирҳамҳои сомонии дар Тоҷикистон ёфтшуда таҳқиқ шудаанд. Аз ин миқдор 4 ададаш хурд буда аз 9 то 24 сиккаро дар бар мегиранд. Ду ганҷинаи дигар, ки ба гуфти нафарони ганҷинаро пайдо карда зиёда аз 100 дирҳамиро дар бар мегирифтанд, боқӣ намондаанд ва аз яке аз онҳо Д. Довудӣ 22 адад ва аз дигараш 5 ададро дида ташхис кардааст. Дар Тоҷикистон ганҷинаҳои фалсҳои

---

нумизматики Эрмитажа), 14-16 октября 1987 г. Ленинград. 1987. С.15-16. Кочнев Б.Д. Заметки по средневековой нумизматике Средней Азии. Часть I (Саманиды, караханиды, джаниды). «История материальной культуры Узбекистана», вып. 14, 1978. Ташкент Изд.ва «Фан» Узб. ССР. С. 120-131.

Кочнев Б. Д. Заметки по средневековой нумизматике Средней Азии. Часть 5 (Саманиды, Караханиды, Тимуриды). Материальная культура Узбекистана, вып. 18, Ташкент, 1983. - С. 210-223; Кончев Б.Д. Заметки по средневековой нумизматике Средней Азии. Часть 3. (Саманиды, караханиды, ануштегиниды). В. сб: ИМКУ, вып. 22, Ташкент 1388. - С. 191-205;.

[1] Ерназарова Т. С. Федоров М.Н. Клад золотых монет X в./Общественные науки в Узбекистане.- 1974, №5. - С. 67-70.

[2] Федоров - Давыдов Г. А. Клад золотых монет X в. из Самарканда. Историко археологический сборник. М. 1962. - С. 186.

[3] Атоходжаев А. Саманидские фельсы из клада с Койчилитепе // Узбекистан в древности и средневековье. ТД. Самарканд. 1992. С. 100-103., Два клада куфических монет из Узбекистана // Бартольдовские чтения. М..1993. С. 62-65 (в соавтр. с Б. Д. Кочневым)., Штемпельный анализ саманидских фельсов из койчилитепинского клада // Узбекистан в древности и средневековье.- Самарканд. 1993. - С. 40-43., Раннесаманидские фельсы Ходженда // ТД. II-я Всероссийская нумизматическая конференция. - Спб. 1994. - С. 100-101., К вопросу об организации монетного производства в государстве Саманидов в X в. // История материальной культуры Узбекистана. - Самарканд.Вып.27, 1996. - С. 146-153., К ранней политической истории Саманидов // 50-лет раскопок древнего Пенджикента. – Пенджикент,1997. - С. 61., Клады медных монет X-XI вв. из Узбекистана // VI-я Всероссийская нумизматическая конференция.- Спб.,1998. - С.-80-82, Нумизматическая биография одного саманидского сановника (X в.) // VII–я Всероссийская нумизматическая конференция.- Ярославль, 1999. - С.52-54., О месте золота в монетном обращении Саманидского государства// Археология, нумизматика и эпиграфика средневековой Средней Азии. – Самарканд,2000. - С. 38-42., Финальный этап в монетной истории ал-Мунтасира // XX–я Всероссийская нумизматическая конференция.- М., 2019. - С.123-125.

[4] Семенов Г. Л. Отчет о раскопках в Пайканде в 2006 году/ Материалы Бухарской археологической экспедиции.- Санкт-Петербург, вып. VIII, 2007.- С.166

сомонӣ низ ёфт шудаанд. Се фалси аз Истаравшан ёфтшударо муаллифи ин сатрҳо таҳқиқ ва нашр намуда буд.[1] Академик Ғафуров Б. Ғ. дар такя ба маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ба хусус дар такя ба асарҳои Истахрӣ ва Ибни Ҳавқал доир ба вижагиҳои муомилоти пулӣ ва сикказании Сомониён хулосаҳои ҷолиби илмӣ иброз намудааст.[2] Неъматов Н. тиҷорати дохилӣ ва берунии даврони Сомониёнро баррасӣ карда, доир ба сикказании Сомониён фикрҳои мухталиф иброз кардааст. Вай аз ҷумла сиккаҳои ғитрифиро "қитрифӣ" номидааст[3]. Дирҳам ва фалсҳои сомонии дар Тоҷикистон ёфтшударо олимон А. А. Биков,[4] Е. А. Давидович[5], Д. Довудӣ[6] ва Шарифзода А.[7] омӯхта нашр кардаанд. Баъзе олимони Тоҷикистон доир ба сикказании Сомониён фикру хулосаҳои соддалавҳона ва ғайриилмӣ баён кардаанд.[8]

Илова бар ин, аз 04.10.2013 то 15.07.2015 яъне то ҷамъоварии Ганҷинаи Кӯлоб 4 динор, 51 дирҳам ва 406 фалс дар умум 461 сиккаи дигари сомонӣ ба фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон ворид шудааст, ки таҳқиқ ва феҳристнигории онҳо аз ҷониби муаллифи ин сатрҳо идома дорад.

Дар Тоҷикистон танҳо як ганҷинаи калони дирҳамҳои сомонӣ ба наздикӣ ёфт шуд ва ин рисола ба таҳқиқи он бахшида шудааст, ки ганҷинаи мазкур дар умум қариб 1900 дирҳам дошт. Аз ин миқдор 1405 дирҳам ва 104

---

1 Шарипов А. Сиккаҳои сомонӣ аз Истаравшан/ Ҷумҳурият аз 14.09.2012, №114 (20548). - С.4
2 Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон/Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна.- Душанбе, Ҷ.I, 1998.- С. 480-484
3 Неъматов Н. давлати Сомониён. -Душанбе,1989- С.91-98
4 Быков А. А. Новый клад медных куфических монет из Таджикистана // «Труды Отдела нумизматики ГЭ», т.1. 1945. - С.87-113.
5 Давидович Е.А. Монетные находки на территории Таджикистана, зарегистрированные в 1957г. Труды А. Н. Тадж. ССР, Т. 103, 1959. - С.153-163; Давидович Е.А. Монетные находки на территории Таджикистана, зарегистрированные в 1970 г. «Археологические работы в Таджикистане» вып. X, 1970. - С.275; Давидович Е. А. Денежное обращение в Мавераннахра при Саманидах // НЭ, VI.- 1966. - С. 103-133
6 Довутов Д. Ещё один саманидский фельс монетного двора города Ходжента. В кн: Иcследование по истории и культуре Ленинабада. Душанбе, 1986. - С.108-110; Довутов Д. Сиккаи сомонии заробхонаи Чағониён. Ахбори АФ РСС Тоҷикистон. Серияи шарқшиносӣ, таърих, филология, № 2 (10), 1988. - С.59-61; Медный чекан Хутталя при Саманидах/Ахбори АФ РСС Тоҷикистон. Серияи шарқшиносӣ, таърих, филология. – Душанбе,1989, № 4 (16), 1989. - С. 73; Торговля и денежное обращение в раннем средневековье и при Саманидах/ История таджикского народа.- Душанбе,Т. 2, 1999. - С.122-144, 384-397; Чекан монет в Хутталяне при саманидах/ Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона (V в. до н.э. – начало XX в. н.э.). - Душанбе, 2006. - С.149-202); Монетные клады Таджикистана.- Душанбе, 2009. - 408с., Сиккаҳои Ҳисори Шодмон. Душанбе, Эр-Граф, 2015. - С.52-56.
7 Шарифзода А. Новый монетный двор Саманидов // Сообщение НМТ.- Душанбе, № 2, 2017. -С. 176-180.
8 Мухторов С. Пул ва гардиши он / Сомониён: замон ва макон.-Душанбе, 2008.-224-228, Абдуллов К. Сиёсатномаи асри XXI.-Хуҷанд, 2003. - 940с.

дирҳампорааш дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҷамъоварӣ шудаанд ва калонтарин ганҷинаи дирҳамҳои сомонӣ дар Осиёи Миёна мебошад. Дар бораи ганҷинаҳои дирҳамҳои сомонии дар Тоҷикистон ёфтшуда мо дар боби III пурратар маълумот хоҳем дод.

Ҳамин тавр, омӯзиши сиккаҳои сомонӣ дар охири асри XVIII дар Аврупо, аз ҷумла дар Россия оғоз ёфта, дар асри XIX густариш меёбад. Дар ин кор саҳми олимони рус Х. Френ, В.В. Григорев, П. С. Савелев, В.В. Тизенгаузен, А. Марков ва Р. Р. Фасмер хеле калон аст. Онҳо доир ба дирҳамҳои дар Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ ёфтшуда чандин монографияҳои пурарзиш ва бунёдӣ чоп карданд. Омӯзиш ва нашри китобу мақолаҳо доир ба сиккаҳои сомонӣ дар Россия ва Аврупо то имрӯз бомуваффақият идома дорад. Дар Аврупо дар даҳсолаҳои охир чандин китобҳои бисёрҷилда доир ба дирҳамҳои сомонӣ чоп шуданд. Дар Осиёи Миёна ва пеш аз ҳама дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ва дар Эрон доир ба сиккаҳои сомонӣ як қатор китобу мақолаҳо чоп шуданд. Ҳамаи маводи чопшуда доир ба сиккасозӣ, муомилоти пулӣ ва тиҷорати байналмилалии Сомониён маълумоти ҷолибро дар бар гирифта, сарчашмаи муҳими таърихӣ мебошанд ва доираи пажуҳиши ин мавзӯъро фарохтар месозанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот омӯхтани Ганҷинаи Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ мебошад. Ин ганҷина калон буда, дар таркибаш асосан дирҳамҳои сомонӣ ва инчунин дирҳамҳои умавӣ, аббосӣ ва саффорӣ мавҷуданд, ки дар бораи таърихи Хуросону Мовароуннаҳр, аз ҷумла Хатлон маълумоти зиёдеро дар бар мегирад. Кушодани имкониятҳои сарчашмавии ин ганҷина ва пешниҳоди он барои истифодаи умуми донишмандони ҷаҳон дар ҳалли масъалаҳои таърихӣ, аз ҷумла тиҷорат ва муомилоти пулӣ мақсади асосии ин таҳқиқот мебошад. Вобаста ба ин мақсад вазифаҳои таҳқиқот аз инҳо иборат мебошанд:

1. Муайян кардани таркиби ганҷина ва муҳтавои он;
2. Муаррифии Ганҷинаи Кӯлоб ҳамчун дастоварди сиккашиносии тоҷик;

3. Гурӯҳбандӣ кардани дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб ба намудҳо ва гузинаҳо;
4. Тавсифи зарробхонаҳо, кашфи заробхонаҳои нав ва нодир.
5. Овардани маълумот дар бораи сулолаи ҳокимони Хуттал – Баниҷуриён дар асоси сиккаҳо ва қиёси он бо ахбори сарчашмаҳои хаттӣ.
6. Таҳқиқи муомилоти пулии Хатлон дар замони Сомониён дар асоси Ганҷинаи Кӯлоб.
7. Таҳлили вазъи сиёсӣ ва тиҷорати байналмилалии Сомониён дар асоси маълумоти сиккаҳо.
8. Баррасии андоза ва вазни дирҳамҳои сомонии Ганҷинаи Кӯлоб барои муайян кардани вазни меъёрии онҳо.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот.** Дар навиштани рисола сарчашмаи асосӣ 1405 дирҳами сомонӣ, саффорӣ, умавӣ ва аббосии Ганҷинаи Кӯлоб буданд. Навиштаҷоти ҳамаи сиккаҳои ин ганҷина, ки аксарияти мутлақашонро (97,9 % аз миқдори умумӣ) дирҳамҳои сомонӣ ташкил мекунанд, комилан хонда шуда, мансубияти сулолавӣ, маконӣ ва замонии онҳо муайян гардида, дар феҳрист ҷой дода шуданд ва ба рисола замима гардиданд. Барои такмили ахбори ба даст омада ва омӯзиши сиккаҳои Ганҷинаи Кӯлоб мо ахбори осори хатии арабию форсии дар замони Сомониён ва баъди он навишташударо истифода кардем. Асарҳои таърихӣ ва ҷуғрофии асримиёнагии форсӣ (тоҷикӣ) ва арабӣ, аз ҷумла осори Ал-Балозурӣ, Наршахӣ, Гардезӣ, Закариёи Қазвинӣ, Ибни Хурдодбеҳ, Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, Мақдисӣ, Аҳмади Фазлон, Ҳудудулолам, Таърихи Систон ва ғайра мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

Манбаи дигари мо осори илмии муҳаққиқони асрҳои XIX- аввали XXI мебошанд, ки характери сарчашмавӣ дошта, ба таърих ва сиккашиносии Сомониён бахшида шудаанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Диссертатсия дар асоси назария ва усулҳои таҳқиқотии сиккашиносони маъруфи Тоҷикистон, Россия ва кишварҳои Аврупо ва Америка, ки ба сиккаҳои сомонӣ бахшида шудаанд, навишта шудааст. Ба ин қатор олимони рус В. Тизенгаузен, А. К. Марков, А. А.

Биков, Б. Д. Кочнев, И. Г. Добровольский, М. Е. Массон ва олимони тоҷикистонӣ Е. А. Давидович ва Д. Довудӣ дохил мешаванд. Мо ҳамчунин аз методҳои илмӣ – муқоисавӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ, таснифӣ ва ба монанди онҳо васеъ истифода бурдем. Барои бештар кушодан ва истифода бурдани имкониятҳои сарчашмавии Ганҷинаи Кӯлоб, мо аз усулҳои таснифие, ки сиккашиносони маъруф Е. А. Давидович ва дигарон мураттаб сохтаанд, истифода бурдем.

**Ҳудуди замонӣ ва маконии таҳқиқот** давраи ҳукмронии Сомониён, яъне асрҳои IX-X-ро дар бар мегирад. Ин давраест, ки хонадони сомонӣ дар аввал ҳамчун коргузорони аббосӣ, намояндагон ва тобеони амирони Хуросон (Тоҳириён) ва сипас мустақилона дар қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр ҳукумат кардаанд. Амирони сомонӣ дар дирҳамҳо дар баробари номи худ, номи халифаҳои аббосиро ҳамчун пешвои руҳонии мусулмонони ҷаҳон ҷой додаанд. Ҳудуди зарби сиккаҳои Сомониён, асосан Хуросону Мовароуннаҳр ва як бахши шарқии Эронро дар бар мегирифт.

**Нововариҳои илмии диссертатсияро** метавон ба таври зайл баён кард:

1. Ганҷинаи Кӯлоб, ки аксарияти мутлақи онро (97,9 % аз миқдори умумӣ) дирҳамҳои сомонӣ ташкил мекунанд, бори нахуст мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Он аз рӯи миқдор дар айни замон калонтарин ганҷинаи дирҳамҳои сомонӣ дар Осиёи Миёна ба ҳисоб рафта, доир ба сиккасозӣ ва муомилоти пулии замони Сомониён маълумоти навро ироа мекунад.
2. Бори нахуст феҳристи мукаммали ин ганҷина тартиб дода шуда, ба матни рисола замима гардидааст.
3. Исбот карда мешавад, ки ин ганҷина аз ганҷинаҳои дигар бо он фарқ мекунад, ки дар таркибаш аз ҳамаи ганҷинаҳои маълуми дунё шумораи зиёди дирҳамҳои зарби Хуттал (581) мавҷуд аст. Ин дар ҳолест, ки дар ганҷинаҳои дигар дирҳамҳои сомонии Хуттал на бештар аз якчанд дона мебошанд. Ин имконият медиҳад, ки бисёр паҳлуҳои норавшан ва дақиқ

омӯхтанашудаи сиккасозӣ ва муомилоти пулии Хатлони замони Сомониён пурратар омӯхта шавад.

4. Мо дар Ганҷинаи Кӯлоб 39 намуд ва 77 гузинаи дирҳамҳои сомониро кашф, тавсиф ва баррасӣ намудем. Дар байни онҳо намуд ва гузинаҳои нав ва нодир зиёданд.
5. Дар ганҷинаи таҳқиқшаванда дирҳамҳои 12 зарробхона мавҷуданд, ки дар бораи самти алоқаҳои тиҷоратии Хатлон бо дигар минтақаҳои Хуросону Мовароуннаҳр маълумоти нав ва ҷолиб медиҳанд.
6. Дар таркиби Ганҷинаи Кӯлоб зарробхонаи нави Сомониён  - Вахш кашф карда шуд, ки то ҳол маълум набуд.
7. Дирҳамҳои зарробхонаи Суғд, ки 7 донааш дар ганҷинаи мавриди назар ҳастанд, ба қатори дирҳамҳои нодири сомонӣ дохил мешаванд.
8. Дар асоси дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб намояндагони нави сулолаи хутталии Баниҷуриён ошкор карда шуданд.

**Муқаррарот барои дифоъ чунинанд:**

1. Бинобар нисбатан кам ёфт шудани дирҳамҳои сомонӣ дар Тоҷикистон ва Осиёи Миёна омӯзиши бозёфтҳои нав аҳамияти калони илмӣ дорад;
2. Таҳлили таркиби Ганҷинаи Кӯлоб нишон медиҳад, ки дар муомилоти пулии Хатлони замони Сомониён дирҳамҳои маҳаллӣ нақши асосиро иҷро мекарданд;
3. Дар таркиби Ганҷинаи Кӯлоб намудҳои нави дирҳамҳои сомонӣ пайдо шуданд, ки барои таснифи намудии онҳо аҳамияти хос доранд;
4. Ташхиси Ганҷинаи Кӯлоб имконият дод, ки даврабандии муомилоти пулии Хатлон дар замони Сомониён бо маводи нав пурратар карда шавад;
5. Муайян карда шуд, ки авҷи сиккасозӣ дар Хатлони замони Сомониён ба давраи ҳукмронии Наср ибни Аҳмад ба  солҳои 310-314 ҳ.қ. рост меояд;
6. Дар асоси сиккаҳо муайян карда шуд, ки самтҳои асосии алоқаҳои тиҷоратии Хатлон дар асрҳои IX –X аз як сӯ бо Самарқанду Чоч ва аз сӯи дигар бо Балх, Андароба ва Маъдин будааст;
7. Дирҳамҳои Хуттал бо риояи вазни меъёрӣ, ки 2,9 гр. буд, зарб  шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти** Ганҷинаи Кӯлоб аз он иборат аст, ки доир ба сиккасозӣ ва муомилоти пулии Хатлони замони Сомониён маълумотҳои нав ва муҳим пайдо ва таҳқиқ гардид, ки онҳо барои омӯзиши минбаъдаи сиккасозӣ ва муомилоти пулии Сомониён, хосатан дар Хатлон ба пажуҳишгарон ёрии калон хоҳанд расонд. Мо дар бораи зарробхонаҳои Вахш, Суғд ва Хуттал, дар бораи сулолаи хутталии Баниҷуриён, дар бораи марҳилаҳои муомилоти пулии Хатлон дар замони Сомониён ва намуди дирҳамҳо маълумотҳои наве пайдо кардем, ки заминаи сарчашмавии сиккашиносии сомониро васеъ намуда, имконият медиҳад, ки паҳлуҳои гуногуни он дақиқтар омӯхта шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷа ва хулосаҳои онро метавонанд дар асарҳои ҷамбастӣ доир ба сиккасозӣ ва муомилоти пулии Сомониён, асарҳои бахшида ба таърих, тиҷорат ва муомилоти пулии Хатлон дар замони Сомониён истифода баранд. Сиккашиносон, аз ҷумла сиккашиносони ҳаваскор, кормандони осорхонаҳо ва дигар ҳавасмандон метавонанд феҳристи ин рисоларо, ки тавсиф ва акси сиккаҳоро дар бар мегирад, барои муайян кардани дирҳамҳои сомонии худ истифода баранд. Роҳбаладони осорхонаҳо метавонанд барои пешбурди экскурсияҳо маълумоти дар ин феҳрист овардашударо ироа кунанд. Дар донишгоҳҳо дар хондани дарсҳои тахассусӣ доир ба таърих ва сиккасозии Сомониён метавонанд аз рисолаи мо истифода баранд.

**Тақризи натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар Конференсияи дуюми байналмилалӣ доир ба Сиккашиносии Шарқ «ICON II», ки аз 26 то 29 сентябри соли 2016 дар Эрмитажи Давлатии ш. Санкт-Петербург баргузор шуда буд, дар шакли маърӯза баён карда шуданд. Диссертатсия дар ҷаласаи васеъи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳури Тоҷикистон дар таърихи 20.09.2019 муҳокима карда шуд. Дар мавзӯи диссертатсия муаллифи он чор мақола ва як монография нашр кардааст.

**Сохтори диссертатсия.** Дисертатсия дар ҳаҷми 179 саҳифаи матни компютерӣ, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва феҳристи сиккаҳо иборат мебошад.

# БОБИ I
# ГАНҶИНАИ КӮЛОБ ВА ОМӮЗИШИ СИККАҲОИ СОМОНӢ

## 1. Таркиби Ганҷинаи Кӯлоб

**Аз таърихи бозёфти Ганҷинаи Кӯлоб.** Баҳори соли 2015 ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон барои ташхис чор сиккаи нуқрагии навиштаҷоти арабидошта, ворид гардид. Баъди омӯзиш муайян кардем, ки сиккаҳои пешниҳодшуда дирҳамҳои сомонӣ буда, ба асри X тааллуқ доранд. Ва барои мо аз ҳама ҷолиб он буд, ки яке аз ин сиккаҳо дар Хуттал аз номи ҳокими он Ҷаъфар ибни Аҳмад зарб шуда буд. Гап дар сари он аст, ки дирҳамҳои сомонии зарби Хуттал то ҳол дар Тоҷикистон ва Осиёи Миёна ёфт нашуда буданд ва ин бозёфти аввалин буд. Бинобар аҳамияти хос доштани ин сиккаҳо мо дар пайи ба даст овардани маълумоти бештар дар бораи ин бозёфт шудем. Дар натиҷаи пурсуҷӯ маълум шуд, ки ин чор сикка аз ганҷинаи калоне мебошанд, ки сокинони деҳаи Бодомтуи ноҳияи Шамсиддин Шоҳин (собиқ ноҳияи Шӯробод) тасодуфан ёфтаанд. Ба дурустии ин овозаҳо мо вақте боварӣ ҳосил кардем, ки 15 декабри соли 2015 шаҳрванд Ниёзов С. ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон 201 сикка аз ин ганҷинаро пешниҳод кард. Аз рӯи овозаҳо сокинони маҳаллӣ сиккаҳои ёфтаашонро байни якдигар тақсим карда, як қисмашро ба шахсони гуногун фурӯхтаанд ва як миқдорашро ба заргарон барои сохтани ороишот додаанд. Яъне хавфи аз байн рафтан ва даст ба даст шудани ганҷина вуҷуд дошт ва бо назардошти ин ҳолат мо барои ҷамъоварӣ ва ба осорхона ворид кардани ин бозёфти нодир чораҳои фаврӣ андешидем.

Дар навбати аввал мо корманди осорхона Шарипов Асадуллоро ба деҳаи Бодомту равон кардем то ҳамроҳи фаъолони маҳаллӣ ба мардум аҳамияти махсус доштани ин бозёфт ва зарурати ба Осорхонаи миллӣ супоридани сиккаҳоро фаҳмонад. Баъдтар муаллифи ин сатрҳо шахсан ба деҳаи Бодомту сафар карда, ҷойи бозёфти сиккаҳоро аз назар гузаронида, дар бораи чигуна ёфт шудани сиккаҳо маълумоти дақиқ ҷамъоварӣ менамояд. Дар натиҷа маълум карда шуд, ки сиккаҳоро 15 апрели соли 2015 хонандагони мактаби миёнаи

№29 деҳаи Бодомту-Манучеҳри Ҷумъахон (таваллуди соли 2000), Ҳусейни Абдухалил (таваллуди соли 1999) ва Султони Ҷиёнхон (таваллуди соли 1998) ҳангоми ҷамъоварии растании шифобахши “шнк” аз замини шудгоршудаи атрофи Бодомту, ки онро сокинони деҳа «замини бобои Шер» меноманд, ёфтаанд. Сиккаҳо дар кӯзаи мисӣ (ё биринҷӣ) буданд ва трактор ҳангоми шудгор онро зер карда, як паҳлуяшро чок намудааст ва як миқдори сиккаҳо ба замин рехтанд. Бачаҳо сиккаҳои ёфтшударо байни худ тақсим карда, ба деҳа бармегарданд. Баъдтар волидайни онҳо як миқдори дирҳамҳоро ба хешу табори дуру наздики худ тақсим мекунанд. Сокинони деҳа ашёи қадима ва муҳим будани сиккаҳоро нафаҳмида, 150 донаи онро ба як заргар дар Кӯлоб додаанд ва ӯ аз онҳо ороишоти занона сохтааст. Аз 70 дирҳами дигар гушвору дастмона ва зеби гардан сохта мешавад. Хушбахтона, дар натиҷаи корҳои фаҳмондадиҳӣ ба мо муяссар шуд, ки қариб ҳамаи сиккаҳои боқимондаро аз сокинони деҳа ҷамъоварӣ карда, барои Осорхонаи миллӣ харидорӣ намоем. Дар маҷмӯъ 1405 дирҳам ва 104 дирҳампораҳои ин ганҷинаи қиматбаҳои таърихӣ ба фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон ворид карда шуд ва ҳоло дирҳаму дирҳампораҳои ин ганҷина зери рақамҳои давлатии КВ-15409\1-1506, КВ-16041, КВ-16042 ва КВ-16043 дар ин ҷо нигоҳ дошта мешаванд. Илова бар ин боз 200 дирҳами ин ганҷина тавассути миёнаравон ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон пешниҳод шуд. Аммо харидории онҳо новобаста аз кӯшишҳои мо муяссар нашуд. Тахминан 50 адади дирҳамҳои ин ганҷина берун аз осорхонаҳо нигоҳ дошта мешаванд. Дертар панҷ дирҳами дигари ин ганҷина ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон эҳдо мешавад. Миқдори дирҳамҳои ба мо маълумшудаи Ганҷинаи Кӯлоб ба 1880 мерасад. Шак нест, ки шумораи умумии дирҳамҳои ганҷинаи мазкур аз 1880 дона ҳам бештар будааст.

Соҳиби Ганҷинаи Кӯлоб кӣ буд? Мо ҷои ганҷина ёфтшударо бо диққат аз назар гузаронидем, аммо сафолпора ё дигар ашёи таърихӣ ва қабати бостониро мушоҳида накардем. Дар ин асос мо ба хулосае омадем, ки ганҷина берун аз маҳалли истиқоматӣ зери хок пинҳон карда шудааст. Наздиктарин мавзеъи аҳолинишин ба ҷои бозёфти Ганҷинаи Кӯлоб деҳаи Бодомту мебошад. Аз ин рӯ,

аввалин фикре, ки ба сар меояд, ин бо ҳамин деҳа алоқамандӣ доштани ганҷина мебошад. Барои ин мо деҳаи Бодомтуро аз назар гузарондем. Дар бахши ғарбии деҳа дар масоҳати тақрибан 200-300 метр сокинони маҳаллӣ зарфҳо, хиштҳои пухта ва дигар осори қадима меёбанд. Мо низ аз ин мавзеъ аз рӯи замин як миқдор сафолпораҳои сирдори гулдори заминашон сафед пайдо кардем, ки ба асри X, яъне ба замони Сомониён тааллуқ доранд. Дар ҷараёни таҳқиқот мо ҳамчунин як миқдор сиккаҳои асримиёнагӣ ёфтем, ки баъзеаш ба сиккаҳои ғазнавӣ монандӣ доранд. Як сокини маҳаллӣ дар ҳавлиаш боқимондаҳои девори аз хишти пухта сохташударо пайдо кардааст, ки он низ бо эҳтимоли зиёд ба давраи Сомониён мансуб мебошад. Аз қисми ғарбии деҳаи Бодомту сокинони он ҳангоми кишту кор ва сохтмон лӯлаҳои баландсифати гилӣ, зарфҳои гуногуни сирдор ва  мунаққаши ангобию оддӣ, дастаи биринҷии офтоба, қисми болоии чароғи биринҷӣ ва як адад лаълии биринҷиро   ёфтаанд, ки ҳамаи онҳо ба давраи Сомониён мансуб мебошанд. Лаълӣ 225 мм диаметр ва 30 мм баландӣ дошта, дар маркази қисми даруниаш як чорво ҳангоми хиромидан тасвир шудааст. Дар атрофи тасвири марказӣ боз ба таври ҷудогона симои панҷ шахс дар ҳолати нишаста ҳаккокӣ шудаанд, ки аз ин миқдор ду нафар ба суҳбат, як нафар ба найнавозӣ як нафар ба навохтани барбат ва шахси дигар ба рехтани шароб машғул мебошад. Тасвири инсонҳо аз ҳамдигар бо тасвири мевагири баландпоя ҷудо карда шудаанд. Ин лаълӣ ҳамчун бозёфти нодир аҳамияти махсуси илмӣ дорад.  Ҳамчунин сокини дигари маҳаллӣ зарфи сафолиеро ёфтааст, ки бо ранги ҷигарӣ гулкорӣ шудааст ва он дақиқан ба асри X ба замони Сомониён тааллуқ дорад. Ин зарф гумбазмонанд буда, таг надорад, яъне тагаш кушод аст ва дар танааш гирдогирд дар се ҷо яктогӣ сӯрохи секунҷа дорад. Ин сӯрохҳо яқин барои даромадани ҳаво буданд. Корбурди ин зарф дақиқ маълум нест, шояд он қафас барои нигоҳ доштани кабк бошад.

Сокини маҳаллӣ, хонандаи синфи 9 Зебо Аюбзода дар канори шарқии деҳаи  Бодомту як дирҳами калонро ёфтааст, ки дар он номи амири сомонӣ Мансур ибни Нуҳ ва султон Маҳмуди Ғазнавӣ навишта шудааст. Дар асоси ин бозёфтҳо бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки дар асри X-аввали XI дар ин

бахши деҳаи Бодомту шаҳр ё шаҳраке вуҷуд доштааст. Дар ин асос бо эҳтимоли зиёд фарз кардан мумкин аст, ки ганҷина ба яке аз сокинони сарватманди шаҳри Бодомтуи асри Х тааллуқ доштааст. Бояд дар назар дошт, ки чунин ганҷинаҳои калон аксаран дар натиҷаи доду гирифти калони тиҷоратӣ пайдо мешаванд. Яъне, аз наздикии деҳа бояд роҳи тиҷоратӣ мегузашт. Дар ҳақиқат мутобиқи нақли сокинони маҳаллӣ аз паҳлуи мавзеи бозёфти ганҷина аз он тарафи сой болои теппа аз ғарб ба ҷониби шарқ ба сӯи Афғонистон роҳи тиҷоратӣ мегузашт. Шубҳае нест, ки сокинони деҳаи Бодомтуи асри Х дар тиҷорат бо ин роҳ иштирок мекарданд. Зиёда аз ин, аз эҳтимол дур нест, ки яке аз сабабҳои дар ин мавзеъ дар асри Х пайдо шудани шаҳр мавҷудияти ҳамин роҳи тиҷоратӣ буд. Яъне, тоҷирон дар ин деҳа метавонистанд истода дам гиранд, барои ҳайвонҳои боркаш ва худашон ғизо захира кунанд ва баъди ин роҳи худро идома диҳанд. Ганҷинаи Кӯлоб шояд ба яке аз сокини шаҳри Бодомтуи асри Х, ки дар тиҷорат фаъолона иштирок мекард, таалуқ дошт. Имконияти ба тоҷири беруна таалуқ доштани ганҷина камтар аст, гарчи ғайри имкон нест. Хулоса дар ин мавзеъ пинҳон карда шудани ганҷина тасодуфӣ набуда, бо шаҳри Бодомтуи асри Х ва роҳи тиҷоратие, ки аз канори он мегузашт, вобаста будааст.

Ганҷинаи Кӯлоб барои омӯзиши сиккасозӣ ва муомилоти пулии давлати Сомониён аҳамияти махсус дорад, чунки он калонтарин ганҷинаи дирҳамҳои сомонии дар Тоҷикистон ва Осиёи Миёна ёфтшуда мебошад. Аммо Ганҷинаи Кӯлоб аз ҷиҳати шумораи зиёди дирҳамҳои Хуттали даврони Сомониён дар ҷаҳон дар ҷои аввал қарор дорад. То ҳол ганҷинаҳои калони дирҳамҳои сомонӣ танҳо дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ, аз ҷумла Россия, Украина, Беларусия, Шветсия, Полша, Олмон, Эстония ва ғайра ёфт шуда буданд. Дар ин асос пажуҳишгарон ба хулосае омада буданд, ки ин дирҳамҳоро асосан барои тиҷорати берунӣ истифода мебурданд ва дар муомилоти пулии маҳаллии Хуросону Мовароуннаҳр онҳо чандон нақши назаррас надоштанд. Ганҷинаи Кӯлоб ва ду ганҷинаи калони дар Ӯзбекистон ёфтшуда, дар бораи нақши онҳо дар муомилоти маҳаллӣ маълумоти нав ва муҳимро дар бар мегиранд ва имконият медиҳанд, ки ба ин масъала аз паҳлуҳои дигар назар карда шавад.

**Таркиби Ганҷинаи Кӯлоб**. Аз Ганҷинаи Кӯлоб ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон 1405 дирҳам ва 104 дирҳампора ворид шудааст ва онҳо зери рақамҳои КВ-15409/1-1506, КВ-16041, КВ-16042, КВ-16043 нигоҳдорӣ мешаванд. Аммо аз рӯи маълумоти гирдовардаи мо миқдори аслии сиккаҳо аз ин зиёд будааст. Аз ҷумла, тавре ки мо дар боло ёдовар шудем, як сокини деҳаи Бодомту 150 дирҳами ин ганҷинаро ба заргаре дар шаҳри Кӯлоб додааст, ки барои ӯ зевар созад. Мо бо ин заргар суҳбат доштем ва ӯ тасдиқ кард, ки воқеан ӯ ин 150 дирҳамро гудохта ороишоти занона сохтааст. Тақрибан 15-20 дирҳам аз ин ганҷина ба дасти сиккашиносони ҳаваскор афтидааст. Шояд 10-20 донаи дигараш ҳам дар дасти мардум бошанд. Хулоса мо ин масъаларо пурра омӯхтем ва бо боварӣ гуфта метавонем, ки миқдори умумии дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб на камтар аз 1900 дона будааст. Аммо таҳқиқоти мо танҳо ба ҳамон бахши ганҷина, ки дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон нигоҳдорӣ мешаванд, яъне ба 1405 дирҳам ва 104 дирҳампора бахшида шудааст.

Ҳолати сиккаҳо ҳангоми бозёфт хуб буда, танҳо болои якчанд донааш каме ранги сабзча доштанд ва навиштаҷоти аксари сиккаҳо хонда мешавад. Бо вуҷуди ин, баъди ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон ворид шудани ганҷина ҳамаи сиккаҳои онро тармимгар Ф. Назаров бо оби муқаттар тоза намуда, як теъдод сиккаҳои занги сабзча доштаро бо маҳлули 10 % оби лимӯ ва трилион Б тоза карда, баъди ин дар оташдони махсус хушк кард. Пас аз хушк кардан сиккаҳоро бо маҳлули 10 % параллоид В 82 дар атсетон таҳким карданд, то аз таъсири ҳаво ва нам эмин бошанд ва зангназананд. Сабаби хуб боқӣ мондани сиккаҳо ба ғайр аз нуқра буданашон, боз дар он буд, ки онҳо дар даруни кӯзаи мисӣ буда аз таъсири боду ҳаво ва намнокӣ эмин буданд. Зимнан мо кӯзаи мазкурро пайдо карда натавонистем, зеро он аз ҷониби яке аз ёбандагони дафина - Ҳусейни Абдухалил ба тоҷирони оҳанпора то ба Бодомту рафтани мо аллакай фурӯхта шуда буд. Қисми зиёди сиккаҳо бисёр соиш хӯрдаанд ва навиштаҷоташон қисман судда шуда, аз байн рафтааст. Бо вуҷуди ин, бахшҳои асосии навиштаҷот дар аксари сиккаҳо хонда мешаванд ва мансубияти онҳо муайян карда шудааст.

Зоҳиран дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб аз нуқраи баландиёр сохта шудаанд, ташхиси озмоишгоҳии фулузи (метали) онҳо гузаронда нашудааст.

Ганҷинаи Кӯлоб ба асрҳои VIII – X тааллуқ дорад. Қадимтарин сиккааш соли 92/710-711 зарб шуда, он дирҳами умавӣ мебошад. Аз ҳама сиккаи баъд зарбшудаи ин ганҷина ба Сомониён тааллуқ дорад ва он соли 316 /928-929 зарб шудааст. Ганҷинаи Кӯлоб дар умум 224 солро дар бар мегирад. Аммо қисми асосии онро дирҳамҳои сомонӣ ташкил мекунанд ва онҳо солҳои 280 / 893-894 - 316/928-929, яъне 36 солро дар бар мегиранд.

Дар таркиби Ганҷинаи Кӯлоб сиккаҳои чор сулола мавҷуданд: 1. Умавиён; 2. Аббосиён; 3. Саффориён; 4. Сомониён. Аз байни онҳо дирҳамҳои сомонӣ аксарияти мутлақро (97,9%) ташкил мекунанд (ниг. Ҷадвали 1).[1] Сиккаҳои се сулолаи дигар (Умавиён, Аббосиён, Саффориён) хеле камшумор буда, якҷоя 2,0% -ро ташкил мекунанд. Аз байни онҳо сиккаҳои Аббосиён каме сершумортар 0,164% мебошанд. Илова бар ин, дар ганҷинаи мазкур ҳамагӣ як сиккаи "исёнгар" – дирҳами Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ низ ҳаст, ки он 0,071%-ро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 1.

Ганҷинаи Кӯлоб

| № | Номи сулола | Шумораи сиккаҳо | % |
|---|---|---|---|
| 1 | Умавиён | 1 | 0,071 |
| 2 | Аббосиён | 23 | 1,71 |
| 3 | Саффориён | 4 | 0,28 |
| 4 | Дирҳами исёнгар | 1 | 0,071 |
| 5 | Сомониён | 1371 | 97,9 |
| | Ҳамагӣ | 1399 | |

Чи тавре ки мушоҳида мешавад, дар Ганҷинаи Кӯлоб ягон сиккаи Тоҳириён мавҷуд нест. Ҳол он ки Хатлон ба қаламрави Тоҳириён дохил мешуд ва тибқи маълумоти Ибни Хурдодбеҳ Хатлон хироҷпардози Тоҳириён буд.[2] То ҳол сиккаҳои тоҳирии Хатлон ба мо маълум нест ва ҳам то имрӯз аз Хатлон ягон сиккаи тоҳирӣ ба даст наомадааст. Инчунин камии дирҳамҳои саффорӣ низ диққатҷалбкунанда мебошад ва умуман то имрӯз дирҳамҳои саффорӣ аз

---

[1] Панҷ сиккаи зарбнашуда, ки (Ниг. Феҳрист №1400-1404) болояшон суфта ва бекатиба мебошад, дар ин ҳисоб дохил намешаванд.

[2] Акбарӣ А. Таърихи ҳукумати Тоҳириён аз оғоз то анҷом.-Теҳрон, 1387.-С. 400

Тоҷикистон ба даст наомадаанд ва акнун ҳамагӣ чор дирҳам ва як дирҳампораи саффорӣ дар Ганҷинаи Кӯлоб кашф шудааст. Албатта, ин мавзӯъ таҳқиқи амиқтаре мехоҳад ва дар айни ҳол дар такя ба маводи бадастомада гуфтан мумкин аст, ки дар муомилоти пулии Хатлони қабл аз Сомониён дирҳамҳои Саффориён нисбати сиккаҳои Тоҳириён бартарӣ доштанд.

Дар зер тавсифи сиккаҳои Ганҷинаи Кӯлобро аз рӯи сулолаҳо пешкаш менамоем.

**Дирҳамҳои Умавиён**

Дар Ганҷинаи Кӯлоб ҳамагӣ як дирҳами умавӣ мавҷуд аст (Феҳрист, №1). Дар он мисли аксар дирҳамҳои умавӣ номи халифа ё ягон ҳокими дигар навишта нашудааст. Соли зарби он соли 92/710-711 мебошад. Номи зарробхона, аз чор ҳарф иборат буда, равшан ва хоно навишта шудааст, аммо шинохти он душвор мебошад. Ҷолиб он аст, ки шакли навишти номи зарробхона аз қисматҳои дигари навиштаҷоти ин сикка, ки бо хатти куфӣ иҷро шудаанд, фарқ дорад. Он бо хатти куфии моил ба хатти насх навишта шудааст. Хусусияти дигараш он аст, ки дар поён ва болои ҳарфҳои он нуқта гузошта шудааст. Ин дар ҳолест, ки дар дирҳамҳои умавӣ маъмулан нуқта гузошта намешуд. Дар ин калима як нуқта дар зери ҳарфи якум, ду нуқта дар болои ҳарфи дуюм ва як нуқта дар болои ҳарфи охирин, яъне чорум гузошта шудааст. Ба назар чунин мерасад, ки ин нуқтаҳо огоҳона гузошта шудаанд, яъне марбут ба ҳарфҳо мебошанд ва хусусияти ороишӣ надоранд. Бо назардошти ин нуқтаҳо хониши "би Руқуз" ? ё "би Рақуз"?

воқеъитар ба назар мерасад. Шакли "Дуқуз" чандон боварибахш нест, чунки ҳарфи "д" дар қисматҳои дигари навиштаҷоти ин сикка шакли дигар дорад. Аммо агар чунин шуморем, ки бинобар ба куфӣ навишта нашудани ин калима ҳарфи "д" он шакли дигар дорад, пас эҳтимоли Дуқуз хондани он низ вуҷуд дорад. Рамуз хондани ин калима танҳо дар он ҳолат имкон дорад, агар нуқтаҳоро ороишӣ пиндорем. Хулоса, дар айни замон се хониши ин ном имкон дорад – Дуқуз, Руқуз ё Рамуз.

Довудӣ Д. шакли Рамузро дурусттар шумурда, онро шакли ихтисор ва ё арабишудаи номи шаҳри Рам –Ҳурмузд мешуморад, ки он дар вилояти ҷанубу –

ғарбии Эрон дар Хузистон (Эломи қадима) ҷойгир аст. Ин зарробхона дар давраи Сосониён амал мекард.[1]

Хулоса, алҳол шакли дуруст ва ниҳоии хониши ин ном вуҷуд надорад. Масъалаи чаро номи зарробхона бо хатти дигар навишта шудааст, низ аз муаммоҳое мебошад, ки дар оянда бояд ҳалли худро ёбад.

Ин дирҳам ду сӯрохи хурди росткунҷанамо дорад, ки дар ду канори мутақобил ҷойгир мебошанд. Онҳо дар қадим ба мақсади ҳамчун ороишот истифода бурдани ин дирҳам сӯрох карда шудаанд. Сикка ё дар шаддаи муҳраҳои зеби гардан овезон будааст ё дар асбоби дигари ороишӣ бо мехча часпонда шуда будааст. Сиккаҳои сӯрохдор дар таркиби ганҷинаҳои замонҳо ва кишварҳои гуногун ёфт мешаванд. Онҳо ду марҳилаи мавҷудиятро аз сар мегузаронанд: Дар марҳилаи якум онҳо бо ин ё он сабаб аз муомилот берун шуда, ҳамчун ороишот истифода бурда мешаванд, яъне амалан аз воҳиди пулӣ ба зевар, яъне ороишот табдил меёбанд. Дар марҳилаи дуюм эҳтимол бинобар камбуди пулӣ онҳоро аз ороишот ҷудо карда дубора ба муомилоти пулӣ ворид месозанд, яъне ҳамчун пул истифода бурда мешаванд ва онҳо дубора сифати аслии худро пайдо мекунанд. Ин андешаҳоро он чиз низ тақвият медиҳад, ки ин дирҳами умавӣ, ки соли 92/710-11 зарб шудааст, дар Ганҷинаи Кӯлоб қадимтарин буда, байни он ва дуюмин сиккаи қадимтарини ин ганҷина, ки соли 134/751-52 бароварда шудааст, 42 сол фосила аст. Ин санад ҳам гувоҳӣ он аст, ки ин сикка муддати дароз дар муомилот набуда, тақрибан баъди соли зарби дуюмин сиккаи қадимтарини ганҷина, яъне баъди соли 134/751-52 дубора ба муомилот баргаштааст.

Сабаби дар Ганҷинаи Кӯлоб ҷой доштани ҳамагӣ як дона дирҳами умавӣ дар он аст, зарби онҳо 179 сол пеш аз марҳилаи охири ташаккулёбии Ганҷинаи Кӯлоб қатъ гардида буд ва онҳо кайҳо аз муомилот берун шуда буданд.

## Дирҳамҳои Аббосиён

Дар Ганҷинаи Кӯлоб 23 дирҳами аббосӣ мавҷуд аст, ки 1,71 % -ро аз миқдори умумӣ ташкил мекунанд. Дар ду дирҳам, ки солҳои 134 /751-752 ва

---
[1] Довуди Д. Бухархудатские, сасанидские и омейядские дирхемы Таджикистана. -Душанбе, 2018. - С.33-34.

145/762-763 дар шаҳри Басра зарб шудаанд, номи халифаҳо навишта нашудааст. Як дирҳам аз номи писари халифа ал-Мустаъин ал-Аббос ибни (Амир) ал-Муъминин дар Шош соли 250 / 864-865 зарб шудааст. Дирҳамҳои боқимонда аз номи халифаҳо ал-Муътаз, ал-Муътамид, ал-Муътазид, ал-Муктафӣ, ал-Муқтадир дар солҳои 251/ 865 - 296 / 908-909 дар шаҳрҳои Мадинатуссалом, Нисибин, Аҳвоз, Ҷураш?, Нишопур, Панҷҳир, Шош, ва Самарқанд зарб шудаанд. Аз ин нуҳ шаҳр ду ададаш дар Ироқ, ду ададаш дар Эрони ғарбӣ, ду ададаш дар Хуросон ва ду ададаш дар Мовароуннаҳр ҷойгир буданд. Аз ҳама бештар сиккаҳои Шош (5 дона) ва баъди он сиккаҳои Мадинатуссалом, яъне Бағдод (3 дона) мебошанд, ба Басра ва Нисибин ду сиккаӣ ва ба шаҳрҳои боқимонда як сиккаӣ рост меояд.

Аз лиҳози солшуморӣ (хронология) ду дирҳами Басра нисбат ба дигар дирҳамҳои аббосии ганҷина хеле қадимтар буда, ба солҳои 134 /751-752 ва 145 / 762-763 тааллуқ доранд, фосилаи замонӣ байни онҳо ва дигар дирҳамҳои аббосии ганҷина 105 солро ташкил мекунад. Боқимонда дирҳамҳои аббосии ганҷина гурӯҳи нисбатан яклухтро ташкил карда ба солҳои 250 / 864-865 - 296 / 908-909 мансубанд.

Нуктаи дигари сазовори ёдоварӣ он аст, ки дар сиккаи Шош, ки соли 250 / 864-865 аз номи халифа ал-Мустаъин ва писари ӯ “ал -Аббос ибн амир ал-муъминин” зарб шудааст, номи амири сомонӣ, ки дар ин вақт сардори сулола ва ҳокими Самарқанд буд, ёд нашудааст. Номи халифа дар пушти сикка ва номи писараш дар рӯи сикка навишта шудааст. Сиккаҳои дигар низ маълуманд, ки дар шаҳрҳои гуногуни хилофат, аз ҷумла дар Самарқанд, соли 250/864-865, Самара, соли 250/864-865, Арминия соли 249/863-864 аз номи ин халифа ал-Мустаъин ва ворили ӯ “ал –Аббос ибн амир ал-муъминин” зарб шудаанд. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки номи ал-Аббос дар ин сиккаҳо, аз ҷумла дирҳами Шош ҳамчун вориси тахт ёд шудааст. Мутобиқи баъзе маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ

дар ин сол амаки амир Наср ибни Аҳмад Муҳаммад ибни Нуҳ ҳокими Шош буд.[1]

Тавре ки маълум аст, Сомониён дар ибтидо тобеи ҳокимони Хуросон - Тоҳириён буданд. Баъди шаҳри Нишопур-пойтахти Хуросонро ишғол кардани Саффориён ва барҳам хӯрдани давлати Тоҳириён халифаи Бағдод барои пеши роҳи нерӯмандшавии ин сулоларо гирифтан соли 875 ба амир Наср, ки сардори сулолаи Сомониён буд, фармон фиристода ӯро ҳокими Мовароуннаҳр таъин мекунад. Сомониён, ки то ин замон ҳуқуқи танҳо сиккаи мисӣ баровcovарданро доштанд, акнун метавонистанд дар қаламрави давлаташон аз нуқра ва тилло низ сикка бароранд. Дар робита ба ин, дирҳамҳои аббосии Ганҷинаи Кӯлоб, ки баъди соли 875 дар Шош баровaрда шудаанд, ҷолиб мебошанд. Онҳо дар солҳои 270 / 883-884, 277 / 890-91, 288 / 900-901 (Феҳрист № 13, 16, 20,21) зарб шудаанд. Ҷолибияти ин сиккаҳо дар он аст, ки дар онҳо танҳо номи халифаҳо ал – Муътамид ва ал- Муътазид ҷойгир буда, номи амирони сомонӣ навишта нашудааст. Ба ақидаи таърихшиносон ин падида сабабҳои сиёсӣ дошта мубориза҆ҳои дохилисулолавиро байни бародарон, писарони Аҳмад ибни Нуҳ инъикос менамояд. Наср ибни Аҳмад, ки ҳокими Самарқанд буд, баъди марги падараш Аҳмад ибни Нуҳ дар соли 864 сардори сулола интихоб мешавад. Дар Шош аввал амакаш Муҳаммад ибни Нуҳ ва баъди ӯ бародараш Яъқуб ҳоким буданд. Муҳаммад ибни Нуҳ Насрро ҳамчун сардори сулола эътироф карда аз номи ӯ сиккаҳои мисӣ мебаровард. Аммо бародараш Яъқуб ӯро ҳамчун сардори сулола эътироф накарда аз номи худаш сикка мебаровард.[2] Дар робита бо гуфтаҳои боло як дирҳами дар Шош соли 270 / 883-884 зарбшуда, ки дар рӯяш дар марказ зери калимаи тавҳид номи Муҳаммад навишта шудааст, ҷолиб мебошад. Ин сиккаро бо эҳтимоли зиёд ба Муҳаммад ибни Нуҳ нисбат додан мумкин аст, аммо ба шарте, ки ҳукмронии ӯ то соли зарби он давом карда бошад. Боқимонда дирҳамҳои Шош бе номи амири сомонӣ, бо эҳтимоли зиёд дар давраи дар ин шаҳр ҳукмронӣ кардани Яъқуб ибни Аҳмад зарб шудаанд. Дар нисбати ин

[1] Давидович Е.А. Нумизматические материалы для истории развития феодальных отношений в Средней Азии при Саманидах // Труды АН Таджикской ССР, т. XXVII. - Сталинабад, 1954. - С.80-83.
[2] Гафуров Б. Таджики, древнейшая, древняя и средневековая история. М., 1972. - С.338.

дирҳамҳо бояд таъкид кард, ки номи  Яъқуб ибни Аҳмад дар онҳо навишта нашудааст.

Дар рӯи як дирҳам бо номи халифа ал-Муътамид (256-279/870-892), ки сол ва ҷои зарбаш судда шуда, боқӣ намондааст, баъди номи халифа номи ним суддашуда Аҳмад ... ва дар пушташ ва дар зери он боз як калимаи базӯр намоёни нохоно мавҷуд аст. Мансубияти ин номҳо маълум нест. Дар робита бо ин сикка гуфтан лозим аст, ки яке аз ҳокимони сулолаи Баниҷуриён, ки як сиккааш дар Ганҷинаи Кӯлоб низ ҳаст, Аҳмад ибни Муҳаммад ном дошт. Шояд ин сикка ба ӯ тааллуқ дошта бошад.

Дар рӯи дирҳами Нишопур, ки соли 268/881-882 бо номи халифа ал-Муътамид зарб шудааст, номи Аҳмад ибни Абдуллоҳ хонда мешавад. (Феҳрист №10). Дар ин солҳо Нишопур дар дасти сулолаи Саффориён буд, аммо номи сардори ин сулола Амр ибни Лайс  (265-288/ 879-901) дар ин дирҳам ёд нашудааст. Сабаб дар он аст, ки ошӯбгарони Нишопур бо сардории Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ соли 875 бар зидди Саффориён шӯриш бардошта аз итоати ӯ мебароянд ва Хуҷистониро ҳокими ин шаҳр эълон мекунанд ва ӯ то соли 882 дар инҷо ҳукмронӣ мекунад.[1]

Дирҳами дигари мавриди таваҷҷуҳ (КВ-15409/19) аз номи халифа ал-Муътазид (солҳои 279-289/892-902) дар соли 284/898 зарб шудааст. Номи зарробхона (      ) равшан ва хоно аст, аммо шинохташ ва муайянкунии мавзеъи ҷойгиршавиаш мушкил ва то ҷое баҳсбарангез мебошад. Номи шаҳр аз се ҳарф иборат буда, пеш аз он калимаи “мадинат” истодааст. Зоҳиран он ба назар

“Мадинату Ҷураш” мерасад. Шаҳри Ҷураш дар ҳудуди Урдуни имрӯза ҷойгир аст ва дар замони Умавиён ва Аббосиён дар он сикка зарб мешуд. Аз рӯи тарзи навишти ҳарфҳо ва равиши онҳо ин хониш дуруст ба назар мерасад. Аммо як чиз дар ин сиккаҳо баҳснок менамояд. Гап дар сари он аст, ки дар рӯи ин дирҳам зери калимаи тавҳид номи Муҳаммад ибни  Аҳмад навишта шудааст.

Ҷадвали 2

[1] Дар бораи ин шахс мо дар Боби II маълумоти бештар хоҳем дод.

Дирҳамҳои аббосии Ганҷинаи Кӯлоб

| № | Номи халифа | Номи волӣ | Сол | Зарробхона |
|---|---|---|---|---|
| 1 | - | - | 134 /751-752 | Басра |
| 2 | - | - | 145 / 762-763 | Басра |
| 3 | ал-Мустаъин | ал-Аббос ибни (Амир) ал-муъминин | 250 / 864-865 | аш-Шош |
| 4 | ал-Муътаз | - | 251?/ 865 | Нисибин |
| 5 | ал-Муътаз | - | 2... | ... |
| 6 | ал-Муътаз | - | 25... | ... |
| 7 | ал-Муътамид | - | 253? / 867 | Панҷҳир |
| 8 | ал- Муътамид | - | 260 / 873-874. | ... |
| 9 | ал-Муътамид | Аҳмад ибни Абдуллоҳ | 268/881-882 | Нишопур |
| 10 | ал-Муътамид | - | 27 / 883-884 | Аҳвоз |

Ҷадвали 2, давомаш

Дирҳамҳои аббосии Ганҷинаи Кӯлоб

| № | Номи халифа | Номи волӣ | Сол | Зарробхона |
|---|---|---|---|---|
| 11 | ал-Муътамид | - | 270 / 883-884 | ... |
| 12 | ал-Муътамид | Муҳаммад | 270 / 883-884 | аш-Шош |
| 13 | ал-Муътамид? | | - | - |
| 14 | ал- Муътамид ? | - | - | - |
| 15 | ал-Муътазид, | - | 277 / 891 | аш-Шош |
| 16 | ал- Муътазид | - | 281 /895 | Мадинатуссалом |
| 17 | ал-Муътазид | - | 282 / 896 | Мадинатуссалом |
| 18 | ал-Муътазид | | 284 / 898 | Ҷураш? |
| 19 | ал-Муътазид | - | 286 /900 | аш – Шош |
| 20 | ал-Муътазид | - | 288 / 900-901 | аш-Шош |
| 21 | ал-Муътазид | - | 279 / 892- | Самарқанд |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | 893 | |
| 22 | ал-Муктафӣ | - | 293 / 905-906 | Нисибин |
| 23 | ал- Муқтадир | | 296 / 908-909 | Мадинат ал – салом |
| 24 | ал-Муътамид ё ал-Муътазид? | - | - | - |

Дар Ганҷинаи Кӯлоб дирҳамҳое ҳастанд, ки ба сулолаи хатлонии Баниҷуриён тааллуқ дошта, дар онҳо ҳамин ном навишта шудааст.

Инҷо саволе ба миён меояд, ки оё дар ҳарду намуд сиккаҳо як шахс ё шахсони гуногуни ҳамном ёд шудаанд. Дар ҳолати пазируфтани фарзияи дуюм Муҳаммад ибни Аҳмад ҳокими шаҳри Ҷураш? будааст. Дар сурати қабул кардани фарзияи якум номи зарробхона бояд дигар хел хонда шавад, чунки ҳокимияти Баниҷуриён дар ҳудуди Хуросони Шарқӣ буд, аммо шаҳри Ҷураш дар Шарқи Наздик ҷойгир буд. Ба наздикӣ акси як дирҳами ин шаҳр аз ҷониби сикашиноси москвагӣ Калинин дастраси мо шуд, ки он ҳам соли 284/898 зарб шуда, дар як тарафаш Муҳаммад ибни Аҳмад ва дар тарафи дигараш номи амири сомонӣ Аҳмад ибни Исмоил навишта шудааст. Аз ин бар меояд, ки сиккаи мазкур дар яке аз шаҳрҳои тобеи Сомониён зарб шудааст ва номи зарробхона зоҳиран ба Ҷураши Урдун монанд аст.

Тавре ки мебинем, дирҳамҳои аббосӣ низ дар Ганҷинаи Кӯлоб хеле каманд – 23 дона ё 1,7 % аз миқдори умумӣ. Охирин дирҳами аббосии ин ганҷина соли 296/909 зарб шудааст. Сабаби кам будани дирҳамҳои аббосӣ нисбати дирҳамҳои сомонӣ дар он аст, ки аз аввалҳои асри X сикказании давлати Сомониён, бахусус дирҳамҳои баландиёри сомонӣ авҷ мегирад ва ин дирҳамҳо ҳам дар Мовароуннаҳру Хуросон ва ҳам дар Аврупо ҷойи сиккаҳои аббосиро дар муомилоти пулии ин минтақаҳо танг менамоянд.

## Дирҳамҳои Саффориён

Дар Ганҷинаи Кӯлоб ҳамагӣ 4 дирҳами саффорӣ ҳаст (Феҳрист № 26-29), ки аз миқдори умумӣ 0, 28 % ташкил мекунанд. Ҳамаи онҳо аз номи Амр ибни Лайс зарб шудаанд. Сол дар ду сикка ва номи зарробхона дар се сикка боқӣ

мондааст (Ҷадвали 3). Дар як сикка (Феҳрист №26)  номи ду халифа дар рӯй ва пушти  сикка навишта шудааст, аммо номи халифаи дуюм дуруст хонда намешавад ва эҳтимоли Муътаз будани он  низ кам аст. Сикаи № 28 (ниг.Феҳрист) дар ду канори мутақобилаш яктоӣ сӯрох дорад.

Ҷадвали 3

Дирҳамҳои саффории Ганҷинаи Кӯлоб

| № | Номи халифа | Номи волӣ | Сол | Зарробхона |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ал-Муътамид ва ал – Муътаз? | [Лайс] | 277/891 | Шероз? |
| 2 | ал – Муътазид | Амр ибни Лайс | 287(?) / 899-900 | Нишопур |
| 3 | ал-Муътазид | Амр ибни Лайс | ... | Балх? |
| 4 | ал- Муътазид | Амр (ибни Лайс) | ... | ... |

Яъне ин дирҳам монанди дирҳами дар боло ёдшудаи аббосӣ як муддат аз муомилот берун гашта, ҳамчун асбоби ороишӣ истифода шудааст ва баъдтар дубора ба муомилот баргардонда шудааст.

Дирҳамҳои саффории Ганҷинаи Кӯлоб дар се шаҳр – Нишопур, Шероз ва Балх зарб шудаанд. Тавре ки маълум аст, Нишопур пойтахти Саффориён буда, Шерозу Балх дар итоати онҳо буданд.

Сиккаҳо каму беш суда шудаанд ва ин нишонаи он аст, ки онҳо муддати дароз дар муомилот будаанд ва бинобар соиш хӯрдан навиштаҳояшон қисман нохоно шудааст.

Тавре ки мебинем, дирҳамҳои саффорӣ низ дар Ганҷинаи Кӯлоб хеле каманд – 4 дона ё 0,28% ва он якчанд сабаб дошт. 1. Саффориён муҳлати кам (солҳои 873-900) ҳукмронӣ карданд ва сиккаи зиёд набаровардаанд; 2. Аз таркиби Ганҷинаи Кӯлоб бармеояд, ки ин вилоят бештар бо Мовароуннаҳр ва Хуросони Шарқӣ алоқаҳои тиҷоратӣ дошта, бо Хуросони Ғарбӣ иртиботаш хеле суст буд.

## Дирҳамҳои Сомониён

Дирҳамҳои Сомониён, тавре ки дар боло ёд шуд дар Ганҷинаи Кӯлоб аксарияти мутлақро ташкил мекунанд – 1371 дона ё 97,9 % аз миқдори умумӣ. Қадимтарин дирҳами сомонии ин ганҷина дар соли  280/893-894 ва аз ҳама

дераш дар соли 316/928-929 зарб шудааст. Яъне аз лиҳози замонӣ онҳо 36 солро дар бар мегиранд. Дар ганҷина сиккаҳои се амири сомонӣ – Исмоил ибни Аҳмад, Аҳмад ибни Исмоил ва Наср ибни Аҳмад мавҷуданд. Аз ҷиҳати миқдор аксариятро дирҳамҳои Наср ибни Аҳмад ташкил мекунанд – 1232 дона ё 89,92 % аз миқдори умумии сиккаҳои сомонӣ. Дар ҷои дуюм сиккаҳои Аҳмад ибни Исмоил – 78 дона ё 5,69% ва дар ҷои сеюм сиккаҳои Исмоил ибни Аҳмад – 60 дона ё 4,37 % меистанд.

Дирҳамҳои Исмоили Сомонӣ дар 6 зарробхона зарб шудаанд (Ҷадвали 5). Аз онҳо 3 зарробхона дар се бахши Мовароуннаҳр – марказӣ (Самарқанд), шимолӣ (Шош), ҷанубу шарқӣ (Хуттал) ва се адади боқимондааш дар Хуросони Шарқӣ, дар Бадахшон, Андароба ва Маъдин ҷойгир буданд.

Ҷадвали 4

Дирҳамҳои сомонии Ганҷинаи Кӯлоб

| № | Номи амир | шумора | % аз миқдори умумии сиккаҳои сомонӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Исмоил ибни Аҳмад | 60 | 4,37 |
| 2 | Аҳмад ибни Исмоил | 78 | 5,69 |
| 3 | Наср ибни Аҳмад | 1232 | 89,92 |
| | Ҳамагӣ | 1370 | |

Миқдоран дар ҷои якум сиккаҳои Шош, дар ҷои дуюм сиккаҳои Самарқанд, дар ҷои сеюм Андароба ва дар ҷои чорум сиккаҳои Хуттал меистанд. Аз ин бармеояд, ки се шаҳри аввала ба миқдори зиёд сикка мебароварданд.

Ҷадвали 5

Ганҷинаи Кӯлоб. Дирҳамҳои Исмоил ибни Аҳмад

| Номи зарробхона | Соли зарб/ҳ.қ. | Шумораи сиккаҳо |
|---|---|---|
| Андароба | 291 | 1 |
| | 293 | 3 |
| | 294 | 5 |
| Самарқанд | 280 | 1 |
| | 290? (ё 280 ?) | 6 |
| | 291 | 1 |

| | | |
|---|---|---|
| | 293 | 3 |
| | 294 | 4 |
| Хуттал | 289 | 1 |
| | 293 | 10 |
| | 294 | 1 |
| | 2... | 1 |
| Шош | 281 | 1 |
| | 283 | 4 |
| | 284 | 2 |
| | 286 | 4 |
| | 288 | 1 |
| | 290 | 4 |
| | 292 | 1 |
| | 293 | 3 |
| Суддашуда | 2.... | 1 |

Сиккахонаи худи Хуттал низ фаъол буд, аммо бояд дар назар дошт, ки аз ҳама зиёдтар будани дирҳамҳои ин вилоят дар Ганҷинаи Кӯлоб бо дар ин минтақа пурра ташаккул ёфтан ва ба ганҷина табдил ёфтани дирҳамҳо вобастагӣ дорад.

Дирҳамҳои Исмоил ибни Аҳмад дар шаҳрҳои ду минтақа - Мовароуннаҳр ва Хуросони Шарқӣ зарб шудаанд. Аз лиҳози миқдор дирҳамҳои Мовароуннахр (42 дона) нисбат ба дирҳамҳои Хуросони Шарқӣ (12 дона) 3,5 маротиба зиёдтаранд. Аз ин таносуб якчанд хулоса баровардан мумкин аст: 1. Дар давраи подшоҳии Исмоил ибни Аҳмад зарробхонаҳои Мовароуннаҳр зиёдтар сикка мезаданд; 2. Сиккаҳои Шош ба воситаи шаҳри Самарқанд ва Ҳисор ба Хуттал ворид шудаанд, яъне як қисми ганҷина дар шаҳри Самарқанд ташаккул ёфтааст.

Матни катибаҳои сиккаҳои сомонӣ мисли сиккаҳои аббосӣ, тоҳирӣ, саффорӣ ва монанди катибаҳои ёдгориҳои эпиграфии Сомониён ба забони арабӣ буд. Агар як сабаби ин нуфузи ҷаҳонӣ пайдо кардани забони арабӣ ва Аббосиён бошад, сабаби дигараш ба манфиатҳои иқтисодии худи Сомониён вобастагӣ дошт. Зеро то сикказании Сомониён дирҳамҳои аббосӣ алакай дар Аврупо хеле паҳн шуда, ба воситаи муҳими тиҷорати байналмилалӣ табдил ёфта буданд. Сомониён наметавонистанд инро ба эътибор нагиранд. Ҳамчунин

нақши Сомониён дар рушди фарҳанги исломӣ, ки сикказанӣ як бахши муҳими он мебошад, хеле бузург ба назар мерасад.

Дар Ганҷинаи Кӯлоб сиккаҳои 12 соли ҳукмронии Исмоил ибни Аҳмад аз соли 280/893-894 то соли 294/906-907, яъне то охири ҳукмронии ӯ мавҷуданд (Ҷадвали 7). Дар ин миён сиккаҳои 4 сол – 279/892-893, яъне соли

Ҷадвали 6

Ганҷинаи Кӯлоб.
Дирҳамҳои Исмоил ибни Аҳмад

| Соли зарб | Зарробхонаҳо | Шумораи зарробхонаҳо | Шумораи Сиккаҳо |
|---|---|---|---|
| 280 | Самарқанд | 1 | 1 |
| 281 | Шош | 1 | 1 |
| 283 | Шош | 1 | 1 |
| 284 | Шош | 1 | 2 |
| 286 | Шош | 1 | 1 |
| 288 | Шош | 1 | 1 |
| 289 | Хуттал | 1 | 1 |
| 290 | Шош | 1 | 1 |
| 291 | Андароба<br>Самарқанд | 2 | 2 |
| 292 | Шош | 1 | 1 |
| 293 | Андароба<br>Самарқанд<br>Хуттал<br>Шош | 4 | 19 |
| 294 | Андароба<br>Самарқанд<br>Хуттал | 3 | 10 |

аввали ҳукмронии ӯ ва солҳои 282/895-896, 285/898, 287/900 дар ганҷина нестанд. Сиккаҳои солҳои 288-900-901 то 294/906-907 ҳамасола дар ганҷина мавҷуданд. Барои соли 292/904-905 сиккаҳои 2 зарробхона, барои соли 293/905-906 сиккаҳои 4 зарробхона ва барои соли 294/906-907 сиккаҳои 3 заробхона ва барои солҳои боқимонда сиккаҳои яктои зарробхона вуҷуд доранд. Шумораи зарробхонаҳо ва сиккаҳо дар ду соли охири ҳукмронии ӯ аз ҳама бештар аст.

Дар 6 сиккаи Самарқанд, ки бо як муҳр зарб шудаанд, сол хато навишта шудааст (Феҳрист № 44-49) – баъди калимаи аз шумораи даҳӣ танҳо ду ҳарф аст ...., ки мо онро тахминан ду ҳарфи охири шумораи навад, яъне хондем. Баъди ин ду ҳарф шумораи дусад навишта шудааст. Бояд ёдовар шавем, ки навиштаҷоти мудаввари рӯи ин дирҳам, ки сол дар он ҷойгир аст, аз тарафи муҳркани бетаҷриба нохоно ва ноуҳдабароёна навишта шудааст.

**Дирҳамҳои Аҳмад ибни Исмоил**

Аҳмад ибни Исмоил писари Исмоил ибни Аҳмад буда ҳафт сол – аз соли 907 то соли 913 милодӣ ҳукмронӣ кардааст. Тавре ки дар боло ёдовар шудем, дирҳамҳои ин амир аз лиҳози миқдор дар Ганҷинаи Кӯлоб ҷои дуюмро мегиранд – 78 дона ё 5,69 % аз миқдори умумии дирҳамҳои сомонӣ (Ҷадвали 4). Онҳо дар ҳафт шаҳр зарб шудаанд (Ҷадвали 5). Аз ҷиҳати миқдор дирҳамҳои Шош дар ҷои якум, Самарқанд ва Андароба дар ҷои дуюм меистанд. Тавре ки дар боло дидем, бештари дирҳамҳои Исмоил ибни Аҳмад низ дар ҳамин се шаҳр зарб шудаанд. Дирҳамҳои Исмоил ибни Аҳмад дар шаш зарробхона ва Аҳмад ибни Исмоил дар ҳафт зарробхона, яъне як зарробхона зиёдтар зарб шудаанд.

Ҷадвали 7

Зарробхонаҳои Ганҷинаи Кӯлоб

| Исмоил ибни Аҳмад | Аҳмад ибни Исмоил |
|---|---|
| Самарқанд | Самарқанд |
| Шош | Шош |
| Андароба | Андароба |
| Маъдин | Маъдин |
| Хуттал | Нишопур |
| | |
| Бадахшон | Панҷҳир |
| | |
| | Балх |

Аз сӯи дигар таркиби зарробхонаҳои ин ду амир аз якдигар фарқ мекунанд. Ду зарробхонаи Исмоил ибни Аҳмад – Хуттал ва Бадахшон аз номи Аҳмад ибни Исмоил ва се зарробхонаи ӯ - Нишопур, Панҷҳир ва Балх аз номи Исмоил ибни

Аҳмад сикка назадаанд. (Ҷадвали 8). Ин ҳолат дар бораи он гувоҳӣ медиҳад, ки дар замони Аҳмад ибни Исмоил фаъолияти зарробхонаҳои Хуттал ва Бадахшон ё муваққатан қатъ ё сустар шуда, фаъолияти зарробхонаҳои Нишопур, Панҷҳир ва Балх ё шуруъ мешавад ё бештар мегардад. Яъне ҷуғрофиёи зарробхонаҳои Сомониён дар Хуросон, хосатан қисмати шарқии он васеътар мегардад.

Ҷадвали 8.

Ганҷинаи Кӯлоб.
Дирҳамҳои Аҳмад ибни Исмоил

| Номи зарробхона | Соли зарб/ҳ | Шумораи Сиккаҳо |
|---|---|---|
| Андароба | 296 | 2 |
| | 297 | 2 |
| | 299 | 4 |
| | 300 | 1 |
| | 301 | 4 |
| | 306 | 2 |
| | 307 | 1 |
| Балх | 293? | 3 |
| Маъдин | 299 | 2 |
| | 300 | 2 |
| Нишопур | 295 | 1 |
| Самарқанд | 295 | 1 |
| | 296 | 4 |
| | 297 | 4 |
| | 299 | 3 |
| | 300 | 3 |
| | 301 | 1 |
| Панҷҳир | 298 | 1 |
| | 302 | 1 |
| Шош | 295 | 2 |
| | 296 | 2 |
| | 297 | 15 |
| | 298 | 7 |
| | 299 | 2 |
| | 300 | 3 |
| | 301 | 1 |

Фарқияти таркиби зарробхонаҳои ин ду амир метавонад дар бораи тағйир ёфтани самти алоқаҳои тиҷоратии Хуттал низ гувоҳӣ диҳад, яъне иртибот бо шаҳрҳои Хуросон, махсусан Хуросони Шарқӣ зиёдтар мешавад.

Дар замони ҳар ду амир ба Хуттал аз Мовароуннаҳр дирҳамҳои танҳо ду зарробхона – Шош ва Самарқанд ворид шудаанд. Сабаб дар он буд, ки дар Мовароуннаҳр маҳз ҳамин ду зарробхона ба миқдори зиёд дирҳам мебароварданд ва онҳо дар тамоми қаламрави давлати Сомониён гардиш мекарданд. Аммо аз лиҳози шумораи зарробхонаҳо дар Ганҷинаи Кӯлоб Хуросон дар ҷои аввал меистад. Масалан, аз ҳафт шаҳре, ки аз номи Аҳмад ибни Исмоил дирҳам баровардаанд, се ададаш дар Хуросони Шарқӣ ва як ададаш дар Хуросони Ғарбӣ ҷойгиранд. Хуттал, ки аз лиҳози ҷуғрофӣ дар ҷанубу-шарқи Мовароуннаҳр воқеъ гардида буд, аз лиҳози иқтисодӣ – тиҷоратӣ бештар бо Хуросони Шарқӣ – бо Балх алоқаманд буд. Биноан дар вақти таҳлили оморӣ ин ҳолат бояд ба назар гирифта шавад.

Дар Шош дар ҳамаи ҳафт соли ҳукмронии Аҳмад ибни Исмоил, аз соли 295 то соли 301 аз номи ӯ дирҳам зарб шудааст (Ҷадвали 9). Аз рӯи ин нишондод дар ҷои дуюм Самарқанд меистад, танҳо дирҳамҳои соли 298 /910-911 ин шаҳр дар Ганҷинаи Кӯлоб нестанд. Дар ҷои сеюм Андароба меистад, дирҳамҳои ду сол – 295/907-908 ва 298/910-911 дар Ганҷинаи Кӯлоб нестанд. Аз чор шаҳри боқимонда дирҳамҳои як ё ду сол дар ганҷина мавҷуданд.

Ҷадвали 9

Ганҷинаи Кӯлоб.

Дирҳамҳои Аҳмад ибни Исмоил

| Соли зарб | Зарробхона | Шумораи зарробхонаҳо | Шумораи сиккаҳо |
|---|---|---|---|
| 293? | Балх | 1 | 3 |
| 295 | Нишопур<br>Самарқанд<br>Шош | 3 | 4 |
| 296 | Андароба<br>Самарқанд<br>Шош | 3 | 8 |
| 297 | Андароба<br>Самарқанд<br>Шош | 3 | 21 |
| 298 | Панҷҳир<br>Шош | 2 | 8 |
| 299 | Андароба<br>Маъдин | 4 | 11 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Самарқанд Шош | | |
| 300 | Андароба Маъдин Самарқанд Шош | 4 | 9 |
| 301 | Андароба Шош | 2 | 5 |
| 306 | Андароба | 2 | 2 |
| 307 | Андароба | 1 | 1 |

Барои ҳар сол дирҳамҳои аз 2 то 4 зарробхона дар Ганҷинаи Кӯлоб вуҷуд доранд. Аз ҳама бештар дирҳамҳои соли 297/909-910 ва соли 299/911-912 ва баъди он дирҳамҳои солҳои 300/912-913, 296/908-909 ва 298/910-911 мебошанд (Ҷадвали 10).

Дар як теъдод дирҳамҳои Аҳмад ибни Исмоил солҳое гузошта шудаанд, ки ба давраи пеш ва пас аз ҳукмронии ӯ тааллуқ доранд. Масалан, дар се дирҳами Балх соли 293/905-906 навишта шудааст. Ин дар ҳолест, ки яқин маълум аст, ки ӯ соли 295/907-908 ба тахти шоҳӣ нишаста буд. Сабаби ин дар он аст, ки дар зарби ин дирҳамҳо устоҳои сикказан ё бо дигар сабаб муҳри рӯи дирҳамҳои падари ӯ Исмоилро истифода бурдаанд. Бояд ёдовар шуд, ки ҳар се дирҳами соли 293/905-906 Балх бо як муҳр зарб шудаанд. Ҳамзамон дар ду дирҳами Аҳмад ибни Исмоил зарби Андароба соли 306/918-919 ва дар як дирҳами ҳамин зарробхона соли 307/919-920 навишта шудааст. Ин амир соли 301/913-914 вафот кардааст, яъне ин дирҳамҳо панҷ ва шаш сол баъди вафоташ аз номи ӯ зарб шудаанд. Ғайри имкон будани ин кор аён аст. Пас пайдоиши ин сиккаҳоро мо чӣ тавр метавонем маънидод кунем? Бо эҳтимоли зиёд гуфтан мумкин аст, ки дар инҷо мо бар акси ҳодисаи дар боло ёдшударо мебинем. Ин дирҳамҳо дар давраи ҳукмронии Наср баровардa шудаанд, аммо устоҳои сикказан дар зарробхона бо сабабҳои ба мо номаълум муҳрҳои рӯи сиккаҳои замони падари ӯ Аҳмад ибни Исмоилро истифода бурдаанд.

Дирҳамҳои сомонӣ, ки соли дар онҳо навишта шуда ба солҳои ҳукмронии амирони номашон дар онҳо ҷойгир буда мувофиқ нестанд, хеле зиёданд ва ҳанӯз

дар миёнаи асри XIX ёфт шуда, мавриди таҳқиқи сиккашиносон қарор гирифта буданд. Ба ақидаи муҳаққиқон, аз ҷумла В. В. Тизенгаузен сабаби пайдоиши дирҳамҳои солашон иштибоҳӣ дар он буд, ки дар зарби дирҳамҳо муҳрҳои як тарафи дирҳамҳои амирони пешина истифода шудааст.[1] Ин шарҳ дуруст аст, аммо нисбатан зиёд будани ин намуд дирҳамҳо саволбарангез ба назар мерасад. Гап дар сари он меравад, ки оё муҳрҳои кӯҳнаро иштибоҳан истифода мебурданд ё барои истифодаи онҳо зарурате вуҷуд дошт. Дирҳамҳоро ба миқдори зиёд – даҳҳо ва садҳо ҳазор мебароварданд ва имконияти иштибоҳан истифода бурдани муҳрҳои кӯҳна албатта вуҷуд дошт. Аммо бояд дар назар дошт, ки зарби сиккаҳо аз тарафи маъмурони давлатӣ ҷиддӣ назорат карда мешуд ва эҳтимоли ин қадар зиёд иштибоҳ кардани сикказанҳо хеле кам аст. Нуктаи дигар он аст, ки дубора танҳо муҳри рӯи сиккаҳо истифода шудааст ва муҳрҳои пушти дирҳамҳо, ки дар онҳо номи амир навишта шудааст, дуруст ва бе иштибоҳ истифода шудаанд. Дар асоси ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки муҳрҳои кӯҳнаро, аниқтараш аз сиккаҳои шоҳи пешинаро дидаву дониста ва мақсаднок истифода мебурданд. Гап дар сари он аст, ки маъмулан дар рӯи дирҳамҳо номи амир навишта намешуд. Бинобар ин дар ҳолатҳои зарурӣ дар зарробхонаҳо метавонистанд муҳрҳои рӯи сиккаҳои амири пешинаро истифода баранд. Нишонаи муҳим номи амир буд ва он дар пушти сикка ҷойгир буд. Зарурат барои истифодаи муҳрҳои кӯҳна вуҷуд дошт. Кандани муҳрҳо вақту замон талаб мекард. Дар зарробхонаҳо сикка зиёд мебароварданд ва муҳрҳо баъди зарби миқдори муайяни сиккаҳо хӯрда ва фарсуда мешуданд. Дар чунин ҳолатҳо барои сарфа кардани вақт муҳри пушти сиккаро канда барои рӯи он муҳри кӯҳнаро истифода мебурданд. Ин ҳолатҳо бештар дар солҳои аввали ҳукмронии амири нав ба амал меомад. Баъди як муддат истифода бурдан муҳрҳои кӯҳна фарсуда ва корношоям мешуданд ва минбаъд муҳрҳои нав бо зикри солу номи амири нав месохтанд.

Як хулосаи дигари мо он аст, ки шояд то як муддат ки аз ҳукумати амири ҷавон мегузашт, то комилан истиқрор ёфтани ӯ ва таҳкими пояҳои

[1] Тизенгаузен В.В. О саманидских монетах / Труды Восточного отделения императорского археологического общества. Часть первая. - Санкт Петербург. 1853.- С.134-135.

қудраташ масъалаи меросиятро дар сиккаҳо таъкид мекарданд, ки кӯшишҳои ҳар гуна ҷунбишии нооромкунанда ё муддаиёни дигари салтанат хунсо карда шавад. Чун меросӣ будани тахту тоҷ дар асрҳои миёна ва дахолати ошкорои аҳли дарбор дар вайрон кардани тартиботи таъйину интихоби ворисі тоҷу тахт, ки дар ҳукумати Сомониён низ чанд бор такрор шуд, мушкилоти зиёдеро ба бор овард ва афроде аз хонадони ҳукуматгар (сомонӣ) мудаии тоҷу тахт мешуданд. Дар ҳамин иртибот беҷо нахоҳад буд, агар мо ба ёд оварем, ки Насри II дар кадом шароит ба қудрат расид? Суханони Байҳақӣ аст, ки мегӯяд: «Насри Аҳмади Сомонӣ ҳаштсола буд, ки аз падар бимонд, ки Аҳмадро ба шикоргоҳ бикуштанд ва дигар рӯз он кӯдакро бар тахти мулк биншонданд ба ҷойи падар».[1]

Дар асоси Ганҷинаи Кӯлоб гуфтан мумкин аст, ки дар давраи ҳукмронии Аҳмад ибни Исмоил сиккасозӣ ва муомилоти пулии Сомониён боз ҳам бештар тараққӣ карда, зарробхонаҳои нав ба кор медароянд.

## Дирҳамҳои Наср ибни Аҳмад

Тавре ки дар боло ёдовар шудем, дар Ганҷинаи Кӯлоб дирҳамҳои Наср ибни Аҳмад аксарияти кулро ташкил мекунанд – 1232 дона ё 89,92% аз миқдори умумии дирҳамҳои сомонӣ. Онҳо дар 11 шаҳр зарб шудаанд (Ҷадвали 10). Зарробхонаҳо аз рӯи минтақа чунин тақсим мешаванд: Мовароуннаҳри Марказӣ ва Шимолӣ – 3 зарробхона (Самарқанд, Шош, Суғд), Мовароуннаҳри Ҷанубу Шарқӣ – 2 зарробхона (Хуттал, Вахш), Хуросони Ғарбӣ – 2 зарробхона (Нишопур, Марв), Хуросони Шарқӣ – 5 зарробхона (Маъдин, Балх, Андароба, Бадахшон, Панҷҳир). Аз рӯи миқдори сиккаҳо дар ҷои аввал Мовароуннаҳри ҷанубу шарқӣ (570 сикка), дар ҷои дуюм Хуросони Шарқӣ (400 сикка), дар ҷои сеюм Мовароуннаҳри Марказӣ ва Шимолӣ (223 сикка). Сиккаҳои Хуросони Ғарбӣ ангуштшуморанд – 2 дона. Мунтазамии зарби сиккаҳо аз рӯи зарробхонаҳо ва сол дар ҷадвали 11 нишон дода шудааст. Миқдоран дирҳамҳои Хуттал аз ҳама зиёдтаранд – 524 дона ё 38,24% аз миқдори умумии дирҳамҳои сомонӣ. Дар Ганҷинаи Кӯлоб баъди Хуттал дирҳамҳои панҷ шаҳри дигар

[1] Байҳақӣ А. Таърихи Байҳақӣ. Таҳияи С. Муллоҷон. –Душанбе, 2014.- С.154-155

зиёданд: Маъдин, Самарқанд, Балх, Андароба ва Шош (Ҷадвали 11). Сиккаҳои панҷ шаҳри боқимонда камшуморанд – аз 1 то 7 дона. Миқдори сиккаҳо дар бораи самт ва суръати муносибатҳои тиҷоратӣ маълумот медиҳанд. Аз рӯи ин нишондод Хуттал бештар бо шаҳру ноҳияҳои Хуросони Шарқӣ иртибот дошт. Дар ҷои дуюм Мовароуннаҳри Марказӣ ва Шимолӣ меистад, аммо сиккаҳои он нисбати Хуросони Шарқӣ қариб ду баробар кам аст. Аз рӯи мунтазамии зарби сиккаҳо дар ҷои аввал Самарқанд, дар ҷои дуюм Андароба, дар ҷои сеюм Шош дар ҷои чорум Балх ва Маъдин меистанд.

Дар Хуттал мунтазам баровардани дирҳам аз соли 310/922-923 шурӯъ шуда, то соли 316/928-929 идома меёбад. Аммо зарби сиккаҳо ба миқдори зиёд дар ин вилоят аз соли 310/922-923 то соли 314/926-927 давом мекунад. Миқдори сиккаҳои Хуттал барои ду соли охир, яъне 315/927-928 ва 316/928-929 хеле кам аст. Шояд ин бо кам шудани зарби дирҳамҳо дар ин солҳо вобаста бошад. Дар асоси Ганҷинаи Кӯлоб мо наметавонем дар бораи мунтазамии сикказанӣ дар Марву Нишопур хулоса барорем, чунки Хуттал бо ин вилоятҳои дурдаст алоқаи камтари тиҷоратӣ дошт. Дар байни сиккаҳои Наср ибни Аҳмад 32 донааш дар соли 300/912-913 зарб шудаанд. Ин дар ҳолест, ки мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, аз ҷумла Гардезӣ Наср ибни Аҳмад баъди кушта шудани падараш аз ҷониби суиқасдчиён рӯзи панҷшанбеи бисту якуми ҷумод –ул-охири соли 301/913-914 ба тахти шоҳӣ нишаст.[1] Сиккаҳои соли 300/912-913 дар панҷ шаҳр – Андароба, Балх, Маъдин, Суғд ва Хатлон зарб шудаанд. Аён аст, ки ин дирҳамҳо бо муҳрҳои рӯи сиккаҳои амири пешина Аҳмад ибни Исмоил дар соли аввали ҳукмронии амири нав зарб шудаанд. Дар Ганҷинаи Кӯлоб ҳамаги 5 дирҳам санаи 301/913-914 доранд. Аз ин мебарояд, ки рӯи аксари дирҳамҳои соли аввали ҳукмронии Наср ибни Аҳмад бо муҳрҳои соли 300/912-913 зарб шудаанд. Аҳмад ибни Исмоил ногаҳон кушта шуд ва бояд дар камтарин фурсат аз номи амири нав сикка бароварда мешуд. Барои ҳамин устоҳо танҳо муҳри пушти сиккаҳоро тайёр карда бо истифодаи муҳрҳои кӯҳнаи рӯи сиккаҳои амири пешина аз номи шоҳи нав сикка баровардаанд.

---
[1] Гардезӣ Абусаъид Абдулҳай. Зайну-л-ахбор. – Душанбе, 2014. - С. 181.

## Дирҳамҳои шикастаи Ганҷинаи Кӯлоб

Дар таркиби Ганҷинаи Кӯлоб дар баробари дирҳамҳои пурра, 101 дирҳами шикаста низ мавҷуд аст. Муайян кардани таносуби миқдории онҳо дар таркиби дафина каме мушкилӣ дорад ба он хотир, ки онҳо пора ҳастанд. Бо вуҷуди ин ҳамаи сиккаҳои Ганҷинаи Кӯлоб якҷоя бо шикастапораҳо 1506 донаро ташкил мекунанд. Аз ин миқдор 6,7 % -ро дирҳамҳои шикаста ташкил медиҳанд. Бештари дирҳамҳои шикаста ними сикка ва аз ним камтар ё каме зиёдтарро ташкил мекунанд. Дар байнашон ҳамагӣ 3 пораи хурд аст, ки аз се ё чор ҳиссаи дирҳами пурраро ташкил медиҳанд. Дар вақти таҳқиқи иловагии ҷои бозёфти Ганҷинаи Кӯлоб тирамоҳи соли 2018 мо бо фулузҷӯ се пораи нисбатан хурди дирҳам ёфтем, ки се ё чор ҳиссаи дирҳами пурраро ташкил медиҳанд. Дар ин асос фарз кардан мумкин аст, ки пораҳои хурд аз 101 дона бештар буданд, аммо онҳоро ёбандаҳои ганҷина гум кардаанд. Бо иловаи се пораи баъдан ёфтшуда, шумораи дирҳамҳои шикастаи Ганҷинаи Кӯлоб 104 дона мешавад. Аз ҳамин миқдор мансубияти 103 донааш, яъне 99 % муайян карда шуд ва танҳо дар як порчаи нисбатан хурд номи амир боқӣ намондааст. Дар ин миён як дирҳами шикаста ба амири Саффориён Амр ибни Лайс ва боқимонда ҳамааш ба амирони Сомонӣ мансуб мебошанд. Таносуби миқдори дирҳамҳои шикастаи амирони сомонӣ дар ҷадвали 12 нишон дода шудааст. Дирҳамҳои шикастаи Наср ибни Аҳмад аз ҳама бештар мебошанд, ба амирони дигар 2 ва 4 дирҳами шикаста мансубанд. Сабаби асосии пайдоиши дирҳамҳои шикаста ин аз рӯи вазн дар муомилоти пулӣ истифода шудани дирҳамҳо ва барои додани бақия бурида шудани онҳо ба ҳисоб меравад. Масалан ҳанӯз соли 1846 П. С. Савелев навишта буд, ки дар байни дирҳамҳои зиёди куфӣ, аз ҷумла дирҳамҳои сомонии аз Аврупо ёфтшуда сиккаҳои мисӣ кашф нашудаанд ва ин далели дар муомилоти пулии Аврупо истифода нашудани фулус мебошад. Чун савдо аз рӯи вазни дирҳамҳо сурат мегирифт, барои додани бақия тоҷирони Самарқанд

ва Бухоро дирҳамҳоро мебуриданд ё мешикастанд[1]. Дар адабиёти динӣ ва илмӣ сиккапораҳоро қароза мегӯянд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар таркиби ганҷинаҳои дирҳамҳои куфии мансуб ба нимаи дуюми асри X ва аввали асри XI миқдори дирҳампораҳо вобаста ба буҳрони нуқра афзоиш меёбад.

---

[1] Савельев П.С Топография кладов с восточными монетами и изделиями VII, VIII, IX, X и XI века в России и прибалтийских странах, объясненная историческими свидетельствами о торговле северо-востока Европы в эпоху основания и утверждения Русского государства.- Санктпетербургъ. 1846.- 168с.

Ҷадвали 10

## Ганҷинаи Кӯлоб. Дирҳамҳои Наср ибни Аҳмад

| Наср ибни Аҳмад | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Соли зарб, ҳиҷрӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | |
| Номи зарробхонаҳо | | 300 | 301 | 302 | 303 | 304 | 305 | 306 | 307 | 308 | 309 | 310 | 311 | 312 | 313 | 314 | 315 | 316 | Миқдори умумӣ |
| Шумораи сиккаҳо | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 1 | Андароба | 14 | | 3 | 11 | 4 | 7 | 4 | 12 | 5 | 3 | 22 | 2 | 2 | 8 | | | | 97 |
| 2 | Бадахшон | | | | | | | | 1 | | | | | | | 1 | | | 2 |
| 3 | Балх | 3 | | | 1 | | | 1 | 2 | | 2 | 21 | 2 | 25 | 66 | 9 | | | 132 |
| 4 | Вахш | | | | | | | | | | | | | 4 | | | | | 4 |
| 5 | Марв | | | | | | | | | | | | | | 2 | | | | 2 |
| 6 | Маъдин | 12 | | 1 | 1 | | 1 | 10 | 81 | 1 | | 14 | | 9 | 17 | | | | 147 |
| 7 | Нишопур | | | | | | | 1 | | 1 | | | | | | | | | 2 |
| 8 | Панҷҳир | | | | | | | | | | | | 1 | | | | | | 1 |
| 9 | Самарқанд | | 3 | 4 | 3 | 7 | 2 | 4 | 10 | 5 | 5 | 27 | 17 | 27 | 13 | 6 | | | 133 |
| 10 | Суғд | 1 | | | | | | 2 | 2 | | | | | | | | | | 5 |
| 11 | Хуттал | | | 3 | | | | 1 | | | | 73 | 19 | 129 | 197 | 98 | 2 | 2 | 524 |
| 12 | Хатлон | 1 | | | | | | | | | | 1 | | | | | | | 2 |
| 13 | Шош | 1 | 2 | | | 1 | 2 | 4 | 3 | 6 | 13 | 2 | 9 | 13 | 13 | | | | 69 |
| Миқдори умумӣ | | 32 | 5 | 11 | 16 | 12 | 12 | 27 | 111 | 18 | 23 | 160 | 50 | 209 | 316 | 114 | 2 | 2 | **1120** |

Ҷадвали 11

Дирҳамҳои шикастаи Ганҷинаи Кӯлоб

| Номи амир | Шумораи дирҳамҳои шикаста | % |
|---|---|---|
| Саффориён | | |
| Амр ибни Лайс | 1 | 0,9 |
| Сомониён | | |
| Исмоил ибни Аҳмад | 2 | 1,9 |
| Аҳмад ибни Исмоил | 4 | 3,8 |
| Наср ибни Аҳмад | 96 | 92,3 |
| Номуайян | 1 | 0,9 |
| | | |

Сикказанӣ, муомилоти пулӣ ва тиҷорат дар Хуттали замони Сомониён ба дараҷаи муайян тараққӣ карда буд. Дар ин бора миқдори дирҳамҳои зарби Хуттал дар Ганҷинаи Кӯлоб ва ҳамроҳи дигар дирҳамҳои сомонӣ ва куфӣ дар Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ васеъ паҳн шудани онҳо мебошад.

Макон, замон ва ҳолати ёфт шудани Ганҷинаи Кӯлоб пурра муайян карда шуд. Он баҳори соли 2015 дар фосилаи 2 км дуртар аз деҳаи Бодомтуи ноҳияи Ш. Шоҳини вилояти Хатлон тасодуфан аз ҷониби се сокини маҳаллӣ ёфт шудааст. Ба таври иловагӣ соли 2018 ҷои ёфти ганҷина таҳқиқ шуда, аз он ҷо дирҳампораҳои сомонӣ кашф шуд.

Ганҷинаи Кӯлоб 1405 дирҳамҳои сомонӣ (1371 дона), умавӣ (1дона), аббосӣ (23 дона) ва саффориро (4 дона) дар бар мегирад. Аксарияти сиккаҳо соли 280/893-894 - 316/928-929, яъне 36 солро дар бар мегиранд. Онҳо дар 19 шаҳри Мовароуннаҳр, Хуросон ва Ироқу Сурия зарб зада шудаанд. Дирҳамҳаи Хуттал (581 дона), Маъдин (147 д.), Самарқанд (133 д.), Балх (132 д.), Андароба (97 д.) ва Шош (69 д.) бештаранд.

## 2. Гурӯҳбандии намудҳои дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб

**Дирҳамҳои Умавиён, Аббосиён ва Сaффориён.** Бинобар он ки дар таркиби Ганҷинаи Кӯлоб дирҳамҳои чор сулола – Умавиён, Аббосиён, Сaффориён ва Сомониён мавҷуданд, гурӯҳбандии онҳоро аз рӯи намудашон барои ҳар яке аз ин сулолаҳо ҷудогона додан ба мақсад мувофиқ аст. Барои сиккаҳои Умавиён ва Аббосиён гурӯҳбандии намудҳо барои ҳар халифа ва барои сулолаҳои Сaффориён ва Сомониён барои ҳар амир алоҳида дода мешавад. Асоси табақабандиро мазмуни навиштаҷоти марказӣ ва мудаввари ҳарду тарафи сикка ташкил мекунад. Ивазшавии номи халифа ва амир тағйирнаёфтани ҷои онҳо нишонаи намуди нав шумурда намешавад. Иваз шудани ҷои номҳо зернамуд ва мавҷуд будани нуқтаҳо, нақши гул ва нишонаҳое амсоли ин гузинаро ташкил мекунанд. Пайдо шудани ном ё дигар навиштаҷоти иловагӣ дар рӯй ва пушти сикка намуди нав шумурда мешавад.

### 1. ДИРҲАМИ УМАВӢ

Дар Ганҷинаи Кӯлоб ҳамагӣ як дирҳами умавӣ мавҷуд аст. Дар зер тавсифи онро меорем:

Дар марказ:

Р.с. П.с.

Р.с. Навиштаҷоти гирд - ҷой ва соли зарб:

П.с. Навиштаҷоти гирд – Қуръон, сураи 9, ояти 33*:

Дар ҳошия доираи сеқабата ва берун аз он дар панҷ ҷояш доирача дорад.

* Матни дар ояи 9-и сураи 61-и Қуръони маҷид низ мавҷуд аст.

Тавре, ки мебинем, дар маркази рӯи сикка қисми аввали калимаи тавҳид ва дар маркази пушти сикка сураи 112 ба истисноии вожаҳои “қул” ва “ҳува” ҷойгир аст. Дар гирди рӯи сикка ҷой ва соли зарб ва дар гирди пушти сикка ояти 33 аз сураи 9 навишта шудааст. Пеш аз номи шаҳр ибораи “Ба номи Аллоҳ, зарб шуд ин дирҳам дар” омадааст. Ин дирҳам дар шаҳри Дуқуз? ё Рамуз зарб шудааст. Сазовори ёдоварист, ки ба ғайр аз номи шаҳр ва сол боқимонда ҳамаи навиштаҷоти ин сикка мазмуни динӣ доранд. Сабаби афзалият додан ба навиштаҷоти динӣ дар сиккаҳои умавӣ шояд он бошад, ки ҳукумати Умавиён дар чашми бештари ҳамзамонон ва хосса гурӯҳҳои мухолиф аз эҳтироми динӣ маҳрум буда, бо ин васила мехост бар афкори умум таъсиргузорӣ кунад.

## 2. ДИРҲАМҲОИ АББОСИЁН

Дар Ганҷинаи Кӯлоб 23 дирҳами аббосӣ ҳаст. Ду донаи онҳо бе номи халифа ва боқимонда аз номи шаш халифа: ал-Мустаъин (862-866), ал-Муътаз (866-869), ал-Муътамид (870-892), ал-Муътазид (892-902), ал-Муктафӣ (902-908) ва ал-Муқтадир (908-932) зарб шудаанд. Дар зер гурӯҳбандии намудҳои ин дирҳамҳо барои ҳар халифа оварда мешавад.

**Бе номи халифа**
**Намуди 1**

Басра, 145 / 762-763.

Р.с. П.с.

Дар марказ:

Р.с. Навиштаҷоти гирд - ҷой ва соли зарб:

П.с. Навиштаҷоти гирд - Қуръон, сураи 9, ояти 33.

Тавре ки мебинем, навиштаҷоти рӯи ин сикка монанди дирҳами умавии дар боло тавсифшуда, мебошад. Аммо дар маркази пушти сикка ба ҷои қисме аз сураи 112, ки дар дирҳамҳои умавӣ буд, қисми дуюми калимаи тавҳид навишта

шудааст. Навиштаҷоти гирди пушти сикка мисли дирҳами дар боло ёдшудаи умавӣ аст, яъне дар ин росто тағйироте рух надодааст. Хатти ин дирҳам ҳам куфӣ аст, аммо аз хатти дирҳами умавӣ бо баъзе хусусиятҳояш каме фарқ мекунад. Шакли ороиши ҳошия каме тағйир ёфтааст, он низ сехаттаи мудаввар аст, аммо байнаш дар се ҷо дар шакли секунҷа се доирача ва дар се ҷои дигараш яктоӣ доирачаи каме калонтар мавҷуд аст. Гирди доираи сехатта боз як доираи нуқтачин аст. Ороиши ҳошияи пушти дирҳам низ аз дирҳами умавӣ фарқ мекунад. Доираи дарунӣ нуқтачин ва сеқабата аст. Доираи берунӣ дурадифаи нуқтачин буда, дар панҷ ҷояш яктоӣ доирача дорад.

**Намуди 1, гузинаи 1**

Басра, 145 / 762-763.

(Феҳрист № 3).

Мисли намуди 1 аст, аммо бо иловаи ҳарфи ва ду нуқта дар пушти сикка дар зери сатри сеюм. Ба фикри Штикел, ки онро В.Тизенгаузен низ ҷонибдорӣ кардааст, ҳарфи аз калимаи ё буда, маънои комил, солимро дорад ва дурустии вазни дирҳамҳоро ифода мекунад.[1] Дар айни замон ин ҳарф метавонист аз иборои , ки ба пайғамбари ислом марбут аст, бошад.

**ал-Мустаъин**

**Намуди 1**

аш-Шош, 250 / 864-865.

(Феҳрист № 4)

Монанди намуди 1 дирҳами бе номи халифа, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар маркази рӯи сикка баъди калимаи тавҳид номи ал-Аббос ибни [амир] ал – муъминин навишта шудааст.
2. Дар гирди рӯи сикка навиштаҷоти дуюм ҷойгир аст, ки ояти 3 ва 4 сураи 30 Қуръони каримро дар бар мегирад. Дар ҳошия ду доираи гирди як хаттӣ ҷойгиранд, яке дар гирди навиштаҷоти мудаввари дарунӣ ва дуюм дар гирди навиштаҷоти мудаввари берунӣ.

[1] Тизенгаузен В. О саманидских монетах/Труды восточного отделения Императорского археологического общества. Часть первая. - Санкт - Петербург, 1853. - С.87.

Пушти сикка монанди намуди 1 дирҳами бе номи халифа, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар марказ дар болои калимаи тавҳид "Лилоҳ" навишта шудааст.
2. Дар зери калимаи тавҳид як вожа аст, аммо судда шудааст.
3. Доираи дарунии хаттии дуқабата ва берунӣ як хаттӣ мебошанд.

Дар мавриди ин дирҳам бояд гуфт, ки шояд калимаи қариб пурра суддашуда, ки танҳо ҳарфи охиринаш намоён аст ва он ба монанд аст, номи халифа ал-Мустаъин бошад, чунки дар динорҳо дар инҷо номи халифа (ал-Мустаъин) ва дар поёни рӯи сикка кунияи ӯ (ал-Аббос ибни амир ал-муъминин) навишта шудааст.[1] Аз ин навиштаҷот бармеояд, ки кунияи "ал-Аббос ибни амир ал-муъминин" ба худи халифа ал- Мустаъин тааллуқ дошт. Бояд ёдовар шуд, ки дар ин замон дар Мовароуннаҳр Сомониён ҳукмрон буда, расман тобеъи волиҳои Хуросон - Тоҳириён буданд. Сомониён дар ин марҳила ҳанӯз ҳуқуқи аз номи худ баровардани сиккаҳои нуқрагин, яъне дирҳамро надоштанд. Бинобар ин, дар Шош дар соли 250/864-865 дирҳамҳо аз номи халифаи ҳукмрон ал-Мустаъин зарб шудаанд. Зарби ин дирҳам ба соли якуми ҳукмронии амири сомонӣ Наср I ибни Аҳмад рост меояд. Саволе ба миён меояд, ки дар ин сол дар Шош кӣ ҳукмрон буд? Ин масъала аз ҷониби сиккашиноси номдори тоҷикистонӣ Е. А. Давидович муфассал омӯхта шудааст. Мувофиқи ин омӯзиш дар сарчашмаҳои хаттӣ дар ин бора ягон маълумот оварда нашудааст. Аммо ин гуна маълумот дар сиккаҳо мавҷуданд ва дар асоси онҳо донишманди ёдшуда ба хулосае омадааст, ки дар Шош дар ин солҳо ё Муҳаммад ибни Нуҳ, яъне писари яке аз аввалин амирони сомонӣ Нуҳ ибни Асад ҳукмрон будааст, ё шахси дигар, ки номаш дар сарчашмаҳо ёд нашудааст.[2]

Нуктаи дигари сазовори ёдоварӣ он аст, ки дар ин дирҳам номи волии Хуросон Муҳаммад ибни Тоҳир навишта нашудааст. Албатта дар ин асос мо хулоса баровcovered наметавонем, ки Сомониён бо ин корашон расман ва амалан ба

[1] https://ru.wikipedia.org/wiki

[2] Давидович Е. А. Нумизматические материалы для истории развития феодальных отношений в Средней Азии при Саманидах // Труды АН Таджикской ССР, т. XXVII. - Сталинабад, 1954. - С.80-83; Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Душанбе, 1979. - С.69.

Тоҳириён итоат накарданашонро намоиш додаанд. Шарҳи дурустар он аст, ки эҳтимол ҷой додани номи волии Хуросон зарур набуда, навиштани номи халифа ҳатмӣ ва кофӣ буд.

**ал-Муътаз**

**Намуди 1**

Нисибин, 251/ 865.

(Феҳрист № 5-7).

Ба намуди 1 дирҳами халифа ал-Мустаъин монанд аст, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар маркази рӯи сикка баъди калимаи тавҳид навиштаҷоти дигар нест.
2. Дар гирди навиштаҷот танҳо як доираи хаттӣ мавҷуд аст.
3. Дар маркази пушти сикка дар зери номи халифа унвони "амир ал-муъминин" навишта шудааст.

Аз се дирҳами ин намуд, якеаш дар шаҳри Нисибин зарб шуда, номи зарробхона дар дуи дигар судда шудааст. Ин шаҳр дар қисми шимолии Шом ҷойгир буда, яке аз марказҳои муҳими сикказании хилофати Аббосиҳо ба шумор мерафт.

**ал-Муътамид**

**Намуди 1**

Панҷҳир, 253 / 867.

(Феҳрист № 8,9)

Монанди дирҳами ал-Муътаз намуди 1, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар маркази рӯи сикка дар зери калимаи тавҳид номе навишта шудааст, аммо судда шудааст ва хонда намешавад.
2. Дар маркази пушти сикка дар зери номи халифа унвони "амир ал-муъминин" навишта нашудааст.

**Намуди 2**

Нишопур,268/881-882.

(Феҳрист № 10)

Ин намуд ғайри анъанавӣ буда, навиштаҷоти марказии рӯи он аз ҳамаи дирҳамҳои дигари аббосӣ фарқ дорад:

1. Рӯи сикка - дар марказ:

2. Қисми аввали калимаи тавҳид аз рӯи сикка ба пушти он кӯчонда шуда бо қисми дуюми он бо ихтисори калимаҳои дар шакли навишта шудааст.
3. Дар пушти сикка дар марказ дар болои калимаи тавҳид иборaи навишта шудааст.
4. Зери номи халифа дар пушти сикка калимаи нигошта шудааст.

Тавре ки мебинием, дар рӯи ин дирҳам номи Аҳмад ибни Абдуллоҳ навишта шудааст. Шахсияти ӯ маълум аст ва дар бораи ӯ дар сарчашмаҳои хаттӣ аз ҷумла, дар "Таърихи Сиистон" ва "ал-Комил фи-т-таърих" маълумот оварда шудааст. Вай яке аз роҳбарони дастаҳои мусаллаҳи шӯришгарони шаҳри Нишопур буд. Вақте ки Яъқуб ибни Лайс баъди ҷангҳояш дар Гургон ва Табаристон ба Нишопур бармегардад, сардорони ошӯбгарони мардумии ин шаҳр ҷамъ шуда. маслиҳат мекунанд, ки ӯро тарафдорӣ кунанд ва бо ӯ ҳамроҳ шаванд. Яъқуб онҳоро хуш пазируфта инъом медиҳад. Аммо баъди чанд муддате дар соли 875 шӯришгарон бо сардории Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ аз итоати Яъқуб ибни Лайс сарпечӣ мекунанд.[1] Соли 879 Яъқуб вафот мекунад ва бародараш Амр ибни Лайс амири Саффориён мешавад. Ӯ бо лашкар ва хазинааш аз Сиистон ба Хуросон меояд. Аммо вақте ӯ мехоҳад, ки ба шаҳри Нишопур дарояд, Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ пеши роҳи ӯро мегирад ва намегузорад, ки ӯ ба шаҳр ворид шавад. Дар задухӯрде, ки дар наздикии шаҳр байни лашкари Амр ибни Лайс ва шӯришгарон бо сардории Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ ба амал меояд, шӯришгарон ғолиб мебароянд.[2] Хуҷистонӣ 7 сол, аз соли 875 то соли 882 дар Нишопур ҳукмронӣ кардааст ва аз номи худ дирҳам баровардааст. Ӯро соли 268/882

[1] Таърихи Систон. -Душанбе, 2014. -С. 117-118.
[2] Таърихи Систон.- Душанбе, 2014.- С. 183-184.

ғуломаш Қутлуғи турк ба қатл мерасонад ва дирҳами тавсифшуда дар ҳамин сол зарб шудааст.[1] Дар Ганҷинаи Кӯлоб ҳамагӣ як дирҳами Аҳмади Хуҷистонӣ (Феҳрист №10, КВ-1540910) мавҷуд мебошад.

**Намуди 3**

Аҳвоз, 27 / 883-884.

(Феҳрист № 11)

Дирҳами намуди 3 анъанавӣ буда навиштаҷоти асосиаш, яъне калимаи тавҳид дар маркази рӯй ва пушти сикка монанди намуди 2 мебошанд. Нишонаҳои фарқкунандаи намуди 3 инҳоянд:

1. Дар маркази рӯи сикка дар поён баъди калимаи тавҳид (ал-Муваффақ биллоҳ) навишта шудааст.
2. Дар маркази пушти сикка дар поён баъди номи халифа ал-Муътамид биллоҳ ибораи (зу-л-визоратайн) навишта шудааст.

Тавре ки мебинием, дар ин дирҳам дар баробари лақаби халифа ал-Муътамид боз ду лақаби дигар - 1) "ал-Муваффақ биллоҳ" ва 2) "Зу-л-визоратайн" навишта шудааст. Лақаби якум ба Абу Аҳмад ал-Муваффақ (842-891), ки писари хурдии халифа ал-Мутаваккил ва бародар халифа ал-Муътамид (870-892) буд ва лақаби Зулвизоратайн ба вазири аббосӣ Соъид ибни Махлад мансуб мебошад. Ӯ соли 266/879-880 ба маснади вазирӣ мерасад.

Шаҳри Аҳвоз, ки ин дирҳам дар он зарб шудааст, дар ҷанубу ғарбии Эрон, дар вилояти Хузистон ҷойгир буда, ҳанӯз дар давраи Сосониён маркази муҳими сиккасозӣ буд. Дар давраи ислом, алалхусус дар давраи Умавиён ва Аббосиён низ он маркази муҳими сикказанӣ ба шумор мерафт.

**Намуди 4**

Номи зарробхона суда шудааст, 270 / 883-884.

(Феҳрист № 12)

Навиштаҷот монанди намуди 3, аммо бе ибораҳои ва

**Намуди 5**

---

[1] - –

аш-Шош, 273? /886-887.

(Феҳрист № 13)

Монанди намуди 4, аммо бо иловаи номи "Муҳаммад" дар маркази рӯи сикка зери калимаи тавҳид ва ҳарф син дар маркази пушти сикка зери номи халифа. Дар ин дирҳам ба ғайр аз номи халифа номи Муҳаммад низ навишта шудааст. Саволе ба миён меояд, ки ин Муҳаммад кӣ буд? Мантиқан аз рӯи ҷойи зарб фарз кардан мумкин аст, ки дар ҳамин сол, яъне соли 273?/886-887 Муҳаммад ҳокими Шош буд. Дар робита бо ин масъала бояд ёдовар шавем, ки Е. А. Давидович дар ду фалси дар Шош соли 255/868-869 зарбшуда, номи Муҳаммадро пайдо карда, дар асоси як хабари Наршахӣ, ки дар он номи Муҳаммад ибни Нуҳ ёд шудааст,[1] ба хулосае омадааст, ки Муҳаммади дар фулус навишташуда ва ин шахс як нафаранд ва ӯ писари амири сомонӣ Нуҳ ибни Асад будааст. Ахбори Наршахӣ дар бораи Муҳаммад ибни Нуҳ ба соли 876 тааллуқ дорад. Яъне, байни ин ахбор ва соли зарби фулуси Е.А.Давидович таҳқиқкарда 8 сол фосила аст. Ин фосила чандон зиёд нест ва Муҳаммад ибни Нуҳ метавонист аз солҳои 868-869 то соли 876 дар Шош ҳукмрон боқӣ монад. Ин фарзия боварибахш ба назар мерасад. Байни соли зарби дирҳами намуди 5 ва фулуси Е. А. Давидович 19 сол фосила аст. Агар мо Муҳаммади дар фулус ва дирҳам зикршударо як шахс шуморем, пас ӯ дар Шош на камтар аз 19 сол, яъне аз солҳои 868-869 то солҳои 886-887 ҳукмронӣ кардааст. Байни соли дар китоби Наршахӣ ёд шудани Муҳаммад ибни Нуҳ (соли 876) ва соли зарби дирҳам (солҳои 886-887) фосила 11 сол аст. Аз ин бармеояд, ки имконияти бо Муҳаммад ибни Нуҳи дар китоби Наршахӣ ёдшуда, як шахс будани Муҳаммади дирҳами мо бештар аст.

Дар робита ба ин масъала як мушкилии дигар он аст, ки мутобиқи ахбори Наршахӣ соли 272/885-886 ҳокими Шош Яъқуб ибни Аҳмад бародари Насри I ибни Аҳмад буд.[2] Чанд сол ҳокими Шош будани ӯ маълум нест. Шумораи се дар дирҳам қисман суддашуда мебошад, шояд он шумораи дигар бошад. Аз ҷониби

[1] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. - Душанбе, 1979. - С.69.
[2] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. - Душанбе, 1979. - С. 69.

дигар, эҳтимол Наср I ибни Аҳмад бинобар ҷонибдори Исмоил буданаш Муҳаммадро аз ҳокимияти Шош барканор карда, бародари худ Яъқуб ибни Аҳмадро монда бошад. Ҳамчунин эҳтимол дорад, ки бо ёрии Исмоил соли 273/886-887 Муҳаммад аз нав ҳокими Шош шудааст. Хулоса мансубияти номи Муҳаммад, ки дар дирҳам омадааст, таҳқиқи иловагиро талаб мекунад. Бозёфти ҳамин намуд дирҳамҳои солашон хуб навишташуда дар оянда метавонад ба ин масъала рӯшанӣ андозад.

**Намуди 6**

Сол ва номи зарробхона суддашуда.

(Феҳрист № 14)

Навиштаҷот монанди намуди 4, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар маркази рӯи сикка баъди калимаи тавҳид, се сатри нав илова шудааст, аммо судда шудаанд ва танҳо калимаи ал-Носир хонда мешавад.
2. Дар маркази пушти сикка баъди номи халифа як сатр илова шудааст, ки номи Аҳмадро? дар бар мегирад ва боқимондааш судда шудааст.

**Намуди 7**

Сол ва ҷойи зарби ин намуд маълум нест.

(Феҳрист № 15)

Қисми зиёди навиштаҷоти ин дирҳам судда шудааст, аммо аз дигар намудҳои дар боло овардашудаи дирҳамҳои халифа ал- Муътамид бо он фарқ мекунад, ки номи халифа дар маркази рӯи сикка баъди калимаи тавҳид омадааст.

**ал-Муътазид**

**Намуди 1**

аш-Шош, 277 / 890-891.

(Феҳрист № 16)

Навиштаҷоти рӯи он монанди дирҳами намуди 3 халифа ал- Муътамид мебошад, аммо тарзи навишти хаташ фарқ мекунад. Навиштаҷоти пушти сикка монанди дирҳами намуди 4 халифа ал-Муътамид аст, ба истиснои номи халифа. Соли зарби ин дирҳам бо солҳои ҳукмронии халифа ал-Муътазид, ки номаш дар

он навишта шудааст, мувофиқ нест. Ин халифа соли 279/892 ба тахт нишаста буд, аммо дирҳами мавриди назар ду сол пеш аз ин рӯйдод зарб шудааст. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки рӯи ин дирҳам бо муҳри кӯҳнаи рӯи дирҳамҳои халифаи пешина, яъне ал- Муътамид зарб шудааст.

Тахаллуси ифтихории ал-Муваффақ биллоҳ, ки дар рӯи ин дирҳам навишта шудааст, низ ба халифа ал-Муътазид тааллуқ дорад. Ин тахаллус ҳанӯз дар давраи ворисӣ тахти хилофат будани ӯ дар сиккаҳое, ки аз номи халифа ал-Муътамид зарб шудаанд, навишта шудааст, аз ҷумла дирҳами намуди 3.

Нуктаи дигари ҷолиби диққат он аст, ки соли зарб шудани ин дирҳам ба солҳои охири ҳукмронии Насри I ибни Аҳмад рост меояд. Аммо, тавре ки мебинием дар он на номи ҳокими Шош ва на номи амири сомонӣ Насри I ибни Аҳмад навишта нашудааст. Ин дар ҳолест, ки ҳанӯз соли 875 Насри I ибни Аҳмад аз халифаи Бағдод ал-Муътамид ваколатнома гирифта амири Мовароуннаҳр таъин шуда буд ва ҳуқуқи аз номи худ баровардани сиккаҳои нуқрагинро дошт. Маълум нест, ки ӯ чаро дар Шош аз ин ҳуқуқаш истифода набурдааст. Ба мо ҳамчунин маълум нест, ки ин кор ягон сабаби сиёсӣ дошт ё не.

**Намуди 2**

Мадинатуссалом, 281 /894-895 ва 282 / 895-896; аш-Шош, 288 / 900-901.

(Феҳрист № 17-18, 21).

Монанди намуди 1, аммо бе ибораи "ал-Муваффақ биллоҳ."

Маълум аст, ки "Мадинатуссалом", ки маънои "Шаҳри сулҳ" -ро дорад, унвони ифтихории пойтахти хилофат шаҳри Бағдод буд.

Хати дирҳамҳои намуди 2 нисбат ба дирҳами намуди 1 хеле зебо ва комилтар мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар маркази хилофат хушнависон ва устоҳои муҳркани таҷрибадор ва бомаҳорат кор мекарданд.

Ҳошиябандии ин дирҳамҳо низ фарқ мекунад, навиштаҷот дар дохили се доираи хаттӣ – дарунӣ, мобайнӣ ва берунӣ ҷойгиранд.

**Намуди 3**

Ҷураш?, 284 / 897.

(Феҳрист № 19)

Монанди намуди 2, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар маркази рӯи сикка дар поён баъди калимаи тавҳид номи ”Муҳаммад ибни Аҳмад” навишта шудааст.
2. Дар маркази пушти сикка байни сатрҳои дуюм ва сеюм як нуқта ҷойгир аст. Ҳамин гуна нуқта хоси сиккаи намуди 1 мебошад, ки дар Шош зарб шудааст.

Дар мавриди шахсияти Муҳаммад ибни Аҳмад, ки номаш дар ин дирҳам навишта шудааст, бояд гуфт, ки ҳамин ном дар дирҳамҳои сомонии Ганҷинаи Кӯлоб низ ҳаст ва бо эҳтимоли зиёд ба намояндаи сулолаи ҳокимони Балх ва вилоятҳои атрофи он Баниҷуриён тааллуқ дорад, ки тобеи Сомониён буданд.

Номи зарробхона дар ин дирҳам хеле рӯшан навишта шудааст ва аз се ҳарф иборат аст ва зоҳиран ба назар чун Ҷураш мерасад. Ин шаҳр дар Урдун ҷойгир буда, яке аз марказҳои сикказанӣ буд. Агар мо ин хонишро қабул кунем пас мансубияти номи Муҳаммад ибни Аҳмад ба сулолаи Баниҷуриён зери суол меафтад, чунки онҳо ҳокимони Балх ва вилоятҳои атрофи он буданд ва наметавонистанд дар Ҷураш сикка бароранд. Дар ин сурат номи зарробхона бояд на Ҷураш, балки ба таври дигар хонда шавад. Ба наздикӣ акси як дирҳами ин шаҳр тавассути сиккашиноси москвагӣ В. Калинин дастраси мо шуд, ки он ҳам соли 284/898 зарб шуда, дар як тарафаш Муҳаммад ибни Аҳмад ва дар тарафи дигараш номи амири сомонӣ Аҳмад ибни Исмоил навишта шудааст. Аз ин бар меояд, ки сиккаи мазкур дар яке аз шаҳрҳои тобеи Сомониён зарб шуда, Муҳаммад ибни Аҳмад аз хонадони ҳокимони маҳалии Хатлон аст ва номи зарробхона зоҳиран ба Ҷураши Урдун монанд аст. Яъне номи зарробхонаи дирҳами мазкур Ҷураш нест, аммо он ҳоло ба таври дақиқ хонда нашудааст.

**Намуди 4**

аш - Шош, 286 /899.

(Феҳрист № 20)

Монанди намуди 2 аст, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Ҳошиябандиаш монанди намуди 1.

2. Дар маркази пушти сикка дар зери номи халифа номи нимсуддашуда Аҳмад ҷойгир аст.

**Намуди 5**

Самарқанд, 279 / 892-893.

(Феҳрист № 22)

Монанди намуди 1, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар маркази рӯи сикка зери калимаи тавҳид номи дигар ҷойгир аст, ки суда шудааст ва хонда намешавад.
2. Монанди дирҳами намуди 5 халифа ал-Муътамид дар маркази пушти сикка дар байни сатрҳои дуюм ва сеюм як нуқта ва зери номи халифа ҳарфи (син) ҷойгир аст.

**Ал-Муктафӣ**

**Намуди 1**

Нисибин, 293 / 905-906.

(Феҳрист № 23)

Монанди дирҳами намуди 2 халифа ал-Муътазид, аммо дар маркази пушти сикка дар байни сатрҳои дуюм ва сеюм як нуқта мавҷуд аст. Ороиши ҳошияи рӯи сикка монанди дирҳами намуди 5 халифа ал-Муътазид.

**ал- Муқтадир**

**Намуди 1**

Мадинатуссалом, 296 / 908-909.

(Феҳрист № 24).

Рӯи сикка монанди дирҳами намуди 1 халифа ал-Мустаъин – дар зери калимаи тавҳид унвонҳои ифтихории "ал-Абос ибни Амир ал-Муъминин" навишта шудааст. Нишонаҳои фарққунандааш чунинанд: Дар марказ дар боло як нуқта ҷойгир аст. Хаташ куфии шукуфон – сари ҳарфҳои навиштаҷоти ҳарду рӯи сикка шакли дубаргаро доранд.

Пушти сикка монанди дирҳами намуди 1 халифа ал-Муктафӣ, аммо дар поёни маркази пушти сикка як нуқта дорад.

Хулоса, 23 дирҳами аббосии дар Ганҷинаи Кӯлоб буда, 15 намуд ва як гузинаро ташкил мекунанд. Дирҳамҳои се халифа танҳо як намудӣ буда, аз халифа Муътамид 7 намуд ва аз халифа Муътазид 5 намуд мебошанд. Намудҳо аз якдигар бо ному унвонҳои иловагӣ фарқ мекунанд. Навиштаҷоти асосии ҳамаи дирҳамҳо як аст, танҳо навиштаҷоти дирҳами Нишопур, ки аз номи Аҳмад ибни Абдуллоҳ зарб шудааст, фарқ мекунад. Дар дирҳамҳои аббосӣ навиштаҷоти зерини иловагӣ мавҷуд аст, ки дар боло шарҳи онҳо дода шуд:

(ҳарфи син)

“ал-Абос ибни Амир ал-муъминин”

“Амир ал-муъминин”

(ал-Муваффақ биллаҳ),

(зу-л-визоратайн),

(вас-саъода) (дар дирҳами Аҳмад ибни Абдуллоҳ)

(Муҳаммад)

## 3. ДИРҲАМҲОИ САФФОРИЁН

### Намуди 1

Амр[♠] ибни [Лайс], ал-Муътазид, Шероз?, 277 / 891.
(Феҳрист № 26).

Рӯи сикка монанди дирҳами намуди 1 халифа ал-Муктафӣ бо иловаи номи нохоно дар поёни калимаи тавҳид. Ҳошия гирди духаттӣ.

Пушти сикка. монанди дирҳами намуди 1 халифа ал – Муктафӣ, аммо бо номи халифа ал- Муътазид ва дар зери он номи амир Амр ибни (Лайс).

### Намуди 2

[♠] Ҳарфи дар исми – Амр, ба мафтуҳ будани ҳарфи далолат мекунад.

Амр ибни Лайс, ал - Муътазид, Нишопур, 289 / 901-902.

(Феҳрист № 27).

Монанди намуди 1, аммо бо он фарқият, ки номи амир Амр ибни Лайс аз пушти сикка ба рӯи сикка гузаронда шудааст.

**Намуди 3**

Амр ибни Лайс, ал-Муътазид, Балх?

(Феҳрист № 28).

Монанди намуди 2 танҳо бо як фарқият: дар рӯи сикка дар ҳошия як навиштаҷоти гирд ҷойгир аст.

**Намуди 4**

Амр (ибни Лайс), ал- Муътазид, номи зарробхона суддашуда.

(Феҳрист № 29).

Монанди намуди 3 танҳо бо як фарқият: дар маркази рӯи сикка дар поён номи амир бе номи падараш навишта шудааст.

Дирҳамҳои саффории Ганҷинаи Кӯлоб чор намуданд, ки аз якдигар бо ҷойгиршавии номи амир ва навиштаҷоти гирд фарқ мекунанд. Навиштаҷоти иловагӣ дар дирҳамҳо дида намешавад.

## ДИРҲАМҲОИ СОМОНИЁН

**Исмоил ибни Аҳмад**

**Намуди 1**

Исмоил ибни Аҳмад, ал-Муътазид, ал-Муктафӣ,

(Феҳрист № 30, 32-43, 50-53,55-56,60-62,73-74,84-85).

Р.с. Пушти сикка

Дар марказ:

Рӯи сикка навиштаҷоти гирди дарунӣ- ҷой ва соли зарб:

:

Навиштаҷоти гирди берунӣ – Қуръон, сураи 30, ояти 3-4.

:

Пушти сикка. Навиштаҷоти гирд – Қуръон, сураи 9, ояти 33:

Дар рӯй ва пушти сикка гирди ҳошия доираи якхаттӣ. Навиштаҷоти маркази пушти сикка дар дохили доираи якхаттӣ ва баъзан духаттӣ ҷойгир аст.

Дирҳамҳои намуди 1 дар шаҳрҳои Самарқанд ва Шош дар байни солҳои 280 / 893-894 ва 294 / 906-907 зарб шудаанд.

**Намуди 1, гузинаи 1**

Исмоил ибни Аҳмад, ал-Муктафӣ, Самарқанд, 294 / 906-907.

(Феҳрист № 83).

Монанди намуди 1, аммо дар маркази рӯи сикка дар боло як доирача бо нуқта дар дарунаш.

**Намуди 2**

Исмоил ибни Аҳмад, ал-Муътазид, аш-Шош, 281 / 894-895.

(Феҳрист № 31).

Монанди намуди 1, аммо номи Исмоил бе номи падараш оварда шудааст.

**Намуди 3**

Исмоил ибни Аҳмад, ал-Муктафӣ, Самарқанд, 290? / 902-903, (ё 280 ?).

(Феҳрист № 44-49).

Монанди намуди 1, аммо номи “Исмоил” бе номи падараш дар рӯи сикка дар зери калимаи тавҳид низ навишта шудааст.

**Намуди 4**

Исмоил ибни Аҳмад, ал-Муктафӣ, Андароба, 291 / 903-904.

(Феҳрист № 54, 80).

Монанди намуди 1, аммо дар маркази пушти сикка зери номи амир Исмоил ибни Аҳмад номи “Аҳмад” бо хатти насх навишта шудааст ва дар байни сатри дуюм ва сеюм як нуқта аст.

Номи Аҳмад, ки дар дирҳами намуди чор навишта шудааст ба яке аз намояндагони сулолаи маҳаллии ҳокимони Балх ва Тахористон, ки бо номи Баниҷуриён ё Абудовудиён маъруфанд, тааллуқ дорад. Саравлоди ин сулола Ҳошим ибни Баниҷур ҳокими Хатлон буда, соли 857 вафот кардааст. Намояндаи дуюми ин сулола Довуд ибни ал-Аббос ибни Ҳошим дар солҳои 848-874 ҳокими Балх будааст. Намояндаи сеюми ин сулола Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Баниҷур дар солҳои 874-898/899 ҳокими Андароба ва Панҷҳир будааст. Аҳмаде, ки номаш дар дирҳами намуди 4 навишта шудааст, охирин намояндаи ин сулола буда, номи пуррааш Аҳмад ибни Муҳаммад мебошад. Мувофиқи навиштаҳои муҳаққиқон ӯ эҳтимолан то соли 908 ҳокими Балху Андароба будааст.[1] Дирҳами намуди 4 дар соли 291 / 903-904 ҳокими Андароба будани ӯро тасдиқ мекунад.

**Намуди 5**

Исмоил ибни Аҳмад, ал-Муктафӣ, Андароба, 293 / 905-906, 295/907-908.

(Феҳрист № 57,76-79, 88).

Монанди намуди 4, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар маркази пушти сикка номи Аҳмад навишта нашудааст.
2. Дар пушти сикка як доирача ё нуқта дар байни сатрҳои 2 ва 3 ва яктои дигар дар поён ҷойгиранд.

**Намуди 5, гузинаи 1**

Исмоил ибни Аҳмад, ал-Муктафӣ, Андароба, 293 / 905-906.

(Феҳрист № 58).

Монанди намуди 5, аммо дар маркази пушти сикка дар байни сатрҳои 2 ва 3 ба ҷои доирача як нуқта ҷойгир аст.

**Намуди 6**

[1] https://runivers.ru/doc/isl/element.php Bosworth C. E. The new Islamic dynasties. A chronological and genealogical manual. N.Y., 1996. P. 174; Беленицкий А. М. Историко географический очерк Хутталя с древнейших времён до X в. // МИА, № 15. - М., - Л., 1950. - С.125.

Исмоил ибни Аҳмад, ал-Ҳорис ибни Асад, Ҷаъфар ибни Аҳмад, Андароба, Хуттал, 293 / 907.

(Феҳрист № 59, 68-72).

Монанди намуди 1, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар рӯи сикка дар зери калимаи тавҳид номи ал-Ҳорис ибни Асад.
2. Дар маркази пушти сикка қисми дуюми калимаи тавҳид дар ду сатр навишта шудааст.
3. Дар маркази пушти сикка дар зери калимаи тавҳид номи халифа ал-Муктафӣ, дар зери он номи амири сомонӣ Исмоил ибни Аҳмад ва дар поёни он номи Ҷаъфар ибни Аҳмад навишта шудааст.
4. Дар пушти сикка дар боло дар ду тарафи калимаи як нуқтагӣ гузошта шудааст.

Тавре ки мебинем, дар дирҳами намуди 6 ба ғайр аз номи халифа ва амири сомонӣ боз номи ду шахси дигар – ал –Ҳорис ибни Асад ва Ҷаъфар ибни Аҳмад навишта шудааст. Аз 6 дирҳами ин намуд як донааш дар Андароба ва боқимонда 5 донааш дар Хуттал зарб шудаанд. То ҷое, ки ба мо маълум аст, ин намуд дирҳамҳо бори нахуст ёфт шудаанд. Дирҳамҳо бо номи ин ду ҳоким дар алоҳидагӣ маълум буданд ва нашр шудаанд. Аммо ин бори нахуст аст, ки номи ин ду ҳокими Хуттал дар дирҳам якҷоя навишта шудааст. Мувофиқи маълумоти сиккаҳо, ки Р. Фасмер[1] ва Г. Рисплинг[2] овардаанд, ал-Ҳорис ибни Асад аз соли 284/897 ба истиснои баъзе солҳо то соли 296 /908-909 дирҳам баровардааст, яъне дар ҳамин солҳо ӯ ҳокими Хуттал будааст. Ҳукмронии Ҷаъфар ибни Аҳмад дар Хуттал мувофиқи сиккаҳо аз соли 306/918-919 шуруъ шудааст.[3] Дар робита ба ҳукмронии Ҷаъфар ибни Аҳмад Ганҷинаи Кӯлоб маълумоти навро дар бар мегирад, ки дар дирҳамҳои намуди 6 инъикос гардидаанд. Мувофиқи ин дирҳамҳо ҳанӯз дар давраи ҳукмронии Исмоил ибни Аҳмад, алалхусус дар соли 293/905-906 Ҷаъфар ибни Аҳмад ҳокими Хуттал будааст. Дар ин бора ҳам соли зарб шудани ин дирҳамҳо ва ҳам дар зери номи Исмоил ибни Аҳмад ҷойгир

[1] Fasmer R. Beiträge zur muchamedanischen Münzkunde //Num. Zeitschrift,№ 58,1925. - C.5-57, 58.
[2] Довуди Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. Душанбе, 2006. - С.178-182.
[3] Ҳамон ҷо. - С.182.

будани номи Ҷаъфар ибни Аҳмад гувоҳӣ медиҳанд. Ганҷинаи Кӯлоб дар робита бо ал-Ҳорис ибни Асад боз як маълумоти навро дар бар мегирад. Маълум мешавад, ки ин шахс на танҳо ҳокими Хуттал, балки дар соли 293/905-906 дар зери итоати Ҷаъфар ибни Аҳмад ҳокими Андароба низ будааст.

Дар робита бо дирҳамҳои намуди 6 саволе ба миён меояд, ки оё Хуттал метавонист дар як вақт ду ҳоким дошта бошад. Усулан ин чиз имконпазир аст, дар таърих ин хел падидаҳо вомехӯранд. Аммо воқеитар он аст, ки мартабаи яке аз ин ду ҳокими Хуттал баландтар ва доираи ҳукмрониаш васеътар будааст. Дар Ганҷинаи Кӯлоб, тавре поёнтар хоҳем дид, дирҳамҳое ҳастанд, ки аз номи Ҷаъфар ибни Аҳмад дар Хуттал, Балх, Вахш ва Маъдин зарб шудаанд. Дар ин асос хулоса баровардан мумкин аст, ки Ҷаъфар ибни Аҳмад ҳокими дараҷаи баландтар буда, ал-Ҳорис ибни Асад тобеи ӯ буд. Дар ин бора ҷойи навишта шудани номи Ҷаъфар ибни Аҳмад – дар пушти сикка баъди номи халифа ва амири сомонӣ низ гувоҳӣ медиҳад, чунки ин тарафи сикка муҳимтар ва муътабартар ба шумор мерафт.

**Намуди 7**

Исмоил ибни Аҳмад, ал-Ҳорис ибни Асад, ал-Муктафӣ, ал-Хуттал, 293/905-906.

(Феҳрист № 63-67,75).

Монанди намуди 6, аммо бе номи Ҷаъфар ибни Аҳмад дар пушти сикка зери номи амири сомонӣ. Дар пушти сикка дар боло дар ду тарафи калимаи як нуқтагӣ гузошта шудааст.

Аз навиштаҷоти ин дирҳамҳо бармеояд, ки дар соли 293/905-906 ал-Ҳорис ибни Асад на танҳо ҳокими Хуттал, балки Андароба низ будааст.

**Намуди 7, гузинаи 1**

Исмоил ибни Аҳмад, ал-Муктафӣ, ал-Хуттал, 294 / 906-907.

(Феҳрист № 86).

Монанди намуди 7, аммо дар рӯи сикка дар боло ва пушти сикка дар поён яктогӣ нақши гул ҷойгир аст.

**Намуди 7, гузинаи 2**

Исмоил ибни Аҳмад, ал-Ҳорис ибни Асад, ал-Муктафӣ, ал-Хуттал, 2...?

(Феҳрист № 87).

Монанди намуди 7, аммо дар пушти сикка дар байни сатрҳои 2 ва 3 як нуқта ва дар поён зери номи Исмоил ибни Аҳмад ду нуқта дида мешавад.

**Намуди 8**

Исмоил ибни Аҳмад, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад, ал-Муктафӣ, Андароба,

294/906-907.

(Феҳрист №81).

Монанди намуди 1, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар рӯи сикка зери калимаи тавҳид бо хати насх номи “Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад” навишта шудааст.
2. Дар пушти сикка дар поён нақши наботӣ.

Бо эҳтимоли зиёд “Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад” шакли пурраи номи ҳамон Аҳмаде мебошад, ки дар дирҳами намуди 4 зикр ёфтааст ва он дирҳам дар Андароба соли 291 / 903-904 зарб шудааст. Аз дирҳами намуди 8 бармеояд, ки ӯ соли 294 / 906-907 низ ҳокими Андароба будааст. Тавре ки дар боло ишора кардем, ӯ охирин намояндаи сулолаи маҳаллии Баниҷуриён мебошад, ки дар Балх ва Хуттал ҳукмронӣ кардаанд.

**Намуди 9**

Исмоил ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Бадахшон, 309 / 922.

(Феҳрист № 89).

Монанди намуди 1, аммо бо як фарқият:

Дар рӯи сикка дар зери калимаи тавҳид ибораи “ал-Наср биллоҳ”, яъне “ёрӣ аз худо аст” ё ”худо ёрӣ мерасонад” ҷойгир аст.

Дирҳамҳои Исмоил 9 намуданд. Дар онҳо чор номи иловагӣ,

,

як ибораи динӣ: , нуқта ва доирачаҳо ва се намуд нақши растанӣ мавҷуд аст. Дирҳамҳои Исмоил ибни Аҳмад намуди 4 бо номи “Аҳмад”, намуди 6 бо номҳои ал –Ҳорис ибни Асад ва Ҷаъфар ибни Аҳмад, намуди 8 бо номи “Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад” нав буда, аз ҷониби мо дар Ганҷинаи Кӯлоб кашф карда шудаанд.

**Аҳмад ибни Исмоил**

**Намуди 1**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муктафӣ, Балх, Андароба, 293? / 905-906, 296/908-909, 297 / 908-909.

(Феҳрист № 90-92, 97-98, 105).

Монанди намуди 5 дирҳамҳои Исмоил ибни Аҳмад, аммо бо як фарқияти ҷузъӣ:

1. Дар рӯи сикка дар боло нақши қатрамонанд.

**Намуди 1, гузинаи 1**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, Маъдин, 300 / 912-913.

(Феҳрист № 148)

Монанди намуди 1, аммо нақши гули рӯи сикка каме фарқ мекунад.

**Намуди 2**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муктафӣ, ал-Муқтадир, Нишопур, Шош, Маъдин, 295 / 909, 299 / 911-912.

(Феҳрист № 93, 95-96, 110-124, 126, 128-131,133, 138, 143, 145, 149, 167).

Монанди намуди 1 дирҳамҳои Исмоил ибни Аҳмад.

**Намуди 2, гузинаи 1**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муктафӣ, Самарқанд, 295 / 907-908.

(Феҳрист № 94).

Монанди намуди 2, аммо бо ду фарқияти ҷузъӣ:

1. Дар рӯи сикка дар боло се нуқтача.
2. Номи Аҳмад ибни Исмоил бо хати насх навишта шудааст.

**Намуди 2, гузинаи 1а**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, Самарқанд, 301 / 913.

(Феҳрист № 161).

Монанди намуди 2, гузинаи 1, аммо бе се нуқтача дар маркази рӯи сикка дар боло.

**Намуди 2, гузинаи 1б**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, аш-Шош, 301/ 913.

(Феҳрист № 162).

Монанди намуди 2, гузинаи 1, аммо дар рӯи сикка дар боло ба ҷои се нуқта нақши наботӣ.

**Намуди 2, гузинаи 2**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, Самарқанд, 296/908-909.

(Феҳрист № 99).

Монанди намуди 2, гузинаи 1, аммо бо як фарқияти ҷузъӣ: дар рӯи сикка дар поён дар зери калимаи тавҳид ҳарфи “син” ҷойгир аст.

**Намуди 2, гузинаи 3**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, Самарқанд, Шош, 296 / 908-909.

(Феҳрист № 100-104, 107-109, 125, 141, 142, 151-153).

Монанди намуди 2, гузинаи 1, аммо бе се нуқтача дар рӯи сикка дар боло.

**Намуди 2, гузинаи 4**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, аш-Шош, 298 / 910-911, 300/ 912-913.

(Феҳрист № 127, 140, 155).

Монанди намуди 2, гузинаи 1, аммо дар рӯи сикка дар боло нақши гули себарга ва дар поён навиштаҷоти куфӣ .

**Намуди 2, гузинаи 5**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, аш-Шош, 298 /910-911.

(Феҳрист № 132).

Монанди намуди 2, аммо дар пушти сикка думчаи ҳарфи дар калимаи шакли себаргаро дорад.

**Намуди 2, гузинаи 6**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, аш-Шош, 299 /911-912.

(Феҳрист № 144).

Монанди намуди 2, аммо дар рӯи сикка дар боло нақши наботии душоха.

**Намуди 2, гузинаи 7**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, Маъдин, 300 / 912-913.

(Феҳрист № 150).

Монанди намуди 2, аммо рӯи сикка дар поён се нуқта ҷойгир аст.

**Намуди 2, гузинаи 8**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, аш-Шош, 300/ 912-913.

(Феҳрист № 156).

Монанди намуди 2, аммо дар рӯи сикка дар боло як доирачаи хурд.

**Намуди 2, гузинаи 9**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, Андароба, 301 / 913-914.

(Феҳрист № 157-160).

Монанди намуди 2, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар пушти сикка дар поён дар зери номи Аҳмад ибни Исмоил калимаи “ал-Қудрату”.
2. Дар рӯи сиккадар поён зери номи халифа ҳарфи ё .

Вожаи “ал-Қудрату” ба маънои “қудрат ва тавоноӣ дар дасти худост” омада, аммо “лиллоҳ” навишта нашуда, он дар назар дошта шудааст.

Ҳарфи ё чӣ маъно дорад маълум нест, шояд аз калимаи “хуб” –и тоҷикӣ гирифта шуда бошад бо маънои сиккае, ки иёру вазнаш дуруст аст.

**Намуди 3**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, Анадароба, Панҷҳир, 297 / 908-909, 302 / 914-915.

(Феҳрист № 106, 134-136,163).

Монанди намуди 2, гузинаи 3, аммо бо кунияи "Абу Наср" дар рӯи сикка дар зери калимаи тавҳид.

Мутобиқи сарчашмаҳои хаттӣ кунияи Абу Наср ба амири сомонӣ Аҳмад ибни Исмоил тааллуқ дошт.[1]

**Намуди 3, гузинаи 1**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, Маъдин, 299 /911-912.

(Феҳрист № 139).

Монанди намуди 3, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар байни сатри чорӯм ва кунияи як вожаи нохоно ҷойгир аст.
2. Номи амир Аҳмад ибни Исмоил бо хатти насхи мунаққаш ва ғайри маъмулӣ навишта шудааст.

**Намуди 3, гузинаи 2**

Аҳмад ибни Исмоил, Андароба, 300 / 912-913.

(Феҳрист № 146).

Монанди намуди 3, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Номи халифа навишта нашудааст.
2. Дар зери номи Аҳмад ибни Исмоил вожаи ал-Қудрату, ҷойгир аст.

**Намуди 4**

Аҳмад ибни Исмоил, Андароба, 299 / 911-912.

(Феҳрист № 137).

Монанди намуди 2, аммо бе номи халифа ва қисми дуюми калимаи тавҳид дар пушти сикка дар се сатр навишта шудааст. Дар пушти сикка дар поён нақши душоха ҷойгир аст.

**Намуди 5**

Аҳмад ибни Исмоил, Андароба, 300 / 912-913.

---

[1] Гардезӣ. Зайну-л-ахбор. - Душанбе, 2014. - С.180.

(Феҳрист № 147).

Рӯи сикка монанди намуди 2, аммо зери калимаи тавҳид як нуқтаи калон.

Пушти сикка монанди намуди 3, гузинаи 2 бо вожаи ал-Қудрату. Ин калима дар сиккаҳои намуди 3, гузинаи 2 низ навишта шудааст.

**Намуди 6**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, аш-Шош, 300/ 912-913.

(Феҳрист № 154).

Монанди намуди 2, гузинаи 3, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Номи “Аҳмад” дар рӯи сикка дар боло ҷойгир аст.
2. Дар пушти сикка дар боло аз тарафи рост як нуқта ҷойгир аст.

Ин ном дар дирҳамҳои Исмоил ибни Аҳмад намуди 4 низ ҳаст ва мо дар боло ба охирин намояндаи сулолаи маҳаллии Баниҷуриён, ки онҳоро Абу Довудиён низ меноманд, тааллуқ доштани онро гуфта будем. Онҳо ҳокимони Балх, Тахористон ва Хуттал буданд.

**Намуди 7**

Аҳмад ибни Исмоил, ал-Муқтадир, Андароба, 307 / 919-920.

(Феҳрист № 166).

Монанди намуди 2, аммо номи халифа дар рӯи сикка низ навишта шудааст.

Дирҳамҳои Аҳмад ибни Исмоил дар Ганҷинаи Кӯлоб 6 намуд ва 9 гузинаро дар бар мегиранд. Онҳо аз рӯи ҷойгиршавии номҳо ва нақшу вожаҳои иловагӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Дар ин дирҳамҳо ду ҳарф, як ном, як куния, як вожаи динӣ ва 8 нақши растанӣ мавҷуд аст:

Агар бо дирҳамҳои Исмоил ибни Аҳмад муқоиса кунем, танҳо номи Аҳмад дар дирҳамҳои ин ду амир вуҷуд доранд, дигар ҳарфу, вожаҳо ва нақшҳо такрор нашудаанд.

## НАСР ИБНИ АҲМАД

### Намуди 1

**1.** Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Балх, Маъдин, Шош, Хатлон, Хуттал, Самарқанд, Андароба, 300/ 912-1913, 302 / 914-915, 303/915-916, 305 / 917- 918, 306 / 918-919, 307 / 919-920, 308 /920- 921, 309 / 921-922, 310 /922- 923, 311 / 923-924, 312 / 924-925, 313 / 925-926, 314 / 926-927.

(Феҳрист № 182-183, 185-187, 199, 200 -205, 209-213, 217-218, 231-232, 237-239, 241-243, 251, 253, 271, 273-274, 280-281, 284-285, 372, 374-380, 385-386, 394-400, 405, 410-415, 417-420, 428-438, 440-441,444-445, 471, 485-509, 512-518, 579, 592-605, 628, 629, 632-634,668-669, 677-683, 685-702, 819-821, 833-844,868-869, 941, 960-968, 973-988, 990-1002, 1169-1179, 1192-1194, 1198-1200, 1202-1217, 1349-1350, 1356-1358, 1361, 1367, 1372, 1374, 1380-1381, 1386).

Р.с. Пушти сикка

Дар марказ:

Рӯи сикка навиштаҷоти гирди дарунӣ - ҷой ва соли зарб:

:

Навиштаҷоти гирди берунӣ – Қуръон, сураи 30, ояти 3-4.

:

Пушти сикка Навиштаҷоти гирд – Қуръон, сураи 9, ояти 33:

Эзоҳ: Дар дирҳамҳои № 833-844, 868-869 сари ҳарфҳои рӯи сикка шакли дубаргаро доранд.

**Намуди 1 гузинаи 1**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андар(о)ба, Маъдин,300 /912-913.

(Феҳрист № 168, 472).

Монанди намуди 1, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар рӯи сикка дар боло се нуқта.
2. Дар пушти сикка дар поён ҳарфи .

   Дар мавриди маънои ҳарфи мо дар боло гуфта гузаштем.

**Намуди 1, гузинаи 2**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба, 300 / 912-913.

(Феҳрист № 169).

Монанди намуди 1, аммо бо ду фарқият:

1. Дар рӯи сикка дар поён нимдоирача бо як нуқтагӣ дар ду паҳлӯяш.
2. Дар пушти сикка дар поён ҳарфи .

**Намуди 1, гузинаи 3**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба, Маъдин, Андароба, 300 / 912-913, 303 /915-916, 312 / 924-925, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 170-171, 174, 193, 221, 670, 845, 846-849, 1371, 1375, 1377-1379,1382, 1387-1388).

Монанди намуди 1, аммо бо як фарқият:

1. Дар пушти сикка дар поён як доирача ҷойгир аст.

Эзоҳ: Навиштаҷоти гирди пушти сикка № 845 бо хати насхи шикаста навишта шудааст.

**Намуди 1, гузинаи 4**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба, 300 / 912-913.

(Феҳрист № 172).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар поён нақши наботӣ ва дар пушти сикка дар поён ҳарфи ҷойгир аст.

**Намуди 1, гузинаи 5**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба, 300 /912-913.

(Феҳрист № 173).

Монанди намуди 1, бо иловаи калимаи “Адл” дар рӯи сикка дар поён ва доирача дар поёни пушти сикка.

**Намуди 1, гузинаи 6**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба, 300 / 912-913, 308 / 920-921.

(Феҳрист № 175, 387, 391).

Монанди намуди 1, аммо дар пушти сикка дар поён ду хатчаи мавҷмонанд ҷойгир аст.

**Намуди 1, гузинаи 7**

Наср ибни Аҳмад, Андароба, 300 / 912-913.

(Феҳрист № 176).

Монанди намуди 1, аммо дар пушти сикка дар поён ду ҳарф – ҷойгир аст.

**Намуди 1, гузинаи 8**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Балх, Андароба, 300/912-1913, 303/ 915-916.

(Феҳрист № 184, 196-197, 220).

Монанди намуди 1, аммо дар пушти сикка дар поён ҳарфи .

**Намуди 1, гузинаи 9**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, 300 / 912-913.

(Феҳрист № 188).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар боло нақши ситораи шашгуша.

**Намуди 1, гузинаи 10**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, 300 / 912-913. 307 / 919-920.

(Феҳрист № 189, 371).

Монанди намуди 1, аммо дар пушти сикка дар поён нақши гули дубарга.

**Намуди 1, гузинаи 11**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, 300 / 912-913, 310 / 922-923.

(Феҳрист № 190, 473-476).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар боло нақши қатрамонанд.

**Намуди 1, гузинаи 12**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, 300 / 912-913.

(Феҳрист № 191).

Монанди намуди 1, аммо дар  рӯи сикка дар поён нақши гул.

**Намуди 1, гузинаи 13**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, Шош, Хуттал, 300 / 912-913, 308 /920-921, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 192, 402, 1012-1034).

Монанди намуди 1, аммо дар  рӯи сикка дар боло нақши наботии душоха.

**Намуди 1, гузинаи 14**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Шош, Самарқанд, Панҷҳир, 300 / 912-913. 307 /919-920, 308 /920- 921, 309 / 921-922, 311 / 923-924, 312 / 924-925, 313 / 925-926, 314 / 926-927, 315 / 927-928.

(Феҳрист № 198, 239-240, 373, 401,416, 591, 606-607, 684, 969-971, 1195, 1201, 1342).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар боло як нуқта.

**Намуди 1, гузинаи 15**

Наср ибни Аҳмад, Андароба, 303? /915-916.

(Феҳрист № 219).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар боло нақши растанӣ.

**Намуди 1, гузинаи 16**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба, 303 / 915-916, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 222, 850).

Монанди намуди 1 бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар рӯи сикка дар зери калимаи тавҳид ҳарфи  ҷойгир аст.
2. Дар пушти сикка дар зери номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад мисли намуди 1 гузинаи 3 як доирача ҷойгир аст.

**Намуди 1, гузинаи 17**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба, 303 / 915-916, 310 / 922- 923.

(Феҳрист № 223-224, 442, 859).

Рӯи сикка монанди намуди 1, аммо дар зери калимаи тавҳид ду ҳарф – ҷойгир аст.

Дар пушти сикка зери номи амир Наср ибни Аҳмад мисли намуди 1 гузинаи 7 боз ҳамон ду ҳарф –  ҷойгир аст.

**Намуди 1, гузинаи 18**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Самарқанд, 303 / 915-916, Шош, Самарқанд, 306 /918- 919, 307 /919-920, 308 / 921, 309 / 921-922, 314 / 926-927.

(Феҳрист № 230, 256, 282-283, 381, 404, 422, 424-425, 427, 1218-1219).

Монанди намуди 1, аммо дар номи амир охири тарафи чапи ҳарфи  дар калимаи  шакли гулро дорад. Дар ду нусха сари ҳарфҳо шакли дубаргаро доранд.

**Намуди 1, гузинаи 19**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Шош, 304 / 917.

(Феҳрист № 244, 1354)

Рӯи сикка мисли намуди 1, гузинаи 13 дар рӯи сикка дар боло нақши растании душоха дорад.

Пушти сикка мисли намуди 1, гузинаи 18 дар номи амир думчаи ҳарфи  дар калимаи  шакли гулро дорад.

**Намуди 1, гузинаи 20**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, 305 / 917-918, Балх, 311 / 923-924, 312 / 924-925, Балх, 313 / 925-926, Хуттал, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 252, 589, 639-663, 671, 824, 875-930, 1079, 1363).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар поён ҳарфи .

**Намуди 1, гузинаи 21**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Самарқанд, Балх, 305 / 917-918. Андароба, 310 /922- 923, Балх, 311 / 923-925. Шош, 311 / 923-925, Балх, 313 / 925-926. Хуттал, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 254, 439, 443, 470, 590, 608, 631, 822-823, 870-871, 942-944, 1035-1077).

Монанди намуди 1, аммо дар пушти сикка дар поён як нуқта ё доирача.

**Намуди 1, гузинаи 22**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 306 / 919, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 279, 1083).

Монанди намуди 1, аммо номи амири сомонӣ "Наср ибни Аҳмад" ду бор – ҳам дар рӯи сикка ва ҳам дар пушти сикка навишта шудааст.

**Намуди 1, гузинаи 23**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба, 308 / 920-921.

(Феҳрист № 390).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар поён ду нуқта ва дар пушти сикка дар поён нишонаи номуайяни суддашуда.

**Намуди 1, гузинаи 24**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Нишопур, 308 / 920-921.

(Феҳрист № 393).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка ва пушти сикка дар поён ду доирача ҷойгир аст.

**Намуди 1, гузинаи 25**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба, 307 / 919-920.

(Феҳрист № 286).

Монанди намуди 1, аммо дар поёни рӯи сикка ва пушти сикка калимае иборат аз ду ҳарф - .

**Намуди 1, гузинаи 26**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба, 309 / 921-922.

(Феҳрист № 406).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар поён калимае иборат аз ду ҳарф - ва дар пушти сикка дар поён ду ҳарф – .

**Намуди 1, гузинаи 27**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Шош, 309 / 921-922.

(Феҳрист № 421, 423, 426).

Монанди намуди 1, гузинаи 18 дар пушти сикка думчаи ҳарфи дар калимаи шакли гулро дорад, аммо дар рӯи сикка дар боло як доирача ҷойгир аст.

**Намуди 1, гузинаи 28**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба ?, 310 / 922- 923.

(Феҳрист № 446).

Рӯи сикка монанди намуди 1, аммо дар поён ду нуқта.

Пушти сикка монанди намуди 1, гузинаи 6 дар поён ду хатчаи мавҷмонанд дорад.

**Намуди 1, гузинаи 29**

Наср ибни Аҳмад, Балх, Хуттал, 310 /922-923,

(Феҳрист № 450-469, 520-578).

Монанди намуди 1, аммо бе номи халифа.

**Намуди 1, гузинаи 30**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, 310 / 922-923.

(Феҳрист № 472).

Монанди намуди 1, аммо дар пушти сикка дар поён ҳарфи .

**Намуди 1, гузинаи 31**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Самарқанд, 310 / 922-923, 312 / 924-925.

(Феҳрист № 510, 703).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар боло як нуқта ва дар пушти сикка дар поён ду нуқта ҷойгир аст.

**Намуди 1, гузинаи 32**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Самарқанд, 310 / 922-923, 314 / 926-927.

(Феҳрист № 511, 1196-1197).

Монанди намуди 1, аммо дар пушти сикка дар поён ду нуқта ҷойгир аст.

**Намуди 1, гузинаи 33**

Наср ибни Аҳмад, Хуттал, 310 / 922-923, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 518-519, 860-865, 1078).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар поён як нуқта ҷойгир аст.

**Намуди 1, гузинаи 34**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Шош, 310 / 922-923, Балх, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 585-586, 873-874).

Монанди намуди 1, гузинаи 18 думчаи ҳарфи дар калимаи шакли гулро дорад, аммо дар бари он нуқта ҷойгир аст. Сари ҳарфҳо шакли дубаргаро доранд.

**Намуди 1, гузинаи 35**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба, 311 / 923-924.

(Феҳрист № 587).

Монанди намуди 1, аммо дар пушти сикка дар поён ҳарфи .

**Намуди 1, гузинаи 36**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба, 311 / 923-924.

(Феҳрист № 588).

Монанди намуди 1, аммо дар пушти сикка дар поён ҳарфи .

**Намуди 1, гузинаи 37**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 311 / 923-924.

(Феҳрист № 609-611).

Монанди намуди 1, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар қисми болои рӯи сикка нақши себарга.
2. Дар қисми поёни рӯи сикка як нуқта.
3. Дар пушти сикка думчаи ҳарфи дар калимаи шакли гулро дорад.

**Намуди 1, гузинаи 38**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 312 / 924-925.

(Феҳрист № 794-795).

Монанди намуди 1, гузинаи 37, аммо бе нуқта дар рӯи сикка дар поён.

**Намуди 1, гузинаи 39**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Шош, 311 / 923-924.

(Феҳрист № 635-636).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар боло нақши гул.

**Намуди 1, гузинаи 40**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, 3...

(Феҳрист № 945).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар боло нақши гул.

**Намуди 1, гузинаи 41**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Самарқанд, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 972).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар поён чор нуқта.

**Намуди 1, гузинаи 42**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 989).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар поён нақши номуайяни нимсуфта.

**Намуди 1, гузинаи 43**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 1003).

Монанди намуди 1, аммо бо ду фарқият:

1. Дар рӯи сикка думчаи ҳарфи дар боло дар калимаи шакли гулро дорад.
2. Дар пушти сикка думчаи ҳарфи дар поён дар калимаи дар номи амир шакли гулро дорад.

**Намуди 1, гузинаи 44**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 1004-1009).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка думчаи ҳарфи дар боло дар калимаи шакли гулро дорад.

**Намуди 1, гузинаи 45**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Шош, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 1180).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар боло нақши гирди нуқтачин ва дар дарунаш як нуқта.

**Намуди 1, гузинаи 46**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Шош, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 1181).

Монанди намуди 1, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар рӯи сикка дар боло нақши нимсуфтаи гул.
2. Дар пушти сикка дар боло нақши гул.
3. Дар пушти сикка думчаи ҳарфи дар вожаи дар номи амир шакли гулро дорад.

**Намуди 1, гузинаи 47**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Бадахшон, Хуттал, 314 / 926-927.

(Феҳрист № 1182, 1220-1222).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар боло ва поён ва дар пушти сикка дар поён яктои доирача.

**Намуди 1, гузинаи 48**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Балх, Хуттал, 314 / 926-927.

(Феҳрист № 1183-1184, 1220-1221, 1222-1340, 1391).

Монанди намуди 1, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар рӯи сикка дар боло себарга.
2. Дар пушти сикка дар поён думчаи ҳарфи дар вожаи дар номи амир шакли гулро дорад.

**Намуди 1, гузинаи 49**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Балх, 314 / 926-927.

(Феҳрист № 1186, 1188-1189).

Монанди намуди 1, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар рӯи сикка дар поён ду ҳарф – ё .

2. Дар пушти сикка дар поён думчаи ҳарфи дар вожаи дар номи амир шакли гулро дорад.

**Намуди 1, гузинаи 50**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Балх, 314 / 926-927.

(Феҳрист № 1185, 1190).

Монанди намуди 1, аммо дар пушти сикка дар поён думчаи ҳарфи дар вожаи дар номи амир шакли гулро дорад.

**Намуди 1, гузинаи 51**

Наср ибни Аҳмад, Балх, 314 / 926-927.

(Феҳрист № 1191, 1389-1390).

Монанди намуди 1, аммо бо ду фарқият:

1. Номи халифа навишта нашудааст.
2. Дар рӯи сикка дар боло нақши растанӣ.
3. Дар рӯи сикка дар поён думчаи ҳарфи дар вожаи шакли гулро дорад.

**Намуди 2**

Наср ибни Аҳмад, Андароба, Маъдин, Суғд, 300/ 912-913, 306/ 918-919, 307 / 919-920.

(Феҳрист № 177-179, 1360).

Аз намуди 1 бо нишонаҳои зерин фарқ мекунад:

1. Номи халифа навишта нашудааст.
2. Дар рӯи сикка дар поён зери калимаи тавҳид иборাи “ал-Қадр лиллоҳ” навишта шудааст. (ин ҷо ҳарфи дар калимаи зарб нашудааст, яъне эҳтимол аст, ки ин ҳамон ибораи ал-Қудрату лиллоҳ бошад)

**Намуди 2 гузинаи 1**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, 312 / 924-925, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 676, 955-959, 1373).

Монанди намуди 2, аммо дар пушти сикка номи халифа ал-Муқтадир навишта шудааст.

**Намуди 2 гузинаи 2**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, 310 / 922-923.

(Феҳрист № 480-481).

Монанди намуди 2, гузинаи 1, аммо дар пушти сикка дар поён ҳарфи .

**Намуди 3**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба, Маъдин, Бадахшон, 300 /912-913, 306 / 918-919, 307/ 919-920.

(Феҳрист № 180, 195, 263-268, 277-278, 293, 296-297, 299-370,382-384).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар поён ибораи “ал-Қудрату лиллоҳ” ва дар пушти сикка дар поён ҳарфи навишта шудааст.

**Намуди 4**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба, 300 / 912-913, 307 / 919-920, 309 / 921-922.

(Феҳрист № 181, 294, 407).

Рӯи сикка монанди намуди 3 дирҳамҳои Аҳмад ибни Исмоил бо калимаи “Абу Наср” .

Пушти сикка монанди намуди 1 гузинаи 1 дирҳамҳои Наср ибни Аҳмад бо ҳарфи дар поён.

Тавре ки дар боло гуфтем, мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ кунияи “Абу Наср” ба амири сомонӣ Аҳмад ибни Исмоил тааллуқ дошт. Дар ин асос фарз кардан мумкин аст, ки рӯи дирҳами намуди 4 бо муҳри сиккаҳои Аҳмад ибни Исмоил бо кунияи “Абу Наср” зарб шудааст. Соли дар дирҳам навишташуда – 300/912-913 ба ин фарзия зид нест, чунки амир Аҳмад ибни Исмоил то бисту якуми ҷимоду-л-охири соли 301/21 январи соли 914 ҳукмронӣ кардааст.

**Намуди 5**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, 300 / 912-913, 306 / 918-919.

(Феҳрист № 194, 229, 269-270, ).

Монанди намуди 1, аммо дар маркази рӯи сикка дар поён ибораи “Насрун мина-л-Лоҳ” ва дар пушти сикка дар поён ҳарфи .

**Намуди 6**

Наср ибни Аҳмад, Аҳмад ибни Саҳл, ал-Муқтадир, Андароба, Нишопур, Балх, 302 / 914-915, 303 / 915-916, 305 / 917-918, 306 / 918-919, 307 / 919-920. (Феҳрист № 165, 206,225-228,233-236, 245-250, 257-259, 261,272, 287-291, 482 ). Монанди намуди 1, аммо дар маркази рӯи сикка дар поён номи “Аҳмад ибни Саҳл ва дар пушти сикка дар поён ҳарфи .

Дар бораи шахсияти Аҳмад ибни Саҳл дар сарчашмаҳои хаттӣ маълумот дода шудааст. Гардезӣ дар бораи ӯ чунин маълумот овардааст: “Аҳмад ибни Саҳл аз асилони Аҷам буд ва набераи Яздигурд ибни Шаҳриёр буд ва аз ҷумлаи деҳқони Ҷиранҷ буд, ки аз деҳҳои бузурги Марв аст. Ва ҷадди Аҳмад Комгор ном буд”.[1] Комгориён Тоҳириёнро хидмат мекарданд ва онҳо ҳама дабиру ситорашинос буданд. Бародарони бузурги ӯ Фазл, Ҳусайн ва Муҳаммад ба қавли Гардезӣ андар таъассуби араб дар як шаб кушта мешаванд. Аҳмад бузург шуда, дар атрофи худ 1000 нафарро ҷамъ карда ба интиқоми хуни бародаронаш бармехезад ва бо сарбозони Амр ибни Лайс задухӯрд мекунад. Амр ибни Лайс ӯро амон дода ба наздаш ба Сиистон даъват мекунад ва баъди омаданаш ӯро зиндон мекунад. Ӯ аз зиндон гурехта, аввал ба Марв ва баъдтар ба Бухоро ба назди Исмоил ибни Аҳмад рафт. Исмоил ӯро хуш пазируфт ва ӯ минбаъд дар хизмати Сомониён буд ва корнамоиҳои зиёде кард. Дар давраи ҳукмронии Наср ибни Аҳмад волии Нишопур таъин гардид. Дирҳамҳо бо номи Аҳмад ибни Саҳл дар давраи волии Нишопур будани ӯ дар шаҳри Андаробаи Тахористон, ки ба ҳайати Хуросон дохил мешуд, зарб шудаанд. Дар ин дирҳамҳо ду сана - 302 / 914-915, 306 / 918-919 мавҷуд аст. Аз ин бармеояд, ки дар солҳои 302/904-915 ва 306/918-919 Аҳмад ибни Саҳл волии Хуросон будааст. Ӯ дар Нишопур бар зидди Сомониён исён бардошт. Наср бар зидди ӯ ҳокими Гургон Қаротегинро мефиристад, Аҳмад ибни Саҳл Нишопурро тарк карда, ба Марв меравад ва дар қалъаааш истеҳком мегирад. Наср Ҳамавия ибни Алиро ба Марв

[1] Гардезӣ Абусаъид Абулҳай. Зайну-л-ахбор.- Душанбе, 2014.- 183

равон мекунад ва ӯ Аҳмад ибни Саҳлро шикаст дода, бандӣ мекунад ва ба Бухоро мефиристад. Дар ин ҷо ӯро ба зиндон мепартоянд ва ӯ дар зиндон дар моҳи зу-л-ҳиҷҷаи соли сесаду ҳафт (соли 307)/моҳи апрели соли 920 мефавтад.[1] Ин ахбори сарчашмаҳо бо маълумоти сиккаҳо мувофиқ аст, чун охирин дирҳамҳо бо номи Аҳмад ибни Саҳл соли 307/ 919-920 зарб шудаанд.

**Намуди 6, гузинаи 1**

Наср ибни Аҳмад, Аҳмад (ибни Саҳл), ал-Муқтадир, Андароба, 302/914-915. (Феҳрист № 207-208).

Монанди намуди 6, аммо дар рӯи сикка дар поён номи “Аҳмад” бе номи падараш навишта шудааст. Дар бораи ба Аҳмад ибни Саҳл тааллуқ доштани ин дирҳам шубҳае нест, чунки он низ мисли дирҳами намуди 6, ки номи пурраи Аҳмад ибни Саҳлро дар бар мегирад ва дар соли 302/914-915 дар Андароба зарб шудааст. Аз сӯи дигар яке аз намояндагони сулолаи маҳаллии Баниҷуриён, ки аз рӯи як дирҳами Ганҷинаи Кӯлоб соли 307 / 919-920 ҳокими Балх буд, низ Аҳмад ном дошт ва номи падараш Муҳаммад буд. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё номи Аҳмад дар дирҳами Намуди 6, гузинаи 1 метавонист ба ӯ тааллуқ дошта бошад. Ин фарзия имкон надорад, чунки ҳукмронии Аҳмад ибни Муҳаммад дар Балх дар соли 307 баъди аз волигии Хуросон барканор карда шудани Аҳмад ибни Саҳл, ки бар зидди Сомониён исён бардошта буд, сар мешавад.

**Намуди 6, гузинаи 3**

Наср ибни Аҳмад, Аҳмад ибни Саҳл, ал-Муқтадир, Андароба, 307 / 919-920. (Феҳрист № 292).

Монанд намуди 6, аммо дар пушти сикка дар поён нақши наботӣ.

**Намуди 6, гузинаи 4**

Наср ибни Аҳмад, Аҳмад ибни Саҳл, ал-Муқтадир, Андароба, 303 / 915-916. (Феҳрист № 447).

Монанд намуди 6, аммо бе ҳарфи дар пушти сикка дар поён.

**Намуди 7**

[1] Гардезӣ Абусаъид Абулҳай. Зайну-л-ахбор.- Душанбе, 2014.- 184

Наср ибни Аҳмад, Аҳмад ибни Муҳаммад, ал-Муқтадир, Балх, 307/919-920.

(Феҳрист № 298).

Монанди намуди 1, аммо дар поёни рӯи сикка номи "Аҳмад ибни Муҳаммад" ва дар пушти сикка дар поён як доирача.

**Намуди 8**

Наср ибни Аҳмад, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Яҳё, ал-Муқтадир, Андароба, ... / ..

(Феҳрист № 867).

Монанди намуди 1, аммо бо ду фарқият:

1. Дар рӯи сикка дар поён номи Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Яҳё .
2. Дар пушти сикка дар поён ҳарфи .
3. Дар рӯи сикка дар боло се доирача.

**Намуди 9**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, Балх, Вахш, 306/918-919, 309 / 921-922, 310 / 922-923, Хуттал, 311/ 923-924, 312 / 924-925, Хуттал, 313/925-926, 315 / 927-928.

(Феҳрист № 262, 408, 477-479,612-616, 666, 796-818, 1084-1091, 1093-1158, 1163, 1341, 1343-1344, 1392).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар поён номи "Ҷаъфар ибни Аҳмад".

**Намуди 9, гузинаи 1**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 302?/914-915.

(Феҳрист № 214-216).

Монанди намуди 9 бо фарқияти зерин:

1. Дар рӯи сикка дар поён нақши гул.

**Намуди 9, гузинаи 2**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, 308 /920-921.

(Феҳрист № 392).

Монанди намуди 9, аммо бо фарқияти зерин:

1. Дар рӯи сикка дар боло  як доирача.

**Намуди 9, гузинаи 3**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 312 / 924-925, Маъдин, 313/925-926.

(Феҳрист № 704-791, 952, 1164-1168).

Монанди намуди 9, аммо дар пушти сикка дар номи амир думчаи ҳарфи  дар калимаи  шакли гулро дорад.

**Намуди 9, гузинаи 4**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, 313 /925-926.

(Феҳрист № 946-951, 1345).

Монанди намуди 9, аммо дар пушти сикка дар поён як доирача.

**Намуди 9, гузинаи 5**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 313/925-926.

(Феҳрист № 1092, 1159-1162, 1365).

Монанди намуди 9, аммо дар рӯи сикка дар боло себарга.

**Намуди 9, гузинаи 6**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 311 / 923-924.

(Феҳрист № 617, 792-793).

Монанди намуди 9, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар пушти сикка дар номи амир думчаи ҳарфи  дар калимаи  шакли гулро дорад.
2. Дар пушти сикка дар поён аз тарафи рост як доирача.

**Намуди 10**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 312 / 924-925.

(Феҳрист № 825).

Монанди намуди 9, аммо бо ду фарқият:

1. Дар рӯи сикка дар боло нақши себарга.
2. Дар пушти сикка дар поён вожаи  .

Вожаи -ро бинобар он ки дар дирҳам нуқтаҳои ҳарфҳо гузошта нашудаанд, ҳар хел хондан мумкин – ва амсоли ин. Маънои ин вожа барои мо маълум нест.

**Намуди 11**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 312 / 924-925.

(Феҳрист № 827, 829-31).

Монанди намуди 9, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар пушти сикка дар поён вожаи “ал-иззат” навишта шудааст.
2. Дар пушти сикка думчаи ҳарфи дар вожаи дар номи амири сомонӣ шакли гулро дорад.

**Намуди 12**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар, Балх, 314 / 926-927.

(Феҳрист № 1187).

Монанди намуди 1, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар пушти сикка дар поён номи “Ҷаъфар” навишта шудааст.
2. Дар рӯи сикка дар боло себарга.

**Намуди 13**

Ҷаъфар, ал-Муқтадир?, Хуттал, 3... / 9...

(Феҳрист № 1347).

Монанди намуди 1, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар рӯи сикка дар поён номи .
2. Калимаи тавҳид дар ду сатр бе ибораи навишта шудааст.
3. Дар рӯи сикка дар поён як доирача.
4. Номи амири сомонӣ навишта нашудааст.
5. Дар номи халифа ба ҷойи ҳарфи ҳарфи навишта шудааст.
6. Дар рӯи сикка дар поён як доирача.

Навиштаҷоти ин дирҳам хеле безеб, ғайри тахассусӣ ва бо хатоҳо иҷро карда шудааст.

**Намуди 14**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, ..., 311 / 923-924.

(Феҳрист № 1362).

Ин намуд аз ҳамаи дирҳамҳои дигари Наср ибни Аҳмад ва Ҷаъфар ибни Аҳмад бо тартиби ҷойгиршавии навиштаҷот фарқ мекунад:

1. Калимаи тавҳид пурра дар рӯи сикка навишта шудааст:

2. Дар рӯи сикка дар боло себарга.
3. Дар пушти сикка дар сатри аввал номи халифа ал-Муқтадир, дар сатри дуюм номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад ва дар сатри сеюм номи амири Хуттал Ҷаъфар ибни Аҳмад навишта шудааст:

**Намуди 15**

Ҷаъфар ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, 312 / 924-925.

(Феҳрист № 672-675, 953).

Монанди намуди 9, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад навишта нашудааст.
2. Номи Ҷаъфар ибни Аҳмад дар пушти сикка зери номи халифа навишта шудааст.

Дирҳамҳои ин намуд нодир ва ҷолибанд, чунки дар Ганҷинаи Кӯлоб ягона дирҳамҳое мебошанд, ки дар онҳо номи амири сомонӣ навишта нашудааст. Дар ҳамаи дигар дирҳамҳо бо номи Ҷаъфар ибни Аҳмад, аз ҷумла намунаҳое, ки дар шаҳри Маъдин дар ҳамин соли 312/924-925 зарб шудаанд, номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад вуҷуд дорад. Дар зимн бояд ёдовар шавем, ки дар ин дирҳамҳо номи Ҷаъфар ибни Аҳмад на дар ҷои муқаррариаш, яъне дар поёни рӯи сикка, балки дар пушти сикка дар ҷои номи амири сомонӣ навишта шудааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин амал тасодуфӣ ва иштибоҳи муҳркан набуда, бо супориши маъмури сикказанӣ иҷро карда шудааст. Дар сикка ва хутба ёд накардани номи амири Олӣ, амалан маънои сар печидан аз итоатро дошт. Эҳтимол дорад, ки Ҷаъфар ибни Аҳмад ҳам дар сар хаёли

мустақилиятро дошта бо ҳамин мақсад ин дирҳамҳоро бароварда буд. Аммо зарби ин дирҳамҳо ба зудӣ қатъ мегардад ва дар ин бора ду санад гувоҳӣ медиҳанд: 1. Ин дирҳамҳо ҳамагӣ чор донаанд ва ҳамаи онҳо бо як муҳр зарб шудаанд, яъне барои зарби ин дирҳамҳо ҳамагӣ як муҳр канда шуда буд; 2. Дар дирҳамҳои дар соли 313/925-926, яъне як сол пас дар Маъдин зарбшуда, номи ҳам Ҷаъфар ибни Аҳмад ва ҳам амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад навишта шудааст. Қатъ гардидани зарби ин дирҳамҳо метавонист ду сабаб дошта бошад. 1. Эҳтимол, Ҷаъфар ибни Аҳмад иштибоҳи худро фаҳмида ихтиёран дар итоати Сомониён боқӣ мемонад; 2. Шояд амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад аз ин кор бохабар шуда, ба Ҷаъфар ибни Аҳмад фишори сиёсӣ ё ҳарбӣ расонда, ӯро маҷбур мекунад, ки аз ин кор даст кашад ва ба ӯ ин муяссар ҳам мегардад ва Ҷаъфар ибни Аҳмад мисли пештара дирҳамҳоро бо зикри номи амири сомонӣ ва худаш мебарорад. Дар зимн бояд ёдовар шавем, ки як қисми дирҳамҳои шаҳри Маъдин дар солҳои 312-313 ҳ.қ. танҳо бо номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад бароварда шудаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки вилоятҳое, ки дар онҳо Наср ибни Аҳмад ҳукмронӣ мекард, воқеан дар итоати пурраи Сомониён буданд. Инҳо Хуттал, Вахш, Балх ва Маъдин буданд, ки дар дирҳамҳои онҳо дар баробари номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад номи Ҷаъфар ибни Аҳмад низ мавҷуд аст.

Ҷаъфар ибни Аҳмад яке аз намояндагони бонуфузи сулолаи маҳаллии Баниҷуриён буд.

**Намуди 16**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар ибни Муҳаммад, ал-Муқтадир, Вахш, 312 / 924-925. (Феҳрист № 664-665, 667).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар поён номи .

Дар як сиккаи ҳамин намуд (№ 666), ки он ҳам дар Вахш дар соли 312 / 924-925 зарб шудааст, ба ҷойи “Муҳаммад” “Аҳмад” навишта шудааст. Аз сӯи дигар дар боқимонда ҳамаи дирҳамҳо “Ҷаъфар ибни Аҳмад” навишта шудааст. Тавре ки аз дирҳамҳои намуди 17 бармеояд,

Муҳаммад номи бобои Ҷаъфар ибни Аҳмад будааст. Яъне дар ин сиккаҳо ба ҷойи номи падар номи бобои Ҷаъфарро дарҷ ёфтааст.

**Намуди 16, гузинаи 1**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар ибни Муҳаммад, ал-Муқтадир, Балх, 309 /921-922.

(Феҳрист № 409).

Монанди намуди 16, аммо дар пушти сикка дар поён  як доирача.

**Намуди 17**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар ибни Аҳмад ибни Муҳаммад, ал-Муқтадир, Хуттал, 312 / 924-925.

(Феҳрист № 826, 828).

Монанди намуди 9, аммо бо фарқиятҳои зерин:

1. Дар рӯи сикка дар поён номи бобои Ҷаъфар ибни Аҳмад, ки Муҳаммад будадаст, низ навишта шудааст- .
2. Дар пушти сикка дар поён вожаи “ал-иззат” навишта шудааст.
3. Дар рӯи сикка дар боло нақши себарга.
4. Дар рӯи сикка ва пушти сикка думчаи ҳарфи дар вожаи дар номҳои амири сомонӣ ва амири Хуттал шакли гулро дорад.

Тавре ки мебинем, дар дирҳамҳои ин намуд номи бобои Ҷаъфар низ навишта шудааст. Дар дирҳамҳои намуди 7 гузинаи 7 Ҷаъфар ибни Муҳаммад навишта шудаааст. Дар асоси дирҳамҳои намуди 7 гузинаи 8 бо бовари гуфтан мумкин аст, ки дирҳамҳо бо номи низ ба Ҷаъфар ибни Аҳмад таъаллуқ доранд, фақат дар онҳо номи падарро партофта номи бобояшро навиштаанд.

Калимаи ба амири сомонӣ нигаронида шуда, маънои боиззат будани ӯро дорад.

**Намуди 18**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Андароба,  306 /918- 919, 310 / 922-923, 312 / 924-925, 313 / 925-926.

(Феҳрист № 260, 448-449, 637-638, 851-857, 954, 1368-1370).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар поён номи “Юсуф”.

Дар пушти сикка дар поён як доирача, дар поёни пушти сикка.

Дар бораи шахсияти Юсуф аз сарчашмаҳои хаттӣ мо маълумоте дар даст надорем. Аз рӯи мавқеи ҷойгиршавии ин куния дар сиккаҳо фарз кардан мумкин аст, ки ӯ ҳокими Андароба будааст.

**Намуди 19**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Маъдин, 310 / 922-923.

(Феҳрист № 483-484).

Монанди намуди 1, аммо бо чунин фарқиятҳо:

1. Номи халифа ал-Муқтадир ду бор навишта шудааст, ҳам дар ҷои муқаррариаш дар пушти сикка ва ҳам дар сатри чоруми рӯи сикка.
2. Пушти сикка монанди намуди 1, гузинаи 1- дар пушти сикка дар поён ҳарфи .

**Намуди 20**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 311 / 923-924.

(Феҳрист № 618-627).

Монанди намуди 1, аммо бо чунин фарқиятҳо:

1. Дар рӯи сикка қисми аввали калимаи тавҳид дар ду сатр навишта шудааст ва дар сатри сеюм қисми дуюми калимаи тавҳид “Муҳаммад расулу-л-Лоҳ ” ҷойгир аст, ин ибора дар пушти сикка низ навишта шудааст.
2. Дар рӯи сикка дар боло гули себарга ба монанди намуди 1, гузинаи 37.

**Намуди 21**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Балх, 313 / 925-926.

(Феҳрист 931-938,).

Монанди намуди 1, аммо бо чунин фарқиятҳо:

1.Номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад дар рӯи сикка баъди калимаи тавҳид навишта шудааст.

2. Номи халифа дар пушти сикка баъди калимаи тавҳид дар ду сатри охир навишта шудааст.

3. Дар пушти сикка дар поён нақши гул.

**Намуди 21, гузинаи 1**

Наср ибни Аҳмад, Ҷаъфар ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, 313 / 926.

(Феҳрист 1366).

Монанди намуди 21, аммо дар пушти сикка дар поён ба ҷойи нақши гул як нуқта.

**Намуди 22**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 313 / 925-926.

(Феҳрист 1080-1082).

Монанди намуди , аммо дар пушти сикка дар поён ба ҷойи нақши гул як доирача.

**Намуди 23**

Наср ибни Аҳмад, ал-Муқтадир, Хуттал, 313 / 925-926.

(Феҳрист 1010-1011).

Монанди намуди 1, аммо дар рӯи сикка дар поён вожаи .

Дар мавриди маъної вожаи назари муҳаққиқон гуногун аст. Ба ақидаи Линденберг ин вожаи табрикотӣ мебошад. Аммо ба фикри Штикел, ки онро В. Г.Тизенгаузен низ тарафдорӣ кардааст, ин вожаи эронии “беҳ”, буда маънои сифати хуб, яъне иёри баланд доштани дирҳамҳоро ифода мекунад.[1] Аксари муҳаққиқон бо ин фикр розианд, аммо дуруст будани он низ шубҳабарангез аст.

Дар баробари ҳарфҳои ҷудогона, вожаҳои кутоҳ, ибораҳои динӣ ва номҳо дар дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб шумораи зиёди нишону нақш мавҷуд аст. Дар 6 намуд дирҳамҳои Исмоил ибни Аҳмад нишону нақш аст, ки иборатанд аз як ва ду нуқта, доирачаи дар дарунаш нуқта ва се нақши растанӣ.

Дар 8 намуд дирҳамҳои Аҳмад ибни Исмоил нишону нақш дида мешавад. Инҳо нуқта, се нуқта, доирача, себарга ва ғайра мебошанд. Агар бо дирҳамҳои Исмоил ибни Аҳмад муқоиса намоем, танҳо як нақши душоха такрор шудааст.

Дирҳамҳои Наср ибни Аҳмад, ки дар Ганҷинаи Кӯлоб аксарияти кулро ташкил мекунанд, 20 намуд ва 60 гузинаро дар бар мегиранд. Намудҳо аз рӯи

[1] Тизенгаузен В. О саманидских монетах / Труды восточного отделения Императорского археологического общества. Часть первая. – Санкт - Петербург, 1853. - С.90.

навиштаҷоти иловагӣ ва тағйирёбии ҷойи навиштаҷоти асосӣ ва баъзе нишонаҳои дигар муайян карда шудаанд. Нақшҳои гул ва амсоли он дар даруни ҳар намуд гузина шумурда шуданд. Аз ҳама бештар гузина дар намуди 1 дирҳамҳои Наср ибни Аҳмад дида мешавад, ки шумораи онҳо ба 51 адад мерасад. Дар дирҳамҳои намуди 9 шаш гузина мавҷуд аст. Намудҳои дигар 1-3 гузинаи доранд ва баъзе намудҳо гузина надоранд.

Дар дирҳамҳо ҳарфи , ҳарфҳои ё , ва ҳастанд, ки шарҳи онҳоро мо дар боло гуфта будем. Аз ҳама бештар ҳарфи дида мешавад – дар 11 гузина. Ин ҳарф дар дирҳамҳои 6 шаҳр - Андароба, Маъдин, Балх, Бадахшон, Нишопур ва Суғд гузошта шудааст. Аз ҳама бештар он дар дирҳамҳои Андароба ва Маъдин дида мешавад. Аз ин бармеояд, ки ин ҳарф дар дирҳамҳои на ҳамаи шаҳрҳо гузошта шудааст. Аммо маълум нест, ки ин ҳолат тасодуф аст ё мафҳуму анъанаеро дар худ таҷассум мекунад. Дар ҳар сурат ёдовар шудан аз ин ҳолат аз манфиат холӣ нест.

Ҳарфҳои ё танҳо дар дирҳамҳои ду гузина дида мешаванд, ки ҳамаи онҳо дар Андароба дар солҳои 300/912-913, 303/915-916, 310/922-923 зарб шудаанд. Агар ин мушоҳида дар асоси ганҷинаҳои дигар тасдиқ шавад, пас дар ҳолатҳои зарурӣ мо метавонем мансубияти дирҳамҳои номи зарробхонаашон суддашударо дар асоси мавҷудияти ин ду ҳарф муайян намоем. Аз сӯи дигар ин мушоҳида метавонад дар шарҳи ин ду ҳарф, ки ҳатман маъное доштанд, ёрӣ расонад.

Вожаи , ки шарҳаш дар боло дода шуда буд, дар дирҳамҳои ду гузина мушоҳида мешаванд, ки дар Андароба ва Хуттал зарб шудаанд.

Вожаи танҳо дар як дирҳам, ки ба намуди 10 тааллуқ дошта дар Хуттал зарб шудааст, дида мешавад.

Аз ин таҳлилҳо бармеояд, ки навиштани ин ҳарфу вожаҳои кутоҳ дар дирҳамҳо ҳатмӣ набуда, бо анъанаҳои минтақавӣ ва ё сабабҳои дигар вобаста буд.

Дар дирҳамҳои Наср ибни Аҳмад мафҳумҳои зерини динӣ навишта шудаанд:

– Адл – адл.

– ал-Қадру лиллоҳ – қадру эътибор аз барои Аллоҳ аст.

– ал-Қудрату лил-Лоҳ – қудрат ва тавоноӣ аз барои Аллоҳ аст.

- Насрун минал-Лоҳи – Ёрӣ аз ҷониби Аллоҳ аст.

– ал-Иззату – иззат ва арҷмандӣ.

Дар дирҳамҳои Наср ибни Аҳмад ба ғайр аз номи амири сомонӣ ва халифа иловатан 10 ном навишта шудааст (Ҷадвали 13).

Аз 10 номи иловагии дар дирҳамҳо навишташуда, кунияи Абу Наср ба амири сомонӣ Аҳмад ибни Исмоил тааллуқ дорад, боқимонда ҳамаи номҳо ба волиён, яъне ҳокимони вилоятҳо, ки тобеи Сомониён буданд, мансубанд.

Ҷадвали 12

| № | | Ном | Зарробхона |
|---|---|---|---|
| 1 | | Абу Наср | Андароба |
| 2 | | Аҳмад | Андароба |
| 3 | | Аҳмад ибни Саҳл | Андароба, Балх, Нишопур, |
| 4 | | Юсуф | Андароба |
| 5 | | Аҳмад ибни Муҳаммад | Балх |
| 6 | | Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Яҳё | Андароба |
| 7 | | Ҷаъфар | Хуттал |
| 8 | | Ҷаъфар ибни Аҳмад | Маъдин, Балх, Вахш, Хуттал |
| 9 | | Ҷаъфар ибни Муҳаммад | Вахш |
| 10 | | Ҷаъфар ибни Аҳмад ибни Муҳаммад | Хуттал |

Аз боқимонда 9 ном 6 ададаш ба ҳокимони сулолаи маҳаллии Баниҷуриён тааллуқ доранд. Онҳо дар чандин шаҳру вилояти Хуросони Шарқӣ – Балх, Андароба, Маъдин, Вахш ва Хуттал аз номи Сомониён ҳукмронӣ кардаанд.

Дар дирҳамҳои Наср ибни Аҳмад нишон ва нақшҳои гулу растаниҳои гуногун дида мешавад. Ҳамагӣ 16 намуд нақш мавҷуд аст. Нақшу нишонҳо хурд буда, дар рӯи сикка ва пушти сикка дар боло ва ё поёни навиштаҷоти марказӣ гузошта шудаанд. Оддитарин нишон нуқта ва доирача буда, дар 21 намуди дирҳамҳо ба миқдори 1 ё 2 донагӣ ва дар ду маврид се ва чор донагӣ

гузошта шудаанд. Нақши себарга дар 6 намуди дирҳамҳо нигошта шудааст. Яке аз нақшҳои маъмул дар шакли гул тасвир кардани думчаи ҳарфи дар вожаи дар номи амири сомонӣ буд, ки он дар 12 намуд дирҳамҳо ба назар мерасад. Агар бо дирҳамҳои ду амири пешина, яъне Исмоилу Аҳмад муқоиса кунем, дар сиккаҳои Наср ибни Аҳмад нуқтаҳои сиккаҳои Исмоил, се нуқта, нақши қатрамонанд, себарга ва нақши душохаи сиккаҳои Аҳмад ибни Исмоил такрор шудаанд.

Нақшҳои наботӣ дар дирҳамҳо ягон маънои хос надошта, танҳо хусусияти ороишӣ доранд. Хатҳои гирди ҳошия, ки навиштаҷоти марказиро аз навиштаҷоти мудаввар ҷудо карда ва доираи берунӣ, ки ҳамаи навиштаҷотро иҳота мекард, низ хусусияти ороишӣ доштанд.




Ганҷинаи Кӯлоб. Нақшҳо дар дирҳамҳои Исмоил ибни Аҳмад




Ганҷинаи Кӯлоб. Нақшҳо дар дирҳамҳои Аҳмад ибни Исмоил




Ганҷинаи Кӯлоб. Нақшҳо дар дирҳамҳои Наср ибни Аҳмад

Ҳамин тавр муайян карда шуд, ки дар таркиби Ганҷинаи Кӯлоб танҳо як навъи сикка-дирҳам мавҷуд буда, миқдори умумии дирҳамҳои он қариб ба

1900 адад расида, он 224 солро (аз соли 92/710-711 то соли 316/928-929) дар бар мегирад. Аз миқдори умумии дирҳамҳои ҷамъоваришуда, (1405 дирҳам ва 104 дирҳампора) 1 дирҳам ба Умавиён, 23 дирҳам ба Аббосиён, 4 дирҳам ба Саффориён, 1 дирҳам ба Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ (исёнгар), 1371 дирҳам ба Сомониён мансуб буда, 5 ададаш дирҳамҳои зарбнашуда (муҳрнахурда) мебошанд.

Дар муқоиса бо адабиёти илмӣ аниқ карда шуд, ки Ганҷинаи Кӯлоб бо доштани 581 дирҳами сомонии Хуттал дар байни ганҷинаҳои сершумори дирҳамҳои сомонии олам дар ҷои аввал меистад, ки ин барои таҳқиқи муомилоти пулии Хуттал аҳамияти калон дорад.

Дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб аз рӯи мазмуни навиштаҷот ба намудҳои гуногун ҷудо мешаванд. Асоси намудро калимаи тавҳид, номи халифа ва амир дар маркази сикка, сол ва зарробхона, оятҳои 33/9 ва 3-4 / 30 дар гирди ҳошия ташкил мекунанд. Намуд ва гузинаҳо дар асоси дар сикка иловатан бар навиштаҷоти асосӣ, пайдо шудани ном, вожа ва ибора муайян карда шуданд. Барои Умавиён 1 намуд, барои Аббосиён 17 намуд ва 2 гузина, барои Саффориён 4 намуд ва барои Сомониён 39 намуд ва 77 гузина муайян карда шуд. Дар байни онҳо намудҳои нав хеле зиёданд. Онҳо барои гурӯҳбандии минбаъдаи дирҳамҳои сомонӣ ва омӯзиши паҳлуҳои гуногуни муомилоти пулӣ ёрии ҷиддӣ хоҳанд расонд.

# БОБИ II
# ЗАРРОБХОНАҲО ВА СУЛОЛАИ МАҲАЛЛИИ БАНИЧУРИЁН

## 1. Зарробхонаҳои сомонии Ганҷинаи Кӯлоб

Ганҷинаи Кӯлоб, ки дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ёфт шудааст, барои омӯзиши на танҳо сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ дар ин вилоят дар давраи Сомониён (асрҳои IX-X), балки ҷиҳати таҳқиқи таърихи сулолаҳои маҳаллӣ низ аҳамияти хос дорад. Бори дигар таъкид менамоем, ки он яке аз калонтарин ганҷинаи дирҳамҳои сомонӣ дар Осиёи Миёна мебошад. Дар ин боб масъалаҳои марбут ба зарробхонаҳо, сулолаи хатлоншоҳон - Баничуриён мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст.

Дар боби аввал мо дар бораи зарробхонаҳои Ганҷинаи Кӯлоб, ки марбути сулолаҳои Умавиён, Аббосиён ва Саффориён буданд, маълумот оварда будем. Дар ин боб дар бораи баъзе аз зарробхонаҳои сомонии Ганҷинаи Кӯлоб, ки аҳамияти хос доранд, маълумот хоҳем дод.

Тавре ки дар боло гуфтем, дар Ганҷинаи Кӯлоб дирҳамҳои 13 зарробхонаи сомонӣ мавҷуд аст. Ин миқдор чандон зиёд нест, чунки аз рӯи маълумоти мавҷуда дар қаламрави давлати Сомониён 62 зарробхона амал карда, аз номи амирони ин сулола сикка мебароварданд.[1]Агар мо зарробхонаи дар Ганҷинаи Кӯлоб кашфшуда-Вахшро илова намоем, миқдори зарробхонаҳои Сомониён ба 63 мерасад. Ҳамаи зарробхонаҳои сомонии Ганҷинаи Кӯлоб дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ҷойгир мебошанд ва мо дар боби I дар ин хусус зикр кардем ва номгӯи онҳоро оварда будем. Дар бораи ҳамаи ин зарробхонаҳо маълумот додан шарт нест, чунки муҳаққиқони пешина ин корро кардаанд.[2] Мо танҳо дар бораи як зарробхонаи нав ва баъзе аз зарробхонаҳои сомонии Ганҷинаи Кӯлоб, ки дар бораашон маълумот камтар аст ва ё масъалаҳои баҳсбарангез доранд, андешаҳои худро иброз хоҳем кард. Аммо пеш аз ин

---

1

2 Тизенгаузен В. В. О саманидских монетах / Труды Восточного отделения императорского археологического общества. Часть первая. – Санкт - Петербург. 1853. - С.30-46; Тизенгаузен В. В. Монеты восточного халифата. -Санкт – Петербург, 1873. - С.22-32.

мехоҳем дар бораи баъзе масъалаҳои умумии марбут ба зарробхонаҳо андешаронӣ намоем.

Яке аз дастовардҳои муҳими сиккасозии исломӣ, ки сиккасозии Сомониён қисми ҷудонашавандаи он аст, ин дар сикка навиштани номи пурраи зарробхона ва соли зарби сикка аз рӯи солшумории аниқ ва муайян, яъне ҳиҷрии қамарӣ мебошад. Барои равшантар дарк кардани ин масъала сиккаҳои исломиро бо сиккаҳои сосонӣ, ки то ислом дар нимҷазираи Арабистон ва Шому Ироқ дар муомилот буданд, муқоиса менамоем. Дар сиккаҳои сосонӣ танҳо ду-се ҳарфи аввали номи зарробхона, яъне шаҳреро, ки сикка дар онҷо зарб шудааст, менавиштанд. Ин тарзи навишти номи зарробхонаҳо мукаммал набуда, дар сурати монанд будани ҳарфҳои аввали номи якчанд шаҳр мушкил эҷод мекунад. Пурра навиштани номи шаҳр ин мушкилро сарроҳатан бартараф месозад. Дар мавриди сол бошад, дар сиккаҳои сосонӣ барои ҳар шоҳ аз соли якуми ҳукмрониаш ва то охири ҳукмрониаш, яъне соли якум, дуюм, сеюм ва ғайра менавиштанд. Истифодаи солшумории ягонаи ҳиҷрӣ дар сиккаҳои исломӣ комил ва дастоварди муҳим дар сиккасозӣ буд.

Дар сиккаҳои исломӣ, аз ҷумла сомонӣ тақрибан то асри XI номи зарробхона дар як ҷой – дар навиштаҷоти гирди рӯи сикка гузошта мешуд. Дар сурати ду навиштаҷоти гирд доштани сиккаҳо номи зарробхона дар навиштаҷоти гирди дарунӣ ҷой дода мешуд. Пеш аз номи зарробхона ибораи "Бисмиллаҳ зуриба ҳаза-д-дирҳам би............" навишта шудааст. Баъди он номи зарробхона ва соли зарб бо солшумории ҳиҷрии қамарӣ нигошта шудааст.

Зарробхонаҳои сомонии Ганҷинаи Кӯлобро ба якчанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. Зарробхонаҳое, ки номи шаҳр ва номи вилоят якеанд. Ба ин гурӯҳ Бадахшон, Балх, Марв, Нишопур ва Самарқанд дохил мешаванд.

2. Зарробхонаҳое, ки номи шаҳр ва номи вилоят як нестанд. Ба ин гурӯҳ Вахш, Суғд, Хуттал ё Хатлон ва Шош дохил мешаванд. Мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ номи пойтахтҳои ин вилоятҳо аз номи вилоят фарқ мекард.

## Зарробхонаи Вахш

Вилояти Вахш дар бахши ҷанубу шарқии Осиёи Миёна дар водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст. Он яке аз минтақаҳои муҳими Бохтари қадим буда, дар таърих ва рушду нумӯи фарҳанги он нақши бориз гузоштааст. Нақши он дар инкишофи иқтисодиёт, тиҷорат, муомилоти пулӣ ва сиккасозии Бохтар низ назаррас буд. Бори нахуст Вахш дар солномаҳои хитоӣ дар асри VII ёд шудааст. Дар ин сарчашмаҳо шаҳри У-шу (Вахш) номбар шудааст, ки пойтахти Хутталон буд. Муҳаққиқон шаҳри У-шу – ро бо Вахш як медонанд.[1] Дар рисолаҳои ҷуғрофии форсӣ (тоҷикӣ) ва арабии асримиёнагӣ, аз ҷумла Ҳудуду – л - олам низ дар бораи Вахш маълумот дода шудааст.

Пеш аз гузаштан ба шарҳи дирҳамҳои сомонии зарробхонаи Вахш аз таркиби Ганҷинаи Кӯлоб сайри мухтасаре мекунем ба таърихи сиккасозӣ дар вилояти Вахш. Муҳаққиқон зарби як намуд сиккаҳои нуқрагии пайравонаи шоҳи Сосониён - Пирӯз ва сиккаҳои мисии мобайнашон сӯрох бо навиштаҷоти бохтариро, ки ба асрҳои VI-VIII тааллуқ доранд, ба Вахш нисбат медиҳанд.[2] То ёфт шудани Ганҷинаи Кӯлоб қадимтарин сиккаҳои исломии зарби Вахш ба асри XI мансуб буда, аз тарафи сиккашиноси шинохтаи тоҷикистонӣ Е. А. Давидович ва дигарон кашф ва омӯхта шуданд. Онҳо нуқрагӣ буда, соли 4[6]2/1069-1070 дар Вахш аз номи шоҳи Салҷуқиён Алп Арслон ва падари ӯ Чағрибек баровrepresentative шудаанд.[3] Дар зарробхонаи Вахш Хоразмшоҳ Муҳаммад ибни Такаш (солҳои 1200-1221) низ аз номи худ сиккаҳои тиллоӣ, яъне динор баровардааст ва онҳо дар ҳудуди Тоҷикистон, аз ҷумла дар водии Вахш ёфт шудаанд. Дар Вахш дар даҳсолаи аввали асри XIII ҳокими шинохтанашуда бо номи Абу Бакр Юғруш (?) низ аз номи худ сиккаҳои тиллоӣ (динор) баровардааст.[4] Як намуди дигари динорҳои Вахш аз номи шоҳи Ғуриён Сом ибни Муҳаммад (соли 1163-1192) ва Абу Бакр Юғруш (?) бароварда шудаанд.[5]

[1] Беленицкий А. М. Историко географический очерк Хутталя с древнейших времён до Х в. // МИА.- М., - Л., № 15.- 1950. - С.110.
[2] Зеймаль Е. В., Довутов Д. Раннесредневековые монеты // Древности Таджикистана. Каталог выставки. – Душанбе, 1985. - С.255-256.
[3] Давидович Е. А. Клады древних и средневековых монет Таджикистана.- М., 1979. - С.148.
[4] Давидович Е. А. Клады древних и средневековых монет Таджикистана. - М., 1979. - С.232-233.
[5] Довудӣ Д. Сиккаҳои шоҳони Вахш // Мероси Ниёгон. – Душанбе, 2010, № 13. - С.121.

Дар асри XV дар давраи Темуриён дар зарробхонаи Вахш сиккаҳои мисӣ (фулус) баровварда шудааст.[1]

То ёфт шудани Ганҷинаи Кӯлоб сиккаҳое маълум набуданд, ки аз номи амирони сомонӣ дар зарробхонаи Вахш зарб шуда бошанд. Бори нахуст ин гуна сиккаҳо аз ҷониби мо дар Ганҷинаи Кӯлоб кашф ва нашр карда шуданд.[2] Номи Вахш дар чор дирҳами Ганҷинаи Кӯлоб мавҷуд аст. Ҳамаи онҳо навиштаҷоти якхела дошта бо як ҷуфт муҳр дар соли 312/924-925 аз номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад зарб шудаанд. Дар рӯи сиккаҳо номи Ҷаъфар ибни Муҳаммад навишта шудааст. Ин дар ҳолест, ки дар аксари дирҳамҳои дар Хуттал зарбшудаи  Ганҷинаи Кӯлоб, аз ҷумла дар дирҳамҳои соли 312/924-925 номи Ҷаъфар ибни Аҳмад гузошта шудааст. Танҳо дар як сиккаи дар Балх соли 309 // 921-922 аз номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад зарбшуда низ номи Ҷаъфар ибни Муҳаммад навишта шудааст (Феҳрист, № 826, 828). Мо дар боло доир ба ин масъала ибрози назар карда дар асоси як дирҳами дар Хуттал соли 312/ 924-925 аз номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад ва Ҷаъфар ибни Аҳмад ибни Муҳаммад зарбшуда, ба хулосае омадем, ки Ҷаъфар ибни Муҳаммад ва Ҷаъфар ибни Аҳмад як шахсанд ва Муҳаммад номи бобои ӯ мебошад ва бо сабабҳои ба мо номаълум ба ҷои номи падараш номи бобояшро навиштаанд. Ҷаъфар ибни Аҳмад, ки номаш ҳам дар сарчашмаҳои хаттӣ ва ҳам сиккаҳо дида мешавад, яке аз намояндагони номдори сулолаи маҳаллии Баниҷуриён буда, мутобиқи сиккаҳои Ганҷинаи Кӯлоб дар чанд шаҳру вилояти Тахористон, аз ҷумла дар Вахш ҳукмрон будааст. Дар дирҳамҳои ёдшуда номи зарробхона Вахш навишта шудааст. Аммо инҷо саволе ба миён меояд, ки оё дар ин вилоят шаҳре бо номи Вахш вуҷуд дошт ё ин номи вилоят буд. Пайдо шудани ин гуна савол беасос нест. Муаллифи “Ҳудуду-л-олам” Вахшро “ноҳият” номидааст, ки тақрибан бо мафҳуми вилоят муродиф аст. Мутобиқи ин сарчашма пойтахти (қасабаи) Вахш шаҳри Ҳаловард ва дуюмин шаҳри калонаш Ливканд (Ловканд, Леваканд)

[1] Камышев А. М. Клады медных монет тимуридов и шейбанидов.- Самарканд, 2013. - С. 46.
[2] Шарифзода А.Новый монетный двор Саманидов // Сообщение Национального музея Таджикистана. 2017, № 2. - С.178.

буданд.[1] Ин сарчашма дар бораи мавҷудияти шаҳре бо номи Вахш чизе нагуфтааст. Аммо дар баъзе сарчашмаҳо Вахш шаҳр номида шудааст. Масалан, ал – Яъқубӣ Вахш ва Ҳаловардро ду шаҳри мустаҳкам ва мамлакати Ҳошим ибни Баниҷур номидааст. Аммо ӯ дуюмин шаҳри калони Вахшро, ки дар "Ҳудуду-л-олам" ва дигар сарчашмаҳо Леваканд номида шудааст, номбар накардааст. Дар ин асос фарз кардан мумкин аст, ки шояд дар баъзе ҳолатҳо Вахш гуфта маҳз ҳамин шаҳри Левакандро дар назар доштанд.

Маъмулан зарробхонаҳо дар пойтахт ҷойгиранд. Дар ин асос фарз кардан мумкин аст, ки зарробхонаи Вахш дар пойтахти он шаҳри Ҳаловард қарор дошт. Бостоншиносон харобаҳои шаҳри асримиёнагии Лағмонро, ки дар наздикии деҳаи Узуни ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ ҷойгир буда, ба асри X -XIII тааллуқ дорад, бо Ҳаловард як мешуморанд.[2]

## Зарробхонаи Маъдин

Маъдан ё маъдин калимаи арабӣ буда, ҷоеро ифода мекунад, ки дар онҷо зери замин фулузоти гуногун мавҷуданд ва мардум онро истихроҷ менамоянд. Муодили форсии (тоҷикии) ин калима "кон" мебошад ба монанди кони тилло, кони нуқра, кони мис ва монанди ин. Калимаи маъдин дар бисёр дирҳамҳои сомонӣ мавҷуд аст. Бинобар танҳо дар сиккаҳои нуқрагӣ вуҷуд доштани ин калима донишмандон ба хулосае омадаанд, ки он ба конҳои нуқра нисбат дорад.

Дар Ҳудуду-л-олам ба ин маъно ибораи маъдани сим,[3] яъне кони нуқра истифода шудааст. Дар байни 63 номгӯи зарробхонаҳои Сомониён ин вожа дар таркиби номи чор шаҳр омадааст – Маъдини Панҷҳир, Маъдини Суғд, Маъдини Ҷарбия ва Маъдини Шош.[4] Сиккашиноси шветсиягӣ Г. Рисплинг дар як дирҳами навиштаҷоташ нохоно тахминан номи "Маъдин ал-Хуттал"-ро хондааст.[5] Дар Ҳудуду-л-олам сими маъодини Панҷҳир ва Ҷарёна ё Ҷарёба

---

[1] Ҳудуду-л-олам. Таҳиягари матн Н. Қосимов. - Душанбе, 1983.- С.75.
[2] Довудӣ Д. Сиккаҳои шоҳони Вахш. - С.120.
[3] Ҳудуду -л - олам. - С.74.
[4]
[5] Довуди Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона.- Душанбе,2006- С. 161.

номбар шудаанд.[1] Дар баробари ин тавре ки донишмандон таъкид кардаанд, дар бисёр дирҳамҳои сомонӣ калимаи маъдан бе номи шаҳр танҳо навишта шудааст. В. Тизенгаузен дар шарҳи зарробхонаи Маъдин аш-Шош номи Маъдинро ба ин шаҳр нисбат дода, гуфтааст, ки дар назди ин кон шаҳраке вуҷуд дошт, ки дар он дирҳам мезаданд. Аз рӯи ахбори Ёқут ин кони нуқра

дар наздикии Шош воқеъ гашта буд.[2] Калонтарин кони нуқра дар шимоли Осиёи Миёна Кони Мансур аст, ки дар вилояти Суғди Тоҷикистон дар наздикии шаҳраки Адрасман ҷойгир мебошад. Дар гирду атрофи он конҳои зиёд мавҷуданд, ки ҳанӯз дар давраҳои қадим мавриди истифода қарор гирифтаанд. Шояд яке аз ин конҳои атрофи Кони Мансур Маъдин аш-Шош будааст.

Дар Ганҷинаи Кӯлоб дирҳамҳои зарби Маъдин низ мавҷуданд. Аз рӯи миқдор сиккаҳои ин зарробхона баъди Хуттал (581 дирҳам) ҷойи дуюмро мегиранд (147 дирҳам). Онҳо аз номи Аҳмад ибни Исмоил (5 дирҳам) ва Наср ибни Аҳмад (142 дирҳам) зарб шудаанд. Инҷо саволе ба миён меояд, ки оё дирҳамҳои дар Маъдин зарбшудаи Ганҷинаи Кӯлоб низ ба зарробхонаи Маъдин ал – Шош тааллуқ доранд? Мантиқан ин аз имкон берун нест, чунки дар Мовароуннаҳр аз ҳама бештар Самарқанд ва Шош дирҳам мебароварданд ва маҳз дирҳамҳои ҳамин ду шаҳр чӣ дар қаламрави давлати Сомониён ва чӣ берун аз он ба миқдори зиёд паҳн шуда буданд. Биноан онҳо метавонистанд ба ин гӯшаи дурдасти ҳудуди Сомониён, яъне то Хуттал низ омада расанд. Аз сӯи дигар бояд дар назар дошт, ки дар баробари аш-Шош калимаи Маъдин ҳамроҳи номи боз чор шаҳри дигар низ дар сиккаҳо навишта шудааст – Суғд, Панҷҳир, Ҷарбия ва шояд Хуттал. Аз ин рӯ, дирҳамҳо бо номи Маъдин мантиқан метавонанд ба ин зарробхонаҳо низ тааллуқ дошта бошанд. Барои ҳамин дар ҳалли ин масъала бояд омилҳои гуногун ва мушаххас ба эътибор гирифта шаванд. Мо дар бораи мансубияти ҳамаи дирҳамҳои сомонӣ бо номи Маъдин дар айни замон чизе гуфтанӣ нестем ва мехоҳем мушаххасан дар бораи

---
[1] Ҳудуду-л -олам. - С.65.
[2] Тизенгаузен В. В. Монеты восточного халифата. - Санкт - Петербург, 1873. - С. 374

дирҳамҳои зарробхонаи Маъдини Ганҷинаи Кӯлоб андешаҳои худро иброз дорем.

Пеш аз ҳама бояд дар назар дошт, ки аксари зарробхонаҳои Ганҷинаи Кӯлоб ба Хуросони Шарқӣ ба Балху Тахористон мансубанд. Худи Хуттал низ гарчанде ки аз лиҳози тақсимоти ҷуғрофӣ ба Мовароуннаҳр дохил мешуд, аммо таърихан ҷузъи Бохтари қадим буда, бо шаҳру вилоятҳои Хуросони Шарқӣ алоқаманд буд. Ин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки зарробхонаи Маъдини Ганҷинаи Кӯлоб бояд дар Хуттал ё минтақаи наздик ба он, яъне дар Хуросони Шарқӣ воқеъ гардида бошад.

Далелҳои дигаре, ки дар муайян кардани мансубияти зарробхонаи Маъдин бояд дар назар гирифта шавад, ин хусусиятҳои навиштаҷоти ин сиккаҳо ва пеш аз ҳама номҳои ҳокимони маҳаллӣ мебошанд. Дар қисми зиёди дирҳамҳои зарробхонаи Маъдин дар Ганҷинаи Кӯлоб дар баробари номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад номи ҳокими маҳаллӣ Ҷаъфар ибни Аҳмад низ вуҷуд дорад. Ӯ намояндаи сулолаи маҳаллии Баниҷуриён буда, мутобиқи маълумоти Ганҷинаи Кӯлоб дар Хуттал, Балх, Маъдин ва Андароба ҳоким буд. Ин санад дақиқан дар бораи дар ҳудуди шаҳру вилоятҳои зикршуда ҷойгир будани зарробхонаи Маъдин гувоҳӣ медиҳад.

Яке аз далелҳои асосӣ дар ҳалли ин масъала мавҷудияти кони нуқра мебошад, яъне ин зарробхона дар ҷое метавонист бошад, ки дар онҷо кони калони нуқра вуҷуд дорад. Аз рӯи ахбори сарчашмаҳои хаттӣ конҳои нуқра дар Панҷҳир ва Ҷарбия дар Тахористони ҷанубӣ вуҷуд доштанд. Дар Ҳудуду-л-олам дар ин бора чунин гуфта шудааст: “Андароба шаҳракест андар миёни кӯҳҳо. ... Ва симҳое, ки аз Маъдини Панҷҳир ва Ҷарёба афтад инҷо онро дирам зананд.” Дар асоси маълумоти оварда шуда бо эҳтимоли зиёд гуфтан мумкин аст, ки зарробхонаи Маъдини Ганҷинаи Кӯлоб дар назди ҳамин конҳои нуқраи Тахористони ҷанубӣ ҷойгир буд. Аз сӯи дигар мавҷудияти дирҳамҳои сомонӣ бо номи зарробхонаи Маъдини Панҷҳир аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ин шаҳр ё дар кони дар наздикии он ҷойгир буда, зарробхона вуҷуд доштааст. Дар ин асос мо бо эҳтимоли зиёд гуфта метавонем, ки зарробхонаи Маъдини Ганҷинаи

Кӯлоб, алалхусус он намудҳое, ки дар онҳо номи ҳокими тахористонӣ Ҷаъфар ибни Аҳмад ҷойгир аст, ба шаҳри Панҷҳир мансуб аст. Дар ин бора он чиз низ гувоҳӣ медиҳад, ки дар Ганҷинаи Кӯлоб ҳамагӣ се дирҳами Панҷҳир ҳаст. Ин дар ҳолест, ки дар Панҷҳир кони нуқра вуҷуд дошт ва зарробхона амал мекард. Дар асоси кам будани дирҳамҳо бо номи зарробхонаи Панҷҳир ба хулосае омадан мумкин аст, ки дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб бо номи зарробхонаи Маъдин дар шаҳри Панчҳир зарб шудаанд. Ба андешаи мо дирҳамҳои зарробхонаи Маъдини Панҷҳир низ дар шаҳри Панҷҳир зарб шудаанд. Имконияти мавҷуд будани ду зарробхона – ҳам дар кони нуқра ва ҳам дар шаҳри Панҷҳир кам аст ва барои ин зарурат ҳам набуд. Дар мавриди дирҳамҳои Маъдин, ки танҳо аз номи амири сомонӣ бе номи ҳокими тахористонӣ зарб шудаанд, мо танҳо фарз карда метавонем, ки онҳо низ ба зарробхонаи Панҷҳир мансуб мебошанд. Барои пурра муайян кардани ҷойи зарби онҳо таҳқиқоти иловагӣ зарур аст.

Дар зимн имконияти ба Хуттал тааллуқ доштани зарробхонаи Маъдинро низ набояд канор гузошт. Дар Ҳудуду-л-олам дар мавриди Хатлон гуфта шудааст, ки “андар биёбонҳо ва кухҳои вай маъдани сим (нуқра) ва зар ҳаст”.[1] Кони зари дар ин сарчашма номбар шуда, шояд кони тиллои Шуғнов бошад, ки то имрӯз амал мекунад. Мутаассифона, дар кучҷои Хатлон ҷойгир будани кони нуқра маълум нест.

### Зарробхонаи Андароба

Дар Ганҷинаи Кӯлоб 123 дирҳами Андароба ҳаст. Онҳо аз номи амирони сомонӣ ва дар бисёр маврид ҳокимони маҳаллӣ, ки номҳояшон дар боло оварда шуд, зарб шудаанд. Аз ҷиҳати шумора онҳо дар ҷойи панҷум меистанд. Тавре ки дар боло гуфтем ин шаҳр дар Тахористони ҷанубӣ ҷойгир буд. Дар Ҳудуду-л-олам дар бораи ин шаҳр чунин гуфта шудааст: “Андароба шаҳракест андар миёни кӯҳҳо. Ҷойи бисёрғалла ва кишт ва барз. Ва ӯро ду рӯд аст. Ва симҳое, ки аз Маъдини Панчҳир ва Ҷорёна афтад ин ҷо онро дирам зананд. Ва подшоҳи

[1] Ҳудуду-л- олам. - С.74.

ӯро Шамӯлир хонанд”.[1] Аз ин ахбор бармеояд, ки дар Андароба зарробхона вуҷуд дошт ва дар он дирҳам мебароварданд. Ин маълумотро дирҳамҳои Андаробаи Ганҷинаи Кӯлоб ва ганҷинаҳои дигар тасдиқ мекунанд. Мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, ки В. Тизенгаузен овардааст, Андароба ҷойи исти корвонҳое буд, ки ба тарафи Кобул мерафтанд. Мувофиқи ахбори Ибни Батута Андароба шаҳри зебо ва обод будааст. Шаҳрро Чингизхон хароб мекунад ва он дигар обод намешавад.[2]

## Зарробхонаи Суғд

Дар Ганҷинаи Кӯлоб 7 дирҳами сомонии зарби Суғд ( ) мавҷуданд, ки ҳамааш аз номи Наср ибни Аҳмад зарб шудаанд.[3] Аммо рӯи ду дирҳами Суғд бо мухри давраи Аҳмад ибни Исмоил бо санаи 295/907/908 ва 300/912-913 зарб шудаанд. Дар катибаи пушти ин ду дирҳам номи Наср ибни Аҳмад зикр шудааст. Чор дирҳами дигари Суғд дар солҳои 306/918-919 ва 307/919-920 аз номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад зарб шудаанд. Дар як дирҳам номи зарробхона ба таври нимсуда боқӣ монда, эҳтимолан Суғд хонда мешавад. Пеш аз шарҳ додани ин сиккаҳо мо мехоҳем дар бораи Суғд каме маълумот диҳем.

Суғд кишвареро мегуфтанд, ки дар ҳавзаи дарёи Зарафшон ва Қашқадарё ҷойгир буд.[4] Номи он ҳамчун яке аз 16 кишвари Аҳуромаздо офарида дар Авеста ёд шудааст. Аҳура Маздо ба Спитамони Зардушт чунин мегӯяд: Дуввумин сарзамин ва кишвари неке, ки ман Аҳурамаздо офаридам Гаваи Суғдӣ буд.[5] Дуюмин қадимтарин маълумот дар бораи Суғд ба давраи Ҳахоманишиён ба асри VI п.м. тааллуқ дорад. Дар катибаи шоҳаншоҳ Дорои I дар кӯҳи Бесутун дар байни 23 кишвари тобеи ин шоҳ Суғд низ номбар шудааст.[6] Дар сарчашмаҳои юнонии қадим низ номи ин кишвар дар шакли

---

[1] Ҳудуду-л- олам. - С.65.

[2] Тизенгаузен В. В. Монеты восточного халифата. - С.39.

[3] Дар як мақолаи мо доир ба Ганҷинаи Кӯлоб бинобар хатои техникӣ шумораи дирҳамҳои Суғди Ганҷинаи Кӯлоб нодуруст – 29 дона нишон дода шуда буд: ниг. - Шарифзода А.Новый монетный двор Саманидов/ Сообщение Национального музея Таджикистана. -Душанбе, 2017, № 2. - С.178.

[4] Смирнова О. И. Согд // Палестинский сборник, вып. 21 (84). Л., 1970, с. 121; Смирнова О. И. Очерки из истории Согда. М., 1970. - С.5.

[5] Авеста. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Додхоҳ. -Душанбе, 2001, банди 5. - С.422.

[6] Номаҳои Бостон. Мураттиб Бобо Назар Ғаффор. - Душанбе, 2010. - С.230.

Согдиана дида мешавад.[1] Ин Согдиана тамоми кишварҳои дар байни Амударё ва Сирдарё ҷойгирбударо дар бар мегирифт, яъне маънои васеътар дошт нисбат ба Суғди асримиёнагӣ, ки водиҳои дарёҳои Зарафшон ва Қашқадарёро дар бар мегирифт. Дар ҳуҷҷатҳои суғдӣ, аз ҷумла дар ҳуҷҷатҳои аз қалъаи Кӯҳи Муғи ноҳияи Айнии Тоҷикистон ёфтшуда, номи ин кишвар бисёр ёд шудааст.[2] Дар асарҳои ҷуғрофӣ ва таърихии асримиёнагии форсӣ (тоҷикӣ) ва арабӣ, аз ҷумла Ҳудуду-л-олам низ Суғд ҳамчун яке аз кишварҳои ободу сарсабз бисёр тавсиф шудааст.[3] Дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ Суғд ба ду бахш ҷудо карда шудааст – Суғди Самарқанд ва Суғди Бухоро. Дар баъзе сарчашмаҳои хаттии қадим ва асримиёнагӣ Суғд кишвар, вилоят номида шудааст. Аз ҷумла дар Ҳудуду-л-олам Суғд "ноҳият" номида шудааст, ки муродифи вилоят мебошад. Дар робита бо мавзӯи мо бояд таъкид кунем, ки дар ягон сарчашма Суғд шаҳр номида нашудааст. Пойтахти Суғд шаҳри Самарқанд буд ва ин дар сарчашмаҳои хаттӣ, махсусан асримиёнагӣ инъикос ёфтааст. Маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ доир ба Суғд мухталиф мебошанд. Чунончи ал-Яъқубӣ Суғдро ҳам "балад" - кишвар ва ҳам "мадина"- шаҳр номидааст. Ин муаллиф Самарқандро мамлакат номида, навиштааст, ки Кешу Нахшаб ва Суғд аз шаҳрҳои Самарқанд мебошанд.[4]

Акнун мегузарем ба шарҳи дирҳамҳои зарробхонаи Суғд. Аз 7 дирҳами Суғд тавре дар боло гуфтем як донааш дар соли 295/907-908, 2 донааш дар соли 306/918-919 ва ду донааш дар соли 307/919-920 зарб шудаанд. Як донааш қисман суддашуда мебошад ва аз сол танҳо шумораи сесад нисбатан хуб намоён аст. Аммо навиштаҷоти он монанди дирҳамҳои соли 306/918-919 ва 307/919-920 зарробхонаи Суғд мебошанд ва дар ин асос фарз кардан мумкин аст, ки он ҳам дар солҳои ёдшуда зарб шудааст. Навиштаҷоти асосии ҳамаи ин дирҳамҳо якхела ва маъмулӣ мебошанд. Аммо дар ин дирҳамҳо як ибораи иловагӣ ҳаст, ки дар поёни рӯи сикка ҷойгир аст. Ин ибораи динии начандони

---

[1] Тереножкин А. И. Согд и Чач.// КСИИМК, вып. 33, 1950. - С.153.
[2] Лившиц В. А. Юридические документы и письма // Согдийские документы с горы Муг. - М.,вып. II. 1962. - 219 с.
[3] Ҳудуду-л-олам. - С.69; Закариёи Қазвинӣ. Осору-л- билод ва ахбору-л- билод. - Хуҷанд, 2018. - С.513-514.
[4] - – –

маъмули "ал- Қадру Лиллоҳ" мебошад. Масъалаи асосии марбут ба ин сиккаҳо муайян кардани ҷойи зарби онҳо мебошад. Тавре ки дар боло дидем Суғд номи кишвар, вилоят мебошад. Аз ин ҷо саволе ба миён меояд, ки дар куҷои Суғд, яъне дар кадом шаҳри он ин дирҳамҳо зарб шудаанд. Маъмулан дирҳамҳое, ки дар онҳо номи вилоят навишта шудааст, дар пойтахт зарб мешаванд. Дар воқеъ дар пойтахти Суғд шаҳри Самарқанд зарробхона вуҷуд дошт ва он ба миқдори зиёд дирҳам мебаровард ва онҳо дар Ганҷинаи Кӯлоб низ ба миқдори зиёд вуҷуд доранд. Аммо дар ин дирҳамҳо, аз ҷумла дар онҳое, ки дар солҳои 306/918-919 ва 307/919-920 зарб шудаанд, номи шаҳри Самарқанд навишта шудааст. Оё имкон дошт, ки дар як миқдор дирҳамҳои дар Самарқанд зарбшуда номи вилоят, яъне Суғд навишта шавад. Эҳтимолан чунин имконият вуҷуд дошт ва онро аз мадди назар дур кардан лозим нест. Аммо дар айни ҳол мо бояд имкониятҳои дигар, яъне дар ягон шаҳри дигари Суғд зарб шудани ин дирҳамҳоро низ бояд сарфи назар накунем. Аз лиҳози навиштаҷот дирҳамҳои Суғд аз дирҳамҳои ҳамзамони Самарқанд бо як навиштаҷоти иловагӣ "ал- Қадру Лиллоҳ" фарқ мекунанд. Ин навиштаҷоти иловагӣ дар дирҳамҳои Самарқанд нест. Албатта дар ин асос мо наметавонем имкони дар Самарқанд зарб шудани дирҳамҳои Суғдро қатъиян рад намоем, аммо ин далелро дар ҳалли ин масъала бояд дар назар дошт. Аз рӯи ин аломат, яъне вожаи дирҳамҳои Суғд бо дирҳамҳои Маъдин ва Андароба, ки ҳамин вожаро доранд, як намуданд. Нишонаи дигаре, ки дирҳамҳои ин се заробхонаро бо ҳам наздик мекунад, ҳарфи мебошад, ки дар пушти ин сиккаҳо дар зери навиштаҷоти марказӣ ҷойгир аст. Монандии навиштаҷот метавонад дар бораи дар наздикии якдигар ҷойгир будани зарробхонаҳо гувоҳӣ диҳад. Дар воқеъ Андароба ва Маъдин, ки мо онро бо шаҳри Панҷҳир як шумурдем, дар наздикии якдигар дар ҷануби Тахористон ҷойгиранд. Аммо Суғд аз ин ду шаҳр дар фосилаи дур ҷойгир аст. Имконияти дар ҷануби Тахористон ё ноҳияҳои наздик ба он вуҷуд доштани шаҳре бо номи Суғд кам аст, чунки дар ягон сарчашма ин гуна маълумот вуҷуд надорад. Як нуктаи дигарро низ бояд дар назар дошт. Дар як қисми дирҳамҳои Маъдини Ганҷинаи Кӯлоб номи ҳокими

маҳаллии Тахористон Ҷаъфар ибни Аҳмад ҳаст ва дар қисми дигараш нест, аз ҷумла дар он намудаш, ки ибораи доранд. Мо дар боло гуфтем, ки дирҳамҳои Маъдин бе номи ҳокими маҳаллии тахористонӣ низ бо эҳтимоли зиёд дар шаҳри Панҷҳир зарб шудаанд. Бо вуҷуди ин имконияти дар ягон шаҳри дигар зарб шудани онҳо низ то ҷое вуҷуд дорад. Мо дар боло гуфта будем, ки дар байни зарробхонаҳои сомонӣ Маъдини Суғд вуҷуд дорад. Мавҷуд будани ибораи ҳам дар дирҳамҳои Маъдин ва ҳам Суғд фарзияеро ба миён меорад, ки шояд намуди дуюми дирҳамҳои Маъдин, яъне бе номи Ҷаъфар ибни Аҳмад дар зарробхонаи Маъдини Суғд зарб шуда бошанд. Дар ҳар сурат ин имкониятро низ дар назар доштан лозим аст. Мутаассифона дар куҷо ҷойгир будани зарробхонаи Маъдини Суғд низ маълум нест. Дар Суғди Самарқанд ягон кони калони нуқра вуҷуд надошт, ки ин зарробхонаро марбути он шуморем, дар сарчашмаҳои хаттӣ низ ингуна маълумот нест.

Фарзияи дигар он аст, ки дирҳамҳои Суғд дар яке аз шаҳрҳои ин вилоят зарб шудаанд. Мутобиқи маълумоти Ҳудуду-л-олам дар кишвари Суғд ба ғайр аз пойтахти он шаҳри Самарқанд се шаҳри калон ва якчанд шаҳрак вуҷуд доштанд. Ба қатори шаҳрҳои калон Кушонӣ, Кеш ва Нахшаб дохил мешуданд.[1] Шаҳрҳои Кеш ва Нахшаб дар водии Қашқадарё ҷойгир буданд. Аз рӯи ахбори Ҳудуду-л-олам ҳардуи ин шаҳр калон буда, куҳандиз, яъне қалъаи ҳокимнишин, шаҳристон ва работ, яъне маҳаллаҳои наздишаҳрӣ доштанд. Дар ин шаҳрҳо дар ибтидои асрҳои миёна (асри V-VIII) сикка мебароварданд. Яъне, ин ду шаҳри калон, ки дар бахши ҷанубии Суғд ҷойгир буданд, анъанаи сиккасозӣ доштанд. Биноан фарз кардан мумкин аст, ки дирҳамҳои зарробхонаи Суғд дар яке аз ҳамин ду шаҳр – Кеш ё Нахшеб бароварда шудаанд.

**Зарробхонаи Хуттал**

Дар Ганҷинаи Кӯлоб 581 дирҳами дар зарробхонаи Хуттал зарбшуда мавҷуд аст. Аз лиҳози миқдор онҳо дар ҷойи аввал истода аз шумораи умумии сиккаҳо 41,3 % ва аз миқдори умумии дирҳамҳои сомонӣ 42,3% -ро ташкил

[1] Ҳудуду-л - олам. - С.69.

медиҳанд. Дар дирҳамҳо ин ном бо артикли “ал” дар шакли “ал-Хуттал” навишта шудааст. Танҳо дар ду сикка он дар шакли “Хатлон” омадааст. Хуттал яке аз вилоятҳои калони сарҳади шарқии давлати Сомониён буд. Мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва сиккаҳо, аз ҷумла дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб ҳокимони он тобеи амирони сомонӣ буданд. Ин ҳолат дар сиккаҳо хуб инъикос шудааст. Сиккаҳои Хуттал аз номи амирони сомонӣ ва дар баъзе маврид аз номи амирони сомонӣ ва ҳокимони ин вилоят бароварда шудаанд.

Дар бораи Хуттал ва шаҳрҳои он дар бисёр сарчашмаҳои хаттии асримиёнагӣ маълумот дода шудааст. Аз ҷумла дар Ҳудуду-л-олам омадааст: “Хатлон ноҳиятест андар миёни кӯҳҳои бузург ва ободон ва бисёр кишт ва бисёр мардум ва неъматҳои фаррох ва подшоҳи вай аз мулуки атроф аст. Ва мардумони ин ноҳият мардумони ҷангианд ва андар ҳудуди вай аз сӯи Таббат мардумонеанд вахшӣ. Андар биёбонҳо ва андар кӯҳҳои вай маъдани сим аст ва зар ва аз он аспони нек хезад бисёр.”[1] Пойтахти он шаҳри Ҳулбук ва шаҳрҳои калонаш Нучоро ва Парғор буданд.

Дар дирҳамҳо номи зарробхона “ал-Хуттал” навишта шудааст. Аён аст, ки дирҳамҳо дар ягон шаҳри ин вилоят зарб шудаанд. Пас саволе ба миён меояд, ки ин кадом шаҳр аст. Маъмулан сиккаҳо пеш аз ҳама дар пойтахти кишвар ва ё вилоят зарб мешаванд. Дар ин асос фарз кардан мумкин аст, ки дирҳамҳои Хуттал шояд дар пойтахти он шаҳри Ҳулбук зарб шудаанд. Дар ибтидо муаррихон ин шаҳрро дар мавзеъи деҳаи Ҳулбаги ноҳияи Восеъ ҷойгир намуданд.[2] Аммо баъдтар онро ба мавзеи деҳаи Қурбоншаҳид, ки онҷо харобаҳои қаср ва шаҳристони калоне мавҷуданд, оварданд.[3] Дар ин авохир таърихшиноси тоҷик, Ғ. Ғоибов фикреро пешниҳод кард, ки пойтахти Хатлон шаҳри Ҳулбук аввал дар мавзеи деҳаи Ҳулбаг ҷойгир буда, баъдтар дар миёнаи

---

[1] Ҳудуду-л -олам. - С.74-75.

[2] Tomaschak V. Centralasiatiesche studien in Sogdiana // Wien, 1877, pp. 44, 47, 738-739; Филимонова Т.Г., Ахметзянов М.Р. Отчёт Хуттальской археологической экспедиции – Восейский район (2013 г.) // АРТ, вып. 39. Душанбе, 2017. - С.184.

[3] Чейлытко В.Р. Из истории Вахшской долины // “Коммунист Таджикистана”, 1945, 30/1, № 22; Литвинский Б.А., Давидович Е.А. Предводительный отчет о работе Хуттальского отряда на территории Кулябской области в 1953 г. // Доклады АН Тадж.ССР, вып. 2, 1954. - С.39-52.

асри IX ба мавзеи деҳаи Қурбоншаҳид кӯчидааст.[1] Бо вуҷуди он ки соли кӯчидан барвақттар буда, ба нимаи аввали асри IX рост меояд, аммо ҷой доштани кӯчидани шаҳр то ҷойе боварибахш ба назар мерасад.[2]

Қадимтарин дирҳами Хуттал дар Ганҷинаи Кӯлоб дар соли 293/905-906 бароварда шудааст. Яъне, аз рӯи солгузории дар боло зикршуда, он бояд дар Ҳулбуки мавзеъи Қурбоншаҳид зарб шуда бошад. Маъмулан зарробхонаҳо дар қасри ҳоким ҷойгир буданд. Қасри ҳокимнишини Ҳулбук аз ҷониби бостоншиносони тоҷик қариб, ки пурра ҳаффорӣ шудааст. Аммо дар он ягон сохтмоне, ки ба зарробхона монанд бошад, ёфт нашудааст. Албатта ёфтани зарробхона кори душвор аст, чунки бинои он ягон шаклу хусусияти хос надорад. Яъне ҳар ҳуҷраи муқаррарӣ метавонист зарробхона бошад. Асбобҳои сикказанӣ чандон зиёд ва мураккаб набуданд ва онҳоро ба осонӣ аз як ҷой ба ҷойи дигар бурда мешуд. Онҳо аз сандон, болға ё чакуш, амбур, қайчӣ, муҳри сиккаҳо ва як кураи оҳангарӣ иборат буданд. Дар ҳуҷрае, ки ин асбобҳо ва кура ёфт шавад, онро метавон зарробхона номид. Аммо дар Ҳулбук ин чизҳо дар ягон ҳуҷра ёфт нашудаанд. Эҳтимолияти берун аз қаср дар шаҳристон ҷойгир будани зарробхона камтар аст. Аз тарафи дигар ёфт нашудани зарробхона ва асбоби сиккабарорӣ ба мисли мӯҳрҳо ё қолибҳои сиккарезӣ дар боқимондаҳои Ҳулбук дар айни замон дар шаҳри Ҳулбук мавҷуд будани сиккахонаи "ал-Хуттал" ва Хатлонро шубҳанок мегардонад. Ҳамчунин дар дигар марказҳои аз Хатлон ҳам бузургтари давлати Сомониён зарб шудани дирҳамҳои Хатлон низ аз эҳтимол дур нест. Яъне эҳтимоли берун аз Хатлон зарбшудани сиккаҳои Хатлон вуҷуд дорад.

Дар сиккаҳо ба ҷойи номи шаҳр навиштани номи вилоят як ҳодисаи маъмул буд. Масалан, дар сиккаҳои Чоч, ки пойтахти он шаҳри Бинкат буд, шакли арабишудаи номи вилоят "аш-Шош" навишта шудааст. Дар сиккаҳои Уструшана, ки пойтахти он шаҳри Бунҷикат буд, низ шакли

---

[1] Гоибов Г. К вопросу о локализации средневековых городов Хутталля //- Душанбе, 2007. - С.50-52; Ҳамон муаллиф: Таърихи Хатлон аз оғ оз то имрӯ з. -Душанбе, 2006. - С.192-193.

[2] Довудӣ Д. Шаҳ ри Ҳулбук дар куҷо ҷойгир буд? // Ахбори осорхонаи таърихии вилояти Суғ д, № 4, 1918. - С.20-26; Довудӣ Д., Хоҷаев А. Ҳулбук кай сохта шудааст? // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон, № 1, 2014. - С. 64-66.

арабишудаи номи вилоят Усрушана навишта шудааст. Навиштани номи вилоят аз он лиҳоз зарур буд, ки ба тамоми вилоят тааллуқ доштани ин сиккаҳо ва дар тамоми вилоят равон будани ҳукми ҳокимро нишон медод. Дар робита бо номи Хуттал Ғ. Ғоибов назари дигар дорад. Дар баъзе сарчашмаҳои хаттӣ Хутталро шаҳр гуфтаанд. Аз ҷумла, Ибни Хурдодбеҳ гуфтааст “Дар шаҳре, ки Хутталон ном дорад...” Дар ин асос Ғ. Ғоибов ба хулосае омадааст, ки Хуттал ё Хутталон ҳам номи вилоят буд ва ҳам номи шаҳр. Ӯ шаҳри Хутталро дар мавзеъи деҳаи Қайнари ноҳияи Восеъи вилояти Хатлони имрӯза ҷой додааст.[1] Дар ҳақиқат дар бахши ғарбии деҳа ва ҳавзи Қайнар теппае қарор дорад, ки баландиаш тақрибан 10 метр буда, дар болояш қабристони муосир ҷойгир аст. Ба андешаи бостоншиносон гӯристони муосир дар болои шаҳристони асримиёнагӣ қарор дорад. Соли 2007 бостоншинос Ш. Қурбонов бо роҳбарии Ю. Яъқубов дар чанд мавзеи гӯристон озмуна канданд. Дар натиҷаи ин маълум карда шуд, ки шаҳристон ба давраи Сомониён ба асрҳои IX-X мансуб аст. Дар бахши ҷанубу-шарқии шаҳристон қабатҳо ва ашёи марбут ба давраҳои қадим – аз давраи Ҳахоманишиён то Кушониён пайдо карда шуданд.[2] Аммо ин шаҳр чандон калон нест. Гап дар сари он аст, ки агар шаҳре мебуд, ки номи вилоятро дошт, вай ҳатман бояд, пойтахти он мебуд, яъне бояд шаҳри калон бошад. Биноан шаҳри дар мавзеъи деҳаи Қайнар буда, ин нишонаҳоро надорад. Аз сӯи дигар дар аксари сарчашмаҳо, аз ҷумла дар Ҳудуду-л-олам, ки доир ба ҷуғрофиёи Мовароуннаҳр сарчашмаи боэътимод мебошад, Хатлонро ноҳият номида, пойтахти онро шаҳри Ҳулбук гуфтааст. Бинобар ин барои тасдиқи фикри Ғ. Ғоибов дар бораи вуҷуд доштани шаҳре бо номи Хуттал ё Хутталон далелҳои иловагӣ лозим мешаванд.

## Зарробхонаи Андичароғ

Номи ин шаҳр дар сарчашмаҳо дар шакли Андиҷароъ навишта шудааст. Аммо ба андешаи мо ин шакли арабишудаи номи Андичароғ мебошад. Минбаъд мо шакли Андичароғро истифода мебарем.

---

[1] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғ оз то имрӯз. - Душанбе, 2006. - С.207.
[2] Якубов Ю, Курбанов Ш. Археологические раскопки на городище Нозкуль (Кайнар) и могильнике Гелот в 2007 г.// АРТ, вып. 33, Душанбе, 2009. - С.73-82.

Дар Ганҷинаи Кӯлоб дирҳамҳои дар Андичароғ зарбшуда нестанд. Аммо Г. Рисплинг дар Феҳристи дирҳамҳои Хуттали дар таркиби ганҷинаҳои Шветсия ёфтшуда 7 дирҳамро овардааст, ки дар зарробхонаи Андичароғ зарб шудаанд. Онҳо дар солҳои 292/904-905 ва 293/ 905-906 аз номи амири сомонӣ Исмоил ибни Аҳмад ва ҳокими Хуттал ал-Ҳорис ибни Асад бароварда шудаанд. Маҳз дар давраи ҳукмронии ал-Ҳорис ибни Асад зарб шудани ин дирҳамҳо эҳтимол тасодуф набуда бо он алоқаманд буд, ки мутобиқи ахбори ал-Яъқубӣ Рустоки Бик мулки хонаводагии ал-Ҳорис ибни Асад ибни Бик будааст. Аз маълумоти Ҳудуду-л-олам бармеояд, ки Нучоро маркази маъмурии ноҳияи Рустои бик (ё Русток Бик) будааст. Дар Ҳудуду-л-олам дар байни шаҳрҳои Хуттал Андичароғ номбар нашудааст. Дар сарчашма номи шаҳри Нучоро номбар шудааст, ки онро А. М. Беленитский[1] ва баъди ӯ Ғ. Ғоибов[2] бо Андичароғи дигар сарчашмаҳо як медонанд. Дар бораи шаҳри Нучоро дар Ҳудуду-л-олам чунин гуфта шудааст: “Нучоро шаҳрест устувор ва андар миёни ду рӯд ниҳода: яке Харноб ва дигаре Ҷайҳун. Ва ӯро ноҳиятест то ба ҳудуди Бадахшон бикашад ва ӯро Рустобик хонанд. Шаҳрест аз як сӯй Ҷайҳун аст ва дигар сӯ кӯҳ. Ҷойи бисёр неъмат аст ва боргоҳи Хатлон аст.[3] Аз ин ахбор бармеояд, ки Нучоро дар лаби дарёи Панҷ ҷойгир буд ва корвонҳои тоҷирон аз ҳамин мавзеъ дарёро мегузаштанд, яъне он шаҳри бандарӣ буд. Бо эҳтимоли зиёд бо сабаби аҳамияти тиҷоратӣ доштани ин шаҳр дар он сикка мезаданд. Як шумурдани Нучоро ва Андичароғ боварибахш ба назар мерасад. Муаллифи Ҳудуду-л-олам, ки китобашро ба форсӣ (тоҷикӣ) навиштааст, бо эҳтимоли зиёд, аз тоҷикони маҳаллии Хуросони Шарқӣ буд ва ҷуғрофиёи ин мавзеъро хуб медонист. Аз ин рӯ имкон надошт, ки ӯ дар қатори шаҳрҳои Хатлон Андичароғро номбар накунад. Аз сӯи дигар, ҳарфҳои ин ду ном бо баъзе истисноҳо бо ҳам яканд ва шояд Нучоро шакли кӯтоҳи номи Андичароғ бошад. Бояд ёдовар шавем, ки дар сиккаҳо номи ин шаҳр дар шакли Андичароғ

[1] Беленицкий А. М. Историко географический очерк Хутталя. - С.122.
[2] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғ оз то имрӯз. - С.183.
[3] Ҳудуду-л- олам. - С.75.

омадааст. Шояд ҳарфи охири ин ном на балки бошад, дар он сурат шакли Нучоро ва Андичоръ бо ҳам боз ҳам наздиктар мешаванд.

**Зарробхонаи Қубодиён (Қуводиён)**

Дар давраи ҳукмронии Сомониён дар ҳудуди Хуттал зарробхонае бо номи Қубодиён амал мекард. Дар Ганҷинаи Кӯлоб сиккаҳои ин зарробхона нестанд. Аммо бинобар дар қаламрави Хатлон ҷойгир будани он, мо зарур донистем дар бораи он маълумот диҳем.

Сиккаҳои Қубодиён то ба наздики маълум набуданд. Ин зарробхона ба наздикӣ аз ҷониби сиккашиносони рус В. С. Кулишов ва В. А. Калинин пайдо ва нашр карда шуд. Олимони номбаршуда номи ин зарробхонаро дар як пораи дирҳам, ки дар Эрмитажи Давлатӣ нигоҳ дошта мешавад, пайдо карданд. Ин дирҳам соли 320/932 аз номи Наср ибни Аҳмад зарб шудааст. Номи зарробхона дар шакли “Қуводиён” навишта шудааст.[1] Шубҳае нест, ки ин зарробхона дар ҷануби водии Вахши дар ноҳияи Қубодиёни Тоҷикистон ҷойгир будааст. Шаҳри Қубодиёни замони Сомониён дар кадом бахши ноҳияи Қубодиёни имрӯза ҷойгир аст, маълум нест. Аммо шубҳае нест, ки харобаҳои он бояд бошанд ва пайдо кардани онҳо вазифаи бостоншиносони тоҷик мебошад.

[1] Кулешов В. С., Калинин В. А. Новое в типологии саманидских дирхемов первого хронологиеского этапа // Девятнадцатая Всероссийская нумизматическая конференция. Великий Новгород, 17-22 апреля 2017 г. Тезисы докладов и сообщений. - М., 2017. - С.59-60.

## 2. Аҳамияти Ганҷинаи Кӯлоб дар таҳқиқи таърихи сулолаи Баниҷуриён

Дар Ганҷинаи Кӯлоб шумораи зиёди дирҳамҳое ҳастанд, ки дар Хуттал, Балх, Маъдин ва Андароба аз номи амирони сомонӣ ва ҳокимони маҳаллӣ аз сулолаи Баниҷуриён зарб шудаанд. Пеш аз он ки мо дар бораи ин сиккаҳо маълумот диҳем, мехоҳем дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ ва асару мақолаҳои илмӣ дар бораи ин сулола маъумот биёрем.

Аз ҷумла Ибни Хурдодбеҳ доир ба ҳокимони Хатлон маълумоти мухтасар, вале хеле муҳимро овардааст. Тибқи навиштаи Ибни Хурдодбеҳ шоҳони Хатлон, ки ӯ онҳоро "малик" гуфтааст, соҳиби лақаби "Хутталоншоҳ", "Шери Хутталон" ва "Хутталонхудоҳ" буданд.[1] Аз ин бармеояд, ки дар Хатлони асрҳои IX-X ҳокимони бумии тоҷиктабор ҳукумронӣ мекарданд. Дар робита ба насаби ҳокимони Хуттал ал-Яъқубӣ дар боби "Марвруд" Вахшу Ҳаловардро, ки аз шаҳрҳои Хатлон мебошанд, мамлакати Ҳошим ибни Бойинҷур номидааст.[2] Ин қадимтарин иттилоъ доир ба хонадони Баниҷуриёни Хатлон мебошад.

Дар бораи саравлоди ин сулола Баниҷур муаллифи китоби "ал-Булдон" ал-Яъқубӣ маълумоти мухтасар овардааст, ки он чунин аст: Дар давраи ҳукмронии халифа ал - Мансур (соли 755 – 775) ҳокими Фарғона, ки дар Қошғар қарор дошт, шахсеро бо номи Баниҷур барои гуфтушунид бо сарлашкари арабҳо, ки дар Осиёи Миёна амал мекард, мефиристад. Ба сафир пешниҳод мекунанд, ки исломро қабул кунад, аммо ӯ рад мекунад ва ӯро зиндон мекунанд ва то давраи хилофати ал – Маҳдӣ (соли 775-785) ӯ дар ҳабс мемонад.[3] Дар кадом сол рух додани ин ҳодиса ва кай аз зиндон озод шудани Баниҷур дақиқ маълум нест. Танҳо фарз кардан мумкин аст, ки он эҳтимол дар солҳои охири ҳукмронии ал-Мансур ва аввали ҳукмронии ал-Маҳдӣ рух додааст.

Сарчашмаи асосӣ барои омӯзиши таърихи ин сулола асарҳои таърихии асримиёнагӣ ва сиккаҳо мебошанд. Маълумоти ин сарчашмаҳо аз ҷониби

---

1 – –

2 - – –

3 Ҳамон ҷо. - С.124.

донишмандон, аз ҷумла Р. Фасмер,[1] В. В.Бартолд, А. М. Беленитский[2], Ғ. Ғоибов[3] ва дигарон таҳлил ва нашр карда шудаанд. Маълумоти нисбатан муфассал дар бораи ин сулолаи маҳаллӣ дар мақолаи А. М. Беленитский оварда шудааст. Ғ. Ғоибов низ дар мавриди ин сулола аз сарчашмаҳо маълумоти ҷолиб ва дар баъзе ҳолатҳо нав овардааст. Д. Довудӣ[4] дар асоси таҳлили сиккаҳо баъзе маълумоти нав додааст.

Номи Баниҷур дар чандин ҷойи асари Наҷмуддини Насафӣ, ки ба асри XII тааллуқ дорад, низ ёд шудааст.[5] Донишманди ӯзбек Ш. Камолиддин[6] фарзияеро пешниҳод кардааст, ки ин ном ба писари дуюми шоҳи Самарқанд Ғурак тааллуқ дорад. Аммо далелҳое, ки ин олим овардааст, барои чунин хулоса баровардан кофӣ нестанд. Дар сарчашмаҳои хитоӣ номи писари дуюми Ғурак Мо-чжо навишта шудааст. Ш. Камолиддин шакли аслии ин номро Мочур шумурда, онро ба номи гӯё туркии қадим Баг-чур бурда мерасонад. Аввалаш ин ки шакли хитоии номҳои суғдӣ, бохтарӣ ва ғайра аз ҷониби олимон ба таври гуногун барқарор ва хонда мешаванд. Дуюмаш ин ки Мо-чжо-и чиниро метавон Мочу хонд, на Мочур, чун дар охираш ҳарфи садонок надорад. Сеюмаш ин ки аз Мочур шакли Баг-чур намебарояд. Хулоса номи хитоии писари Ғурак бо номи Баниҷур ягон алоқаманди надорад. Барои тасдиқи фикраш Ш. Камолиддин шаҷараи Ғуракро аз асари Наҷмуддини Насафӣ, ки ба асри XII тааллуқ дорад овардааст. Охири ин насабнома чунин аст: “.....ибни Тархун ибни Баниҷур (Баг-чур) ибни Ғурак”. Аз шарҳи поварақ, ки Ш. Камолиддин овардааст, маълум мешавад, ки дар матни шаҷара на номи Баничур ва на Баг-чур нестанд, дар матн номи “Каноранк” навишта шудааст. Номи Баничурро ин пажуҳишгар аз пеши худ ба ҷои номи аслӣ - Каноранк дохил кардааст. Ин худсарӣ ва кори ғайри қобили қабул буда, донишмандон ва хонандагонро ба иштибоҳ андохтан аст. Агар Ш. Камолиддин дар поварақ шарҳ

---

[1] Fasmer R. Beiträge zur muchamedanischen Münzkunde // Num. Zeitschrift, № 58- 1925. -С. 49
[2] Беленицкий А.М. Историко географический очерк Хутталя. - С.118-119, 124-127.
[3] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғ оз то имрӯз. - С.206-222.
[4] Довуди Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - Душанбе, 2006. - С. 162
[5] - - –
[6] Камолиддин Ш. Новые данные о потомках царя Согда Гурака // Общественные науки в Узбекистане, № 3, 2003. - С.67-68.

намедод, ҳама гумон мекарданд, ки дар матни шаҷара номи Баничур ҷойгир аст. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки номи писари Ғурак ҳеҷ гоҳ Баниҷур набудааст ва фарзияи Ш. Камолиддин дар ин хусус ягон асоси илмӣ надорад.

Дар бораи шахсе бо номи Ҳошим ибни Баниҷур ал – Балозурӣ хабар додааст. Дар давраи ҳукмронии халифа Маъмун (соли 813 – 833) писари афшини (ҳокими) Уструшана Ҳайдар вазири падараш Тарадисро кушта, мегурезад ва ба назди ҳокими Хатлон Ҳошим ибни Мухаввир ал-Хутталӣ меравад.[1] Ғ. Ғоибов ин номро Мухаввир хондааст, аммо аксарият онро Баниҷур мехонанд. Ин ҳодиса, ки соли дақиқи рух доданаш дар сарчашмаҳо нишон дода нашудааст, ба фикри А. М. Беленитский наздикии соли 818, то ба Бағдод рафтани ал-Маъмун ва ба фикри Ғ. Ғоибов дар солҳои 820-821 рух додааст.[2]

Дар сарчашмаҳо дар бораи ягон алоқамандӣ доштани Баниҷури фарғонагӣ бо Баниҷури хутталӣ, ки падари Ҳошим буд, чизе гуфта нашудааст. Бо вуҷуди ин пажуҳишгарон бар он ақидаанд, ки Баниҷури хутталӣ ин ҳамон Баниҷури фарғонагӣ мебошад. Ба фикри А. М. Беленитский ӯ эҳтимол аз Хатлон будааст ва насаби Ҳошим ибни Баниҷур ал-Хутталӣ инро то ҷое тасдиқ мекунад. Чӣ тавр ба Қошғар рафтани Баниҷур низ маълум нест, шояд аз арабҳо гурехта рафта бошад. Дар робита бо ин масъала Ғ. Ғоибов андешаи дигар дорад. Ба фикри ӯ Баниҷури фарғонагӣ ва Баниҷури падари Ҳошим шахсони гуногунанд ва якумӣ ба Хуттал ягон алоқамандӣ надорад.[3]

Номи Баниҷурро, ки навишташ дар дастхатҳо аз якдигар каме фарқ мекунад, муҳаққиқон ба таври гуногун хондаанд: А. М. Беленитский М...ҷур, Ғ. Ғоибов Бойинҷур ё Моҳҷур ва ғайра. Аммо дар илми имрӯза мисле ки шакли Баниҷур ва Бойинҷур қабул шудааст.

Аз рӯи маълумоти аз сарчашмаҳо овардаи А. М. Беленитский шаҷараи Баниҷуриён чунин аст (Ҷадвали 13).

Ҷадвали 13

[1] Ал-Балазурӣ. Завоевание Хорасана. Извлечение из сочинения “Футух ал-Булдан”. Перевод с арабского и комментарии Г.Гоибова. - Душанбе, 1987. - С.38.
[2] Ғоибов Ғ.Таърихи Хатлон аз оғ оз то имрӯз. - С.215.
[3] Ғоибов Ғ.Таърихи Хатлон аз оғ оз то имрӯз. - С.215.

Сулолаи Баниҷуриён аз рӯи маълумоти аз сарчашмаҳо гирдовардаи А. М. Беленитский бо иловаҳои маълумоти Ғ. Ғоибов ва Д. Довудӣ

**Шохаи Ҳошим ибни Баниҷур**

| № | Номи ҳоким | Ҷойи ҳукмрониаш | Сол | Тавзеҳот |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳошим ибни Баниҷур | Хуттал | 818 ё 820-821, 833 | Сарлашкари халифа низ будааст |
| 2 | Аббос | Ҳокими Фустоти Миср | 211/826-827 | Писари Ҳошим |
| 3 | Довуд ибни ал-Аббос | Балх | 847-873 | Набераи Ҳошим |

Мутобиқи маълумоти аз сарчашмаҳо овардаи А. М. Беленитский асосгузори сулолаи маҳаллии шоҳони Хуттал Баниҷур мебошад. Аммо худи Баниҷур ҳамчун ҳокими Хуттал дар сарчашмаҳо ёд нашудааст. Дар бораи ихтилофи назари олимон дар бораи як шахс будани Баниҷури фарғонагӣ ва Баниҷури хутталӣ мо дар боло гуфтем. Баниҷури хутталӣ се писар дошт – Ҳошим, Довуд ва Аҳмад. Аз онҳо танҳо Ҳошим ҳамчун ҳокими Хуттал ёд шудааст. Писари ӯ Аббос ҳокими Фустати Миср буд ва дар бораи ҳукмрониаш дар Хуттал маълумоте дар даст нест. Набераи Ҳошим Довуд ибни ал-Аббос дар солҳои 847-873 ҳокими Балх буд, дар бораи дар Хуттал ҳукмронӣ кардани ӯ маълумоте вуҷуд надорад. Шохаи Ҳошим ибни Баниҷур ҳамин се нафарро дар бар мегирад, дар бораи авлоди минбаъдаи онҳо ҳеҷ гуна маълумот нест.

Ҷадвали 14

**Шохаи Бек**

| № | Номи ҳоким | Ҷойи ҳукмрониаш | Сол | Тавзеҳот |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бек | Рустоқ | - | - |
| 2 | Асад | Хуттал | 270/883 | - |
| 3 | ал-Ҳорис ибни Асад ибни Бик | Хуттал | 284-296 | Аз рӯи сик-каҳо |

Дар бораи Бик дар алоҳидагӣ дар сарчашмаҳои хаттӣ маълумот нест. Номи ӯ дар таркиби номи мавзеи Рустоки Бик омадааст, ки онро Яъкубӣ мамлакати ал-Ҳорис ибни Асад ибни Бик гуфтааст. Аз ин бармеояд, ки Рустоки

Бик мансуби хонадони Бик мебошад. Аз инҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки Бик ҳокими ҳамин ноҳия будааст. Ин ноҳия бо номи Рустоқ дар шимоли вилояти Тахори Афғонистон дар сарҳад бо вилояти Кӯлоби Тоҷикистон ҷойгир аст. А. М. Беленитский навиштааст, ки номи Бик шубҳабарангез аст,[1] аммо маълум нест, ки ӯ чиро дар назар дорад.

Дар робита бо номи Бик бояд ёдовар шавем, А.М. Беленитский ва олимони дигар номи ин шахсро Бик ва аммо Ғ.Ғоибов онро Бек хондаанд. Кадоме аз ин хонишҳо дуруст аст, дақиқ маълум нест.

Дар бораи намояндаи дуюми ин шоха Асад низ дар сарчашмаҳои хаттӣ дар алоҳидагӣ маълумот нест. Тавре ки дар боло гуфтем номи ӯ дар таркиби номи ҳокими Хуттал ал-Ҳорис ибни Асад ибни Бик омадааст. Яъне ӯ падари ал-Ҳорис будааст. Дар бораи ин шахс сиккашиноси маъруфи Шветсия Герт Рисплинг маълумоти ҷолиб нашр намудааст. Ӯ дар Феҳристи дирҳамҳои сомонии ганҷинаҳои Шветсия ва хусусӣ, ки соли 1996 тартиб додааст, дирҳамеро овардааст, ки он дар соли 270/883-884 дар Хуттал зарб шудааст. Дар рӯи ин дирҳам зери навиштаҷоти марказӣ номи Асад навишта шудааст. Дар пушти сикка номи халифа ал – Муътамид ва дар зери он вожаи Ҳумайд навишта шудааст.[2] Сиккашиноси тоҷик Д.Довудӣ ин дирҳамро тавсиф ва муфассал шарҳ додааст.[3] Он қадимтарин дирҳами дар замони Сомониён дар Хуттал зарбшуда мебошад. Д. Довудӣ якчанд вижагиҳои ин дирҳамро муайян намудааст. Дар ин дирҳам номи Асад танҳо, бе номи падараш навишта шудааст. Аммо дар хусуси ба падари ҳокими Хуттал ал –Ҳорис мансуб будани он шубҳае нест, чунки мутобиқи Феҳристи Г. Рисплинг баъдтар аз соли 284/897 то 296/908-909 писари ӯ ҳокими Хуттал буда, аз номи худ бо зикри номи халифа ва аз соли 293/905-906 бо иловаи номи амири сомонӣ Исмоил ибни Аҳмад дирҳам баровардааст.[4] Дар ин солҳо Наср I ибни Аҳмад (соли 864-892) амири Сомониён буд. Ҷолиб аст, ки дар дирҳами Асад номи ин амири сомонӣ

---

[1] Беленицкий А. М. Историко географический очерк Хутталя. - С.125.

[2] Rispling G. Katalog samanidischen dirhams in schwedischen Funden und diversen Samlungen.Unvero Aentlicht- 1996.

[3] Довудӣ Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - Душанбе, 2006.- С. 154-155, 178.

[4] Довудӣ Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - Душанбе, 2006.- С.178-180.

гузошта нашудааст. Дар ин асос Д. Довудӣ ба хулосае омадааст, ки дар давраи ҳукмронии Асад Хуттал мустақил буда, ба ҳайати давлати Сомониён дохил намешуд.[1] Дар пушти ин сикка Ҳумайд навишта шудааст.

Намояндаи сеюми ин шоха ал-Ҳорис ибни Асад мебошад. Ал-Яъқубӣ навиштааст, ки Рустоқи Бик ба ал-Ҳорис ибни Асад ибни Бик тааллуқ дорад. Номи ӯро Ибни Хурдодбеҳ низ ёд кардааст. Аммо ин сарчашмаҳо дар бораи дар кадом солҳо ҳукмронӣ кардани Ҳорис ибни Асад маълумот надодаанд. Солҳои ҳукмронии ӯ дар асоси сиккаҳо муайян карда шудааст. Номи ӯ дар дирҳамҳое, ки аз соли 284/897 то соли 296/908-909 дар Хуттал зарб шудаанд, навишта шудааст, яъне ин солҳо ӯ ҳокими Хуттал буд. Ҳукмронии ӯ метавонист пеш аз соли 284/897 оғоз шуда, як чанд сол баъди соли 296/908-909 низ идома ёбад.

Довудӣ Д. дар асоси сиккаҳо ду марҳилаи ҳукмронии ал-Ҳорис ибни Асадро муайян кардааст. Дар марҳилаи аввал-солҳои 284/897 -289/901-902 дар дирҳамҳо танҳо номи ӯ ва халифа ал-Муътазид навишта шудааст ва номи амири сомонӣ вуҷуд надорад. Дар ин асос хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ин солҳо Хуттал ё мустақил буда, танҳо шартан тобеи халифа буд, ё мустақиман ва воқеан тобеи халифа буд. Аз соли 293/905-906 сар карда дар дирҳамҳои Хуттал номи амири сомонӣ Исмоил ибни Аҳмад гузошта мешавад.[2] Ин яқин маънои онро дорад, ки дар ҳамин сол Хуттал тобеи Сомониён буд. Ба давлати Сомониён ҳамроҳ кардани Хуттал ҳодисаи ҷудогона набуда бо фаъолияти сиёсӣ – ҳарбии Исмоил Сомонӣ барои ба тобеияти худ даровардани ҳамаи вилоятҳои Мовароуннаҳр ва мустаҳкам кардани сарҳадҳои шимолии давлат ва гирифтани пеши роҳи тохтутозҳои туркон ба шаҳру вилоятҳои кишоварзон алоқаманд буд. Бо ин мақсад ӯ соли 893 ба шимоли Осиёи Миёна лашкар кашида шаҳри Исфиҷобро ишғол мекунад ва хоқони туркро бо 10 ҳазор лашкараш ва ашрофонаш асир мегирад. Ӯ ҳамчунин ба водии Талас ҳуҷум карда конҳои машҳури Шулҷаро тасарруф мекунад. Баъди ин ҳамла

---

[1]Довудӣ Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона.- С.156-157.
[2] Довуди Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона.- С.157.

Исфиҷоб ва водии Талас ба давлати Сомониён ҳамроҳ карда мешаванд. Дар рафти ҳамин лашкаркашӣ Уструшана низ ба давлати Сомониён ҳамроҳ карда мешавад.[1] Аз эҳтимол дур нест, ки дар рафти ҳамин лашкаркашӣ Исмоили Сомонӣ барои мустаҳкам кардани сарҳадҳои шарқӣ Хутталро низ ишғол карда ба давлати худ ҳамроҳ мекунад. Чунки аввалин сиккаҳо бо номи амири сомонӣ дар Хуттал дар ҳамин сол зарб шудаанд. Дар ин сиккаҳо дар баробари номи амири сомонӣ Исмоил ибни Аҳмад номи ду нафари дигар ал-Ҳорис ибни Асад ва Ҷаъфар ибни Аҳмад низ навишта шудаанд. Инҳо ҳокимони Хуттал буданд ва яке аз онҳо мартабаи баландтар дошт. Аз рӯи сиккаҳо дар соли 293/905-906 ҳокими Хуттал ал-Ҳорис ибни Асад тобеияти дудараҷагӣ дошт – ба амири сомонӣ Исмоил ибни Аҳмад ва ба ҳокими Хуттал, Балх, Вахш ва Маъдин Ҷаъфар ибни Аҳмад. Бо эҳтимоли зиёд Хутталро бевосита ал-Ҳорис ибни Асад идора мекард ва қароргоҳи ҳомии ӯ Ҷаъфар ибни Аҳмад дар Балх буд.

Дар мавриди мансубияти Бик ва фарзандони ӯ ба сулолаи Баниҷуриён дар байни пажуҳишгарон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Ба фикри яке аз аввалин муҳаққиқони таърихи сулолаи Баниҷуриён Р. Фасмер Бик бо сулолаи Баниҷуриён алоқаманди надошт. Ин фикр беасос нест, гап дар сари он аст, ки дар сарчашмаҳои хаттӣ дар ин бора ягон маълумот нест. Ягона чизе, ки онҳоро пайваст мекунад, он аст, ки онҳо дар Хуттал ҳукмронӣ кардаанд. А. М. Беленитский дар бораи ба сулолаи Баниҷуриён мансуб будани Бик шубҳае надошт, аммо барои тасдиқи ин фикраш ягон далел наовардааст.[2] Д. Довудӣ низ эҳтимолан фикри А. М. Беленитскийро дар ин хусус ҷонибдорӣ кардааст, аммо ӯ низ барои тасдиқи ин ақида ягон далелу шарҳе пешниҳод накардааст. Ғоибов Ғ. низ ҷонибдори ақидаи ба сулолаи Баниҷуриён мансуб будани Бик мебошад. Ӯ ҳатто кӯшиш кардааст ин нуқтаи назарро бо маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ тасдиқ кунад. Ба андешаи ин олим Бик на танҳо ба сулолаи Баниҷуриён дохил мешуд, балки бародари Баниҷур буд. Ибн Хурдодбеҳ дар бораи ҳокими Хуттал ал-Ҳорис ибни Асад ибни Бик маълумот дода ӯро писарамаки Довуд ибни Абу

[1] Негматов Н. Н. Государство Саманидов. - Душанбе, 1977.- С.25.
[2] Беленицкий А. М. Историко географический очерк Хутталя. - С.125.

Довуд ибни Аббос номидааст. Дар асоси ин хабар Ғ. Ғоибов ба хулосае омадааст, ки Бик, яъне бобои ал-Ҳорис бародари Баниҷур будааст. Аммо дар ин хулоса баъзе нофаҳмиҳо вуҷуд доранд. Аввалаш ин ки дар шаҷараи Баниҷуриён, ки Ғ.Ғоибов дар асоси маълумоти сарчашмаҳо тартиб додааст,[1] Довуд ибни Абу Довуд ибни Аббос нест. Дар ин шаҷара танҳо Довуд ибни Аббос аст. Пай бурдан мумкин аст, ки Абу Довуд ибни Аббос ва Довуд ибни Аббос як шахсанд, чунки дар байни Баниҷуриён танҳо як нафар Аббос ном дорад ва он ҳам писари Ҳошим ибни Баниҷур мебошад. Дар ин сурат Довуд ибни Абу Довуд ибни Аббос абераи Баниҷур мебошад. Ин дар ҳолест, ки ал-Ҳориси писарамаки Довуд набераи Бик аст. Агар фарз кунем, ки Бик бародари Баниҷур буд, пас ӯ бояд аз бародари худ хеле калонсолтар бошад. Агар ду номи мавриди назарро боло ва поён гузорем дараҷаи хешутабории онҳо чунин мешавад (Ҷадвали 15):

Ҷадвали 15

| 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|
| ал-Ҳорис | ибни Асад | ибни Бик |
| Довуд | ибни Абу Довуд | ибни Аббос |
| писарамак | бародарон | бародарон |
| | | |
| ал-Ҳорис | ибни Асад | ибни Бик |
| Довуд | ибни Абу Довуд | ибни Аббос |
| писарамак | писарамак | бародарон |
| | | |
| ал-Ҳорис | ибни Асад | ибни Бик |
| Довуд | ибни Абу Довуд | ибни Аббос |
| писарамак | писарамак | писарамак |

Дар инҷо нофаҳмоӣ вуҷуд дорад, чунки падарон ва бобоҳои ду нафари аввал ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонистанд бо ҳам бародар бошанд. Ягона ҳолати имконпазир писарамак будани Бик ва Аббос аст, дар ин ҳолат падари Бик метавонист бародари Баниҷур бошад. Дар ҳар сурат ин мушоҳидаи Ғ. Ғоибов хеле муҳим буда, ба сулолаи Баниҷуриён алоқамандӣ доштани Бик ва фарзандони ӯро бо далели мушаххас собит сохт.

---

[1] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С.222.

## Шохаи Довуд ибни Баниҷур

Мутобиқи ахбори сарчашмаҳои хаттӣ яке аз бародарони Баниҷур Довуд ном доштааст. Мутобиқи хабари ал-Яъқубӣ, ки ин хабарро Беленитский А.М. баррасӣ кардааст, Довуд дар дарбори халифа ал-Маъмун хизмат мекард ва соли 821 ҳокими ҷануби Эрон ва Баҳрайн таъин гардидааст.[1] Мутобиқи маълумоти ат-Табарӣ писари Довуд ибни Баниҷур Ҳотам дар ҳодисаи соли 251/865 ҳамчун тарафдори халифа ал-Муътаз (соли 252/866 – 255/869) иштирок кардааст.[2] Ал-Яъқубӣ шаҳрҳои Қубодиён ва Юзро мамлакати Ҳотам ибни Довуд ва шаҳрҳои Вахш, Ҳаловард, Фоманк, Андичароғ ва Рустои Бекро мамлакати Ҳорис ибни Асад ибни Бек номидааст.[3] Ин ду нафар-ҳам падар ва ҳам писар дар дарбори халифа хизмат мекарданд ва дар Хуттал ҳоким набудаанд.

Ҷадвали 16

**Шохаи Аҳмад ибни Баниҷур**

| № | Номи ҳоким | Ҷойи ҳукмрониаш | Сол | Тавзеҳот |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Абу Довуд ибни Аҳмад | Хуттал, Тахористон, Ҷузҷон, Тирмиз | 892-893 | Аз рӯи сарчаш-маҳо. |
| 2 | Аҳмад ибни Абу Довуд | Андароба Балх Бомиён Термез | 288, 290, 292, 293, 294 ҳ.қ. | Аз рӯи сик-каҳо. |
| 3 | Абу Ҷаъфар ибни Аҳмад | Хуттал, Маъдин, Балх, Вахш | 306-315 г.х | Дар дирҳамҳо номи Ҷаъфар бе вожаи Абу навишта шудааст. |
| 4 | Ҷаъфар ибни Абу Ҷафар ибни Абу Довуд | Хуттал | 318/930 | Аз рӯи сарчашмаҳо. |
| 5 | Аҳмад ибни Ҷаъфар | Хуттал | 947 | Аз рӯи сарчашмаҳо. |

[1] Беленицкий А. М. Историко географический очерк Хутталя.- С.125.
[2] Табарӣ, Муҳаммад ибни Ҷарир. Таъриху-р-русули ва-л-мулук/Мутарҷим А. Поянда.- Душанбе, Ҷ. 14, 2014.- С. 5391
[3] - – – .

Шохаи Аҳмад ибни Баниҷур аз ҳама калонтар буда, мувофиқи маълумоти аз сарчашмаҳо овардаи А. М. Беленитский ва Ғ. Ғоибов 5 намояндаро дар бар мегирифт (Ҷадвали 16). Дар бораи худи Аҳмад ибни Баниҷур ва ҳукмронӣ кадом кишвар будани ӯ сарчашмаҳои хаттӣ маълумот наоварданд, аммо дар бораи фарзандони ӯ маълумот мавҷуд аст. Писари ӯ Абу Довуд ибни Аҳмад баъди дар соли 870 вафот кардани ҳокими Балх Довуд ибни ал-Аббос, ки набераи Баниҷур буд, ҳокими Балх мешавад. Ҳокимият минбаъд дар Хуттал, Балх ва якчанд вилояти дигар ба дасти фарзандони Аҳмад мегузарад. Яъне ҳокимият аз дасти фарзандони Ҳошим ба дасти фарзандони Аҳмад - аз як шохаи Баниҷуриён ба шохаи дигараш мегузарад. Аз панҷ намояндаи ин шоха 4 нафарашон ҳокими Хуттал будаанд. Танҳо як нафари онҳо - Аҳмад ибни Абу Довуд ҳокими Балх, Андароба, Тирмиз ва Бомиён буда, дар Хуттал ҳукмронӣ накардааст. Дар сарчашмаҳои хаттӣ дар бораи ӯ ҳеҷ гуна маълумот оварда нашудааст. Ҳукмронии ӯ дар шаҳрҳои дар боло номбар шуда аз рӯи сиккаҳо муайян карда шудааст.[1] Сабаби хомӯшии сарчашмаҳо дар бораи ин шахс, ки дар як вақт ҳокими чор шаҳру вилоят, аз ҷумла Балх барин шаҳри калону бонуфуз будааст, маълум нест. Дар бораи ӯ танҳо сиккаҳо маълумот медиҳанд ва мо мебинием, ки сиккаҳо маълумоти сарчашмаҳои хаттиро бо санадҳои нав ва муҳим пурра мекунанд. Дар асоси сиккаҳо маълум мегардад, ки баъди Абу Довуд ибни Аҳмад ҳокимият дар Хуттал ба дасти намояндаи шохаи дигари Баниҷуриён набераи Бик ал-Ҳорис ибни Асад мегузарад, дар бораи ӯ мо дар боло гуфта гузаштем. Аммо бо эҳтимоли зиёд ҳукмронии ӯ пурра мустақил набуда, алалхусус дар 293/907 ӯ дар тобеияти ҳам амири сомонӣ ва ҳам Ҷаъфар ибни Аҳмад буд. Аммо дирҳамҳои соли 294-296/906-909 Хуттал аз номи ал-Ҳорис ибни Асад ва Исмоил ибни Аҳмад зарб шудаанд ва дар онҳо номи Ҷаъфар ибни Аҳмад навишта нашудааст. Шояд ин аз он шаҳодат диҳад, ки дар ин солҳо ал-Ҳорис ибни Асад Хутталро дар зери итоати танҳо амири Сомониён Исмоил ибни Аҳмад идора мекард.

[1] Беленицкий А. М. Историко географический очерк Хутталя. -С. 125-126.

Намояндаи дигари шохаи Аҳмад ибни Баниҷур ин Ҷаъфар ибни Аҳмад мебошад. Дар бораи ӯ сарчашмаҳои хаттӣ маълумот надодаанд. Аз рӯи сиккаҳо ӯ дар солҳои 306-315/918-928 ҳокими Хуттал будааст ва дар инҷо аз номи худ ва номи амири сомонӣ дирҳам баровардааст.[1] Дар Ганҷинаи Кӯлоб 434 дирҳами ӯ мавҷуд аст, ки аз миқдори умумӣ 30,9% ва аз миқдори умумии сиккаҳои зарби Хуттал 74,8 % ташкил карда, аз рӯи миқдор дар ҷои аввал меистанд. Онҳо дар Хуттал, Вахш, Балх ва Маъдин зарб шудаанд. Дар Балх ӯ баъди падараш Аҳмад ибни Абу Довуд ҳукмрон шудааст. Аз соли 306/918-919 дар Хуттал ҳокимият ба дасти ӯ мегузарад. Вахш аз рӯи ахбори ал-Яъқубӣ мулки хонаводагии Ҳошим ибни Баниҷур, яъне бобокалони ӯ будааст.[2]

Дар Ганҷинаи Кӯлоб сиккаҳое ҳастанд, ки дар бораи шаҷараи Баниҷуриён маълумоти нав медиҳанд. Дар дирҳамҳои дар Вахш дар соли 312 / 924-925 зарбшуда (Феҳрист № 664-665, 667) номи Ҷаъфар ибни Муҳаммад навишта шудааст. Ва дар як намуд дирҳамҳои дар ҳамин соли 312 / 924-925 дар Хуттал зарбшуда (Феҳрист № 826, 828) номи Ҷаъфар ибни Аҳмад ибни Муҳаммад навишта шудааст. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки ин шахс ва Ҷаъфар ибни Аҳмад як одаманд ё шахсони гуногун. Дар ин росто фарз кардан мумкин аст, ки ва як шахсанд. Дар мавриди мувофиқат накардани номи бобои ӯ, ки аз рӯи сарчашмаҳои хаттӣ Абу Довуд будааст, чунин фарзияро пешниҳод кардан мумкин. Абу Довуд кунияи бобои Ҷаъфар ибни Аҳмад буда, номи ӯ Муҳаммад будааст ва дар дирҳамҳои Вахш номи аслии ӯ навишта шудааст. Агар ин фарзияро қабул кунем, пас дар мавриди номи метавонем гӯем, ки он низ ба Ҷаъфар ибни Аҳмад мансуб аст, фақат дар он номи падараш афтида номи бобояш навишта шудааст. Ин фарзияро он чиз низ тасдиқ мекунад, ки аз 4 дирҳами Вахш, ки дар Ганҷинаи Кӯлоб мавҷуданд ва ҳамашон дар соли 312/ 924-925 зарб шудаанд, дар 3 донааш ва дар як донааш навишта шудааст.

[1] Беленицкий А. М. Историко географический очерк Хутталя. - С.126; Довудӣ Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - С.182-185.

[2] Беленицкий А. М. Историко географический очерк Хутталя. - С.126; Довудӣ Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - С.186.

Имконияти шахсони гуногун будани дорандагони ин номҳо, хеле кам аст ва як далелаш он аст, ки аксари дирҳамҳои Хуттал дар Ганҷинаи Кӯлоб дар соли 312/924-925 аз номи Ҷаъфар ибни Аҳмад зарб шудаанд ва танҳо дар ду дирҳам номи Ҷаъфар ибни Аҳмад ибни Муҳаммад навишта шудааст.

Дар робита бо шаҷараи Баниҷуриён якчанд ҳокимони номашон дар дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб бударо бояд таҳлил ва баррасӣ кард. Дар як дирҳами Балхи соли 307/919-920 зарбшуда номи "Аҳмад ибни Муҳаммад" ва дар як дирҳами дар Андароба (соли зарб судда шудааст) зарбшуда номи Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Яҳё навишта шудааст. Номи ин ду шахс дар байни намояндагони хонаводаи Баниҷуриён дар сарчашмаҳои хаттӣ ёд нашудаанд. Солҳои 233 - 259/847-873 дар Балх набераи Баниҷур Довуд ибни Ал-Аббос ҳукмрон буд. Баъди ӯ дар Балх кӣ ҳукмрон буд, ба мо маълум нест. Дар соли 279/892-3 дар сарчашмаҳо писари Аҳмад ибни Баниҷур Абу Довуд ибни Аҳмад ҳамчун ҳокими Тахористон, Ҷузҷон, Хуттал ва Тирмиз номбар шудааст. Аммо маълум нест, ки дар Балх низ ӯ ҳукмрон буд ё шахси дигар. Писари ӯ Аҳмад ибни Абу Довуд дар соли 292/904-905 дар Балх дирҳам баровардааст.[1] Аммо оғозу анҷоми ҳукмронии ӯ дар Балх маълум нест. Соли 306/918-19 дар Балх Аҳмад ибни Саҳл, ки бо хонаводаи Баниҷуриён алоқамандӣ надошт, ҳукмрон буд. Соли 307/919-920 дар Балх "Аҳмад ибни Муҳаммад" ҳукмронӣ кардааст. Мо дар боло дида будем, ки ҳамин ном дар таркиби номи Ҷаъфар ибни Аҳмад ибни Муҳаммад омада буд ва мо фарз карда будем, ки эҳтимол номи Муҳаммад ба бобои Ҷаъфар Абу Довуд ибни Аҳмад ибни Баниҷур тааллуқ дошт. Дар робита бо номи низ фарз кардан мумкин аст, ки он ба Аҳмад ибни Абу Довуд мансуб аст, яъне дар ин ҷо ба ҷои кунияи Абу Довуд номаш Муҳаммад омадааст. Ин Аҳмад ибни Абу Довуд ҳокими Балх буд ва дар соли 292/904-05 дар Балх сикка баровардааст. Сиккаҳое ҳастанд, ки аз номи ӯ дар Андароба дар соли 294/906-07 зарб шудаанд. Дар ин асос фарз кардан мумкин аст, ки

[1] Беленицкий А. М. Историко географический очерк Хутталя. - С.126; Довудӣ Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - С.125.

ҳукмронии ӯ дар Балх низ метавонист то соли 294/906-07 давом кунад. Дирҳамҳои баъди ин сол бо номи ӯ зарбшуда маълум нестанд. Биноан маълум нест, ки ҳукмронии ӯ дар Балх баъди ин сол ҳам идома ёфт ё қатъ гардид. Агар мо як шахс будани Аҳмад ибни Абу Довуд ва Аҳмад ибни Муҳаммадро қабул дошта бошем, пас ӯ бояд баъд аз соли 294/906-07 ва то соли 305/917-18 низ дар Балх ҳукмронӣ карда бошад ва баъди ҳукмронии яксолаи (306 ҳ.қ.) Аҳмад ибни Саҳл вай соли 307/919-920 бояд аз нав ҳокими ин шаҳр шуда бошад. Соли 309/921-22 писари ӯ Ҷаъфар ибни Аҳмад ҳокими Балх шуда то соли 314/926-27 ҳукмронӣ кардааст. Фарзияи дигар он аст, ки Аҳмад ибни Муҳаммад шахси дигар аст ва ба сулолаи Баниҷуриён нисбат доштан ва надоштанаш маълум нест. Дар зимн бояд ёдовар шавем, ки ҳокими Чағониён Абу Алӣ ибни Муҳаммад ном дошт. Ӯ бо супориши Сомониён соли 930 исёни ҳокими Хуттал Абу Ҷаъфар ибни Ҷаъфарро пахш карда буд. Шояд ҳокими Балх Аҳмад ибни Муҳаммад, ки номаш дар сиккаҳо дарҷ шудааст, бародари ӯ бошад.

Шарҳи номи Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Яҳё, ки ҳокими Андароба будааст, низ мушкил аст. Тавре ки мебинем, қисми аввали ин ном бо номи як аст, аммо номи сеюмаш фарқ мекунад. Ин номро мо наметавонем ба Аҳмад ибни Абу Довуд нисбат диҳем, чунки номи бобои ӯ Аҳмад аст, на Яҳё. Ибн ал Асир дар робита бо ҳодисаҳои соли 930 Абу Закариё Яҳёро, ки зидди Сомониён ошӯб бардошта буд, ёд мекунад. Аммо маълум нест, ки ин Яҳё бо Яҳёи дар дирҳамҳои Андароба навишта шуда ягон иртибот дорад ё не. Шояд ва ҳокими Балх як шахс бошанд ва ӯ, тавре ки мо дар боло фарз кардем, бародари Абу Алӣ ибни Муҳаммади чағониёнӣ бошад.

Мувофиқи хабари Ибн ал-Асир дар соли 930 Абу Ҷаъфар ибни Ҷаъфар ибни Абу Довуд, ки дар Хуттал аз номи Сомониён ҳукмронӣ мекард, исён мебардорад, аммо шикаст хӯрда асир меафтад ва як муддат дар зиндон ба сар мебарад. Ӯро Абу Закариё Яҳё, ки зидди Сомониён шӯриш бардошта буд, аз зиндон озод мекунад. Баъди ин ӯ боз ба Хуттал баргашта ҳукмронии худро зери сарпарастии Сомониён идома медиҳад. Ба фикри А.М.Беленитский дар

сарчашма хато шудааст, чунки Ҷаъфар ибни Ҷаъфар набераи Аҳмад буд на аз Абу Довуд.[1]

Ибн ал-Асир номи охирин намояндаи сулолаи Баниҷуриён Аҳмад ибни Ҷаъфарро дар робита бо ҳодисаҳои Хуттал дар соли 947 ёд кардааст. Ӯ ба ҳокими Чағониён Абу Алӣ ибни Муҳаммад, ки бар зидди Сомониён исён бардошта буд, ёрӣ мерасонад.[2] Сулолаи Баниҷуриён тақрибан дар солҳои 818-821 дар Хуттал ба сари ҳокимият омада, то миёнаҳои асри Х дар сари қудрат буданд. Аз ахбори сарчашмаҳои хаттӣ бармеояд, ки ин сулолаи маҳаллӣ намояндагони зиёд дошта, на танҳо дар Хуттал, балки берун аз он дар Балх, Тахористон, Андароба, Маъдин, Тирмиз ҳукмронӣ кардаанд. Яке аз намояндагони Баниҷуриҳо Довуд ибни Баниҷур як муддат волии Мовароуннаҳр буд.[3] Намояндагони ин сулола дар дарбори халифа низ соҳиби мансабҳои калон буданд. Тавре ки А. М. Беленитский[4] гуфтааст, ба сари қудрат омадани Баниҷуриён бо падидаи ба сари ҳокимият омадани сулолаҳои маҳаллии тоҷикони Хуросону Мовароуннаҳр вобаста буд. Халифа Ҳорун ар-Рашид писари миёнагиаш Аминро валиаҳд ва писари калониаш Маъмунро, ки модараш эронӣ буд, волии Хуросон таъин мекунад. Мувофиқи васияти Ҳорун ар-Рашид баъди ал –Амин бояд бародараш Маъмун халифа мешуд. Аммо ал – Амин васияти падарро поймол карда бар зидди бародараш иғвоандозӣ ва душманиро пеш мегирад. Ал-Маъмун баъди дар соли 193/808-09 волии Хуросон шудан, дар атрофи худ ашрофони маҳаллӣ, яъне тоҷикон ва эрониёни Хуросону Мовароуннаҳрро ҷамъ карда, бо ёрии онҳо шӯриши хатарноки Рофеъ ибни Лайсро дар Самарқанд пахш мекунад. Маъмун дар муборизааш барои ба даст даровардани тахти хилофат низ ба лашкари тоҷикону эрониён такя мекард. Ин лашкар бо сарварии Тоҳир ибни Ҳусайн соли 813 пойтахти хилофат шаҳри Бағдодро забт намуда, халифа Аминро сарнагун карда, ба ҷояш Маъмунро ба тахти хилофат шинонд. Сулолаҳои тоҷикии Тоҳириён, Сомониён ва дар ин

---

[1] Беленицкий А. М. Историко географический очерк Хутталя. - С.126; Довудӣ Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - С.126.
[2] Ҳамон ҷо. - С. 126
[3] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғ оз то имрӯз. - С.221.
[4] Беленицкий А. М. Историко географический очерк Хутталя. - С.126.

қатор Баниҷуриёни Хуттал низ дар ҳамин давра барои хизматҳояшон ба Маъмун соҳиби қудрат шуданд.

Дар асоси насаби асосгузори он Ҳошим ибни Баниҷури Хутталӣ гуфтан мумкин аст, ки онҳо зодаи Хуттал буданд. Баъзе олимон калимаи Баниҷурро туркӣ мешуморанд, аммо дар ин бора далели қотеъ нест. Ин калима дар сарчашмаҳо ба тарзи гуногун навишта шудааст ва онро дигар хел низ хондан мумкин аст. Масалан, Ғ. Ғоибов онро Бойинчур ё Моҳҷур хондааст. Бисёриҳо аз будани вожаи "ҷур", ки онро шакли арабишудаи вожаи туркии "чур" мешуморанд, ба чунин хулоса омадаанд. Ба андешаи мо танҳо дар асоси ин вожа, турк шумурдани шоҳони Хатлон чандон дуруст нест. Аз сӯйи дигар вожаи чур, метавонад туркӣ ҳам набошад. Дар робита ба ин масъала Ғ. Ғоибов менависад, ки шояд шоҳони Хуттал дар зери таъсир афтода, баъзе номҳо ё аниқтараш унвонҳои туркиро қабул карда бошанд.[1] Бояд дар назар дошт, ки дар ягон сарчашма дар бораи турк будани Баниҷуриён чизе гуфта нашудааст. Дар қаламрави ҳукмронии онҳо аксарияти мутлақи аҳолиро тоҷикон ташкил мекарданд ва забони давлатӣ ва илму адаб тоҷикӣ буд.

Вобаста ба мавзуи мазкур хабари Ибни Асир доир ба интисобҷӯии шоҳи Хатлон хеле муҳим аст. Ибни Асир чунин овардааст:

.

Яъне, "Гуфтор андар муҳосира кардани ҳокими Хутталон Тирмизро, баргашт ва марги ӯ. Дар моҳи раҷаби ҳамин сол (соли 553/1158) Абу Шуҷоъ Фаррухшоҳ, ки **худро аз фарзандони Баҳроми Гӯр** меҳисобид, подшоҳ гардид, ки ёде аз ӯ дар рӯзгори Кисрои Парвиз ва рафтанаш ба сӯи Тирмиз ва иҳотаи он гузашта буд".[2]

[1] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - С.206.

[2] -

Аз рӯи ин ахбор ҳокимони Хатлони асри XII худро аз авлоди Баҳроми Гӯр мешумурданд[1]. Донишманди рус А. Янин Ҷаъфар ибни Аҳмадро низ, ки номаш дар дирҳамҳои Хуттал зикр шудааст, аз авлоди Баҳроми Гӯр мешуморад[2]. Дар тақвияти фикри ин олими рус бо эҳтимоли зиёд гуфтан мумкин аст, номи ин хонадони ҳокимони Хатлон дар аввал шакли тоҷикии Банигуриён дошта, сипас тадриҷан ба шакли арабӣ- Баниҷуриён табдил меёбад. Суханони Ибни Асир дар бораи худро аз авлоди Баҳроми Гӯри Сосонӣ донистани шоҳони Хатлон дар бораи тоҷик ва эронинажод будани Баниҷуриёни Хатлон гувоҳӣ медиҳад. Аз эҳтимол дур нест, ки қисми охири номи Баниҷуриён калимаи "ҷур" шакли арабишудаи номи "гӯр" - Баҳроми Гӯр бошад. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки дар ягон сарчашма дар бораи турк будани Баниҷуриён чизе гуфта нашудааст. Дар қаламрави ҳукмронии онҳо аксарияти мутлақи аҳолиро тоҷикон ташкил мекарданд ва забон ва илму адаб тоҷикӣ буд. Дар асоси ин гуфтаҳо хулоса кардан мумкин аст, ки шоҳони Хуттал дар асрҳои IX-X, яъне дар давраи Сомониён аз хонаводаҳои бонуфузи тоҷикони маҳаллӣ буданд. Бинобар ин кӯшиши турктабор нишон додани Баниҷуриёни Хатлон аз ҷониби баъзе олимон, аз ҷумла аз ҷониби Ш. С. Камолиддин,[3] ки дар чанд соли охир барои турксозии Сомониён низ саъю талоши зиёд намудааст, асоси илмӣ надорад.

Дар таркиби дирҳамҳои Хуттали Ганҷинаи Кӯлоб аз ҳама бештар дирҳамҳои Ҷаъфар ибни Аҳмади Баниҷурӣ мавҷуд буда, онҳо илова бар сарчашмаҳои хаттӣ доир ба таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни таърихи даврони Сомониён сарчашмаи муҳими таърихӣ буда, аз мақому манзалати баланди хонадони тоҷиктабор ва маҳаллии Хатлон - Баниҷуриён дарак медиҳанд.

Дар Ганҷинаи Кӯлоб дирҳамҳои 12 зарробхонаҳои сомонӣ мавҷуданд. Аксари онҳо маълуманд, аммо дар байни онҳо як зарробхонаи нав - Вахш

---

[1] Ибн ал – Асир. Ал-Камил Фи-т-та`рих. Полный свод истории. Избранные отрывки / Ибн ал-Асир; Пер. с араб. яз., прим. и коммент. П. Г.Булгакова; Доп. к пер., прим. и коммент., введ. и указ. Ш. С. Камолиддина; Отв. ред. М. Исхоков; АН РУз, Ин-т востоковедения им. Абу Райхана Беруни. -Ташкент, 2006. –С. - .

[2] Янина С. А. Нервский клад куфических монет X века/МИА.- Москва,№55, 1956.- С. 190

[3] Камолиддин Ш. С., Илхамов З. А. Саманиды: Из истории государственности Узбекистана в IX-X вв.- Ташкент, 2018- С. 191.

кашф карда шуд. Якчанд зарробхонаҳое ҳастанд, ки баҳсбарангез мебошанд ва дар бораашон маълумот кам аст. Ба ин қатор Маъдин, Суғд ва Хуттал дохил мешаванд. Маъдинро баъзе олимон ба Шош нисбат медиҳанд. Бинобар хеле зиёд будани дирҳамҳои ин зарробхона дар Ганҷинаи Кӯлоб мо онро ба шаҳри Панчҳир, ки дорои кони калони нуқра буд, нисбат додем. Зарробхонаи Суғд эҳтимол дар шаҳри Самарқанд ё Кеш ва ё Нахшаб ҷойгир буд. Ҷои зарробхонаи Хуттал то ҳол аниқ нест ва эҳтимол он дар пайтахти он - шаҳри Ҳулбук ҷойгир буд.

Дар бораи сулолаи хутталии Баниҷуриён сарчашмаҳои хаттӣ ва сиккаҳо маълумот медиҳанд ва ин маълумотҳо аз ҷониби А. М. Беленитский, Р. Фасмер, Ғ. Ғоибов, Д. Довудӣ ва дигарон таҳлил ва баррасӣ шудаанд. Намояндагони ин сулола на танҳо дар Хуттал, балки дар Балх, Маъдин ва Андароба низ ҳукмронӣ кардаанд. Дар Ганҷинаи Кӯлоб номи намояндагони қаблан маълумнабудаи ин сулола ошкор карда шуданд.

# БОБИ III
# СИККАСОЗӢ ВА МУОМИЛОТИ ПУЛИИ ХАТЛОН ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН (АСРҲОИ IX- X)

## 1. Даврабандии муомилоти пулии Хатлон дар асрҳои IX-X

Ганҷинаи Кӯлоб барои омӯзиш ва баррасии сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ дар Хатлони замони Сомониён, яъне дар асрҳои IX-X маводи муҳимро дар бар мегирад. Сарчашмаи асосӣ барои омӯзиши ин мавзуъ сиккаҳои сомонии дар ҳудуди вилояти Хатлон ёфтшуда мебошанд. Дуюмин сарчашмаи муҳим Феҳристи дирҳамҳои сомонии Хуттал аз бозёфтҳои Шветсия, мебошад, ки онро сиккашиноси маъруф Г. Рисплинг тартиб додааст ва дастнависи он дар китоби Д. Довудӣ оварда шудааст.[1] Ва сарчашмаи хеле муҳим Ганҷинаи Кӯлоб мебошад.

То имрӯз дар ҳудуди Хатлон 6 ганҷинаи нисбатан хурд ва 1 ганҷинаи бузурги дирҳамҳои сомонӣ-Ганҷинаи Кӯлоб ёфт шудааст. Аз онҳо 6 ганҷинаашро Д. Довудӣ таҳқиқ ва нашр кардааст,[2] Ганҷинаи Кӯлобро мо мавриди омӯзиш ва нашр қарор додем. Дар зер тавсифи мухтасари ин ганҷинаҳо пешниҳод мешванд:

1. Аҳмад ибни Исмоил ва Наср ибни Аҳмад. Шош, соли 300/912-913 Шумора: 1 дирҳами пурра ва 8 пора. Ҷойи бозёфт – дар яке аз ноҳияҳои назди соҳили дарёи Панҷ дар ҷануби Тоҷикистон. Нуқра. Соли бозёфт – 1990. Ҷойи нагоҳдошт – ОМБТ, шаҳри Душанбе, Инв. № Н589.
2. Наср ибни Аҳмад. Андароба (9 дона), Самарқанд (8 дона), Маъдин (4 дона). Солҳо – 300/912-13; 306/918-19;308/920-21; 315/927-28; 318/930; 320/932; 325/936-37. Шумораи умумии ганҷина маълум нест, 22 донаашро Д. Довудӣ ташхис кардааст, 10 донааш дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд, тақдири сиккаҳои

[1] Довуди Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - Душанбе, 2006. - С.178-192.
[2] Довуди Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - Душанбе, 2006. - С.194-199, Д. Довуди. Монетные клады Таджикистана. - Душанбе, 2009. - С.111.

боқимонда дақиқ маълум нест – ё онҳо  дар дасти мардум ва сиккаҷамъоварон мебошанд ё заргарон аз онҳо зевар сохтаанд.

3. Дирҳамҳои калони сомонӣ  (2 пурра ва 12 пора) ва дирҳамҳои муқаррарии ғазнавӣ (4 пурра ва 2 пора). Нуҳ ибни Наср. Андичароғ? Султон Маҳмуд 396/1005-06. Нуқра. Ҷойи бозёфт – бостоншаҳри Қайнар, деҳаи Навобод, ноҳияи Восеъ. Бозёфти тасодуфӣ. Соли бозёфт – 1987. Ҷойи нагоҳдошт – ОМБТ, шаҳри Душанбе, Инв. № Н541.
4. Дирҳами калони сомонӣ, чор пораи як дирҳам ва ду пораи дирҳамҳои ғазнавӣ. Нуқра. Ҷойи бозёфт – бостоншаҳри Золи Зар, д. Лағмон, н. Колхозобод (ҳозира Ҷалолиддини Балхӣ). Бозёфти тасодуфӣ. Соли бозёфт  – 1997. Ҷойи нагоҳдошт – ОМБТ, шаҳри Душанбе, Инв. № Н338.
5. Сомониён, дирҳамҳои калон (19 пурра ва 5 пора) ва дирҳамҳои муқаррарии ғазнавӣ (12 дона). Дар дирҳамҳои калон - Ал-Музаффар Абд ал-Малик (1 дона), Ал-Музаффар ибни Абд ал-Малик (1дона), дар дирҳамҳои боқимонда навиштаҷот суда шудааст. Сол – 410/1019-20 (дар 1 дона). Маҳмуд, 394/1003-04; 421/1030. Дар 1 дирҳам Валволиҷ (Қундуз).
6. Сомониён, дирҳам. 5 донаашонро Д. Довудӣ ташхис кардааст, аммо тавсифи мушаххаси онҳоро наовардааст. Ба гуфти шахси сиккаҳоро барои ташхис оварда, дар ин ганҷина зиёда аз 100 сикка будааст. Нуқра. Ҷойи бозёфт – н. Фархор. Бозёфти тасодуфӣ. Соли бозёфт  – 1992. Ҷойи нагоҳдошт – ?
7. Сомониён, Аббосиён, Сафориён. 1405 дона. Исмоил ибни Аҳмад, Аҳмад ибни Исмоил, Наср ибни Аҳмад. Ҷойи бозёфт – 2 км дуртар аз деҳаи Бодомтуи ноҳияи Ш. Шоҳин. Бозёфти тасодуфӣ. Соли бозёфт  – 2015. Ҷойи нигоҳдошт – ОМТ, КВ-15409,  шаҳри Душанбе.

Аз ин 7 ганҷина 2-тояш, ки нисбатан калон буда, даҳҳо дирҳамро дар бар мегирифтанд, пурра омӯхта нашуданд ва боқӣ намондаанд. Дар ганҷинаҳо асосан дирҳамҳои се амири сомонӣ – Исмоил ибни Аҳмад, Аҳмад ибни Исмоил

ва Наср ибни Аҳмад мавҷуданд. Бозёфти ин ганҷинаҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дирҳамҳои сомонӣ дар ҳудуди Хатлон ба дараҷаи кофӣ паҳн шуда буданд ва воситаи асосии муомилоти пулӣ буданд.

Дар баробари дирҳамҳо дар муомилоти пулӣ фалсҳои сомонӣ низ ширкат мекарданд. Дар ин бора бозёфти ду фулуси сомонӣ дар Ҳулбук ва як фалс дар наздикии шаҳри Бохтар (собиқ ш. Қӯрғонтеппа) шаҳодат медиҳанд.[1] Ҷолиб он аст, ки фулуси сомонӣ дар зарробхонаи Хуттал зарб шудаанд. Дар бораи онҳо мо поёнтар боз хоҳем навишт.

Д. Довудӣ муомилоти пулии Хуттали замони Сомониёнро ба се давра тақсим кардааст:[2]

1. Солҳои 270 - 284/883-897.
2. Солҳои 284-322/897-934.
3. Баъди соли 322/933-934.

Мо низ ба ҳамин даврабандӣ такя карда, муомилоти пулии Хутталро таҳлил ва баррасӣ менамоем.

**Давраи якуми муомилоти пулӣ дар Хуттал**

Қадимтарин сиккаи дар Хуттал дар замони Сомониён зарб шуда, ба соли 270/883-84 тааллуқ дорад. Он дирҳам буда, дар Феҳристи Г. Рисплинг оварда шудааст.[3] Дар ин дирҳам номи ҳокими Хуттал Асад, номи халифа ал-Муътамид ва ном ё калимаи мансубияташ номаълум Ҳумайд навишта шудааст. Дар ин сикка номи падари Асад навишта нашудааст, аммо аз сарчашмаҳои хаттӣ маълум аст, ки падари ӯ ҳокими шаҳри Рустак (ё Русток) шахсе бо номи Бик будааст.[4] Тавре ки дар боло гуфтем, Рустоқ дар соҳили чапи дарёи Панҷ ҷойгир буда, ба ҳайати Хуттал дохил мешуд. Ин ягона дирҳами ин ҳокими Хуттал аст, ки то кунун дастрас гардидааст. Солҳои минбаъда ӯ сикка набаровардааст, дар ҳар сурат ингуна сиккаҳо ёфт нашудаанд.

---

[1] Довуди Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. -Душанбе, 2006. - С.199.
[2] Ҳамон ҷо. - С.177-178.
[3] Rispling G. Katalog samanidischen dirhams in schwedischen Funden und diversen Samlungen.Unvero Aentlicht- 1996.
[4] – –

## Давраи дуюми муомилоти пулӣ дар Хуттал
## (солҳои 284/897-322/934)

Зарби нисбатан мунтазами сикка дар Хуттал дар давраи ҳукмронии ал-Ҳорис ибни Асад сар мешавад. Аз номаш маълум аст, ки ӯ писари Асад будааст. Дар ин бора шубҳае вуҷуд дошта наметавонад, чунки ҳардуи ин шахс дар Хуттал ва пас аз якдигар ҳукмронӣ кардаанд. Қадимтарин сиккаи дар Хуттал зарби ал-Ҳорис ибни Асад ба соли 284/897 мансуб аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки ӯ маҳз дар ҳамин сол ба сари ҳокимият омдааст. Усулан ӯ метавонист аз ин сол пештар ҳам ба сари ҳокимият ояд, чунки зарби сикка дар он солҳо дар Хуттал мунтазам набуд. Баъди ин мутобиқи Феҳристи Г. Рисплинг ин ҳоким дар Хуттал дар солҳои 285/898, 289/901-902, 292/904-904, 293/905-906, 294/906-907, 296/908 дирҳам баровардааст. Ӯ ҳамчунин дар шаҳри Андичароғи Хуттал низ дар соли 292/904-905 ва 293/905-906 дирҳам баровардааст.

Дар Ганҷинаи Кӯлоб 10 дирҳами ал-Ҳорис ибни Асад мавҷуд аст. Дар ҳамаи онҳо номи амири сомонӣ Исмоил ибни Аҳмад навишта шудааст. Ин маънои онро дорад, ки дар давраи ҳукмронии ал-Ҳорис ибни Асад Хуттал тобеъи давлати Сомониён будааст. Ҷолиб он аст, ки дар 5 дирҳам, ки соли 293/905-906 зарб шудаанд, дар баробари номи ал-Ҳорис ибни Асад, номи Ҷаъфар ибни Аҳмад низ навишта шудааст. Ин шахс, тавре ки дар боло ёдовар шудем, низ ҳокими Хуттал буда, баъди ал-Ҳорис ибни Асад ҳукмронӣ кардааст. Аз рӯи сиккаҳо ҳукмронии ӯ дар Хуттал аз соли 306/918-919 сар мешавад. Дар Феҳристи Г. Рисплинг 5 сикка бо номи Ҷаъфар ибни Аҳмад ва Наср ибни Аҳмад ҳаст, ки соли 302/914-915 зарб шудаанд. Ба фикри олими зикршуда дар ин сиккаҳо дар навишти сол иштибоҳ рух додааст ва шумораи даҳӣ, яъне ъашара афтидааст ва дар асл ин сиккаҳо дар соли 312 бароварда шудаанд, аммо маълум нест, ки дар кадом асос ӯ ба чунин хулоса омадааст ва чаро ин сиккаҳо наметавонанд ба соли 302 мансуб бошанд. Дар бораи дар соли 293/905-906 ҳокими Хуттал будани ин шахс ҳамроҳи ал-Ҳорис ибни Асад мо дар боло ишора кардем. Дар он сиккаҳои муштарак номи Ҷаъфар ибни Аҳмад дар пушти

сикка баъди номи амири сомонӣ омадааст ва ин маънои онро дорад, ки ӯ нисбат ба ал- Ҳорис ибни Асад мақоми баландтар доштааст. Чӣ қадар давом кардани ҳукмронии якҷояи ин ду нафар дар Хуттал маълум нест, чунки дар дирҳамҳои соли 294/906-907 ва 296/908-909 зарби ал-Ҳорис ибни Асад номи Ҷаъфар ибни Аҳмад навишта нашудааст. Шояд бо ягон сабаб ӯ аз мақомаш барканор карда мешавад ва ҳокимият дар Хуттал боз пурра ба дасти ал-Ҳорис ибни Асад мегузарад.

Ҷадвали 17

**Дирҳамҳои Хуттал аз Ганҷинаи Кӯлоб**

| Амири сомонӣ | Ҳокими Хуттал | Халифа | Соли ҳиҷрӣ | Шумораи сиккаҳо |
|---|---|---|---|---|
| Исмоил ибни Аҳмад | ал-Ҳорис ибни Асад | ал-Муктафӣ | 293 | 5 |
| Исмоил ибни Аҳмад | ал-Ҳорис ибни Асад Ҷаъфар ибни Аҳмад | ал-Муктафӣ | 293 | 5 |
| Исмоил ибни Аҳмад | - | ал-Муктафӣ | 293 | 2 |
| Наср ибни Аҳмад | Ҷаъфар ибни Аҳмад | ал-Муктафӣ | 302 | 3 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муктафӣ | 306 | 1 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муктафӣ | 310 | 73 |
| Наср ибни Аҳмад | Ҷаъфар ибни Аҳмад | ал-Муқтадир | 310 | 5 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муқтадир | 311 | 6 |
| Наср ибни Аҳмад | Ҷаъфар ибни Аҳмад | ал-Муқтадир | 311 | 13 |
| Наср ибни Аҳмад | Ҷаъфар ибни Аҳмад | ал-Муқтадир | 312 | 111 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муқтадир | 312 | 5 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муқтадир | 313 | 111 |
| Наср ибни Аҳмад | Ҷаъфар ибни Аҳмад | ал-Муқтадир | 313 | 86 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муқтадир | 314 | 139 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муқтадир | 315 | 1 |
| Наср ибни Аҳмад | Ҷаъфар ибни Аҳмад? | ал-Муқтадир | 315 | 1 |
| Наср ибни Аҳмад | Ҷаъфар ибни Аҳмад | ал-Муқтадир | 316 | 1 |
| Ҳамагӣ | | | | **568** |

Тавре ки мебинем, сикка задан дар давраи ҳукмронии ин ҳоким дар Хуттал, то ҷое мунтазам будааст. Миқдоран дирҳамҳои дар солҳои гуногун баровардаи ӯ тақрибан баробаранд (Ҷадвалҳои 17,18).

Ҷаъфар ибни Аҳмад сеюмин ҳокими Хуттал буд, ки аз номи худ сикка баровардааст. Дар Феҳристи Г.Рисплинг 18 дирҳами ин ҳокими Хуттал оварда шудааст, ки дар солҳои 306/918-919, 310-313 /922-926 зарб шудаанд.

Ҷадвали 18

**Дирҳамҳои Хуттал аз Феҳристи Г.Рисплинг[1]**

| Амири сомонӣ | Ҳокими Хуттал | Халифа | Соли ҳиҷрӣ | Шумораи сиккаҳо |
|---|---|---|---|---|
| - | Асад | ал-Муътамид Хамид | 270 | 1 |
| - | ал-Ҳорис ибни Асад | ал-Муътазид | 284 | 5 |
| - | ал-Ҳорис ибни Асад | ал-Муътазид | 285 | 4 |
| - | ал-Ҳорис ибни Асад | ал-Муътазид | 289 | 2 |
| Исмоил ибни Аҳмад | ал-Ҳорис ибни Асад | ал-Муътазид | 292 | 7 |
| Исмоил ибни Аҳмад | ал-Ҳорис ибни Асад | ал-Муктафӣ | 293 | 7 |
| Исмоил ибни Аҳмад | ал-Ҳорис ибни Асад, Ҷаъфар ибни Аҳмад | ал-Муктафӣ | 293 | 4 |
| - | ал-Ҳорис ибни Асад | - | 293 | 1 |
| Исмоил ибни | ал-Ҳорис ибни | ал-Муктафӣ | 293 | 5 |

[1] Довуди Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - С.178-190.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Аҳмад | Асад | | | Бе номи зарробхона |
| Исмоил ибни Аҳмад | ал-Ҳорис ибни Асад | ал-Муктафӣ | 294 | 4 |
| Исмоил ибни Аҳмад | ал-Ҳорис ибни Асад | ал-Муктафӣ | 296 | 2 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муқтадир | 306 | 1 |
| - | Ҷаъфар ибни Аҳмад | ал-Муқтадир | 306 | 1 |
| Наср ибни Аҳмад | Ҷаъфар ибни Аҳмад | ал-Муқтадир | 310 | 2 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муқтадир | 310 | 2 |
| Наср ибни Аҳмад | Ҷаъфар ибни Аҳмад | ал-Муқтадир | 302 (312) | 5 |
| Наср ибни Аҳмад | Ҷаъфар ибни Аҳмад | ал-Муқтадир | 312 | 6 |
| Наср ибни Аҳмад | Ҷаъфар ибни Аҳмад | ал-Муқтадир | 313 | 2 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муқтадир | 313 | 18 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муқтадир | 314 | 33 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муқтадир | 314 | 2 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муқтадир | 315 | 8 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муқтадир | (317) | 2 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Муқтадир | 320 | 2 |
| Наср ибни Аҳмад | - | ал-Қоҳир | 322 | 9 |

Дар Ганҷинаи Кӯлоб 220 дирҳами ин ҳокими Хуттал мавҷуд аст. Онҳо низ дар солҳои номбар шуда ба истисноии соли 306 ҳ.қ зарб шудаанд. Аммо дар Ганҷинаи Кӯлоб ду дирҳам бо номи ин ҳоким аст, ки яке аз онҳо дар соли 315/927-928 ва дуюмаш соли 316/928-929 бароварда шудаанд. Дар дирҳами соли 315 бинобар дузарба буданаш номи Ҷаъфар ибни Аҳмад дуруст намоён нест ва бинобар ин мансубияти он ба ҳокими мазкур саволбарангез аст. Аммо дар

дирҳами соли 316/928-929 номи ӯ хуб хонда мешавад. Ин намуд дирҳамҳо дар Феҳристи Г. Рисплинг нестанд ва дар бораи сикказании ин ҳокими Хуттал маълумоти нав мебошанд.

Аз рӯи Ганҷинаи Кӯлоб Ҷаъфар ибни Аҳмад аз ҳама бештар дар солҳои 312-313 дирҳам баровардааст. Дар ҳамаи сиккаҳои ӯ номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад низ навишта шудааст. Ин маънои онро дорад, ки ин ҳокими Хуттал тобеъи Сомониён буд ва Хуттал дар замони ҳукмронии ӯ, монанди замони ҳукмронии пешгузаштаи ӯ ал-Ҳорис ибни Асад ба ҳайати давлати Сомониён дохил мешуд. Ин нуктаро сарчашмаҳои хаттӣ низ таъкид кардаанд. Аз ҷумла Ибн ал-Асир дар бораи писари ин ҳоким Ҷаъфар ибни Абу Ҷаъфар гуфтааст, ки ӯ дар Хуттал аз номи Сомониён ҳукмронӣ мекард.[1]

Нуктаи дигари сазовори ёдоварӣ он аст, ки дар як миқдор дирҳамҳои дар як сол, масалан солҳои 310-313 бароварда шуда, номи ҳокими Хуттал Ҷаъфар ибни Аҳмад гузошта шудааст, аммо қисми дигарашон танҳо аз номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад зарб шудаанд. Таносуби миқдории ин дирҳамҳо гуногун аст, дар аксар маврид дирҳамҳои танҳо аз номи амири сомонӣ зарб шуда бештаранд ва дар баъзе маврид дирҳамҳои аз номи ҳокими Хуттал ва амири сомонӣ зарбшуда бештаранд. Дирҳамҳои соли 314 ҳ.қ. Хуттал пурра аз номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад зарб шудаанд. Агар дар маҷмуъ ҳисоб кунем аз 556 дирҳами Ганҷинаи Кӯлоб, ки дар давраи ҳукмронии Ҷаъфар ибни Аҳмад дар Хуттал дар солҳои 302-316 ҳ.қ  зарб шудаанд, 220 донааш ё 39,5 % аз номи Наср ибни Аҳмад ва Ҷаъфар ибни Аҳмад ва 336 донааш ё 60,4 % танҳо аз номи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад зарб шудаанд (Ҷадвали 17).

Дар мавриди Ҷаъфар ибни Аҳмад бояд ёдовар шавем, ки мутобиқи маълумоти сиккаҳо ӯ на танҳо ҳокими Хуттал, балки ҳамзамон ҳокими Вахш, Балх ва Маъдин низ будааст. Дар Ганҷинаи Кӯлоб дирҳамҳои дар ин шаҳрҳо аз номи ӯ зарбшуда, мавҷуданд.

---

[1] Беленицкий А.М. Историко географический очерк Хутталя. - С.126.

То кадом сол давом кардани ҳукмронии Ҷаъфар ибни Аҳмад дар Хуттал дақиқ маълум нест. Агар аз рӯи аксарияти дирҳамҳо гирем ҳукмронии ӯ то соли 313/925-926 идома ёфтааст. Дар Феҳристи Г. Рисплинг дирҳамҳои баъди ин сол аз номи Ҷаъфар ибни Аҳмад зарбшуда нестанд. Аммо дар Ганҷинаи Кӯлоб як дирҳаме аст, ки дар соли 315/927-928 дар Хуттал зарб шудааст ва дар он номи ҳоким дузарба ва нохоно мебошад. Мо ин дирҳамро тахминан ба Ҷаъфар ибни Аҳмад нисбат додем ва бо боварӣ гуфта наметавонем, ки ҳукмронии ӯ то соли 315/927-928 давом кардааст. Дар як дирҳами дигари Ганҷинаи Кӯлоб бо номи ин ҳоким соли 316 ҳ.қ хонда шуд, аммо ин хониш чандон боварибахш нест. Якдонагӣ будани ин дирҳамҳо низ дурустии соли онҳоро зери шубҳа мегузорад. Хулоса, дар мавриди то соли 316/928-929 давом ёфтани ҳукмронии Ҷаъфар ибни Аҳмад, то ёфт шудани дирҳамҳои хуби соли 315-316 ҳ.қ чизи дақиқе гуфтан мушкил аст.

Аз рӯи Феҳристи Г. Рисплинг дар Хуттал дар солҳои 320/932 ва 322/933-934 низ сикка баровардаанд, аммо дар онҳо номи ҳокимони Хуттал нестанд. Шояд баъди соли 313/925-926 ё баъди соли 316/928-929 бо сабаби аз итоат ба ҳукумати марказӣ сарпечӣ карданашон, ҳокимони Хуттал аз ҳуқуқи дар дирҳамҳо ҷойгир кардани номи худ маҳрум шуда бошанд. Ин фарзия аз ҳақиқат чандон дур нест, чунки мувофиқи ахбори Ибн ал-Асир[1] соли 318/930 ҳокими Хуттал Ҷаъфар ибни Абу Ҷаъфар ибни Довуд[2] рӯи рост бар зидди Сомониён исён бардошт, аммо шикаст хӯрда ба асирӣ афтод. Дар соли 947 низ ҳокими Хуттал исёни зидди Сомониёнро тарафдорӣ карда буд. Ба назар чунин мерасад, ки маҳз барои ҳамин гуна амалҳояшон ҳокимони Хуттал аз ҳуқуқи дар дирҳамҳо навиштани номи худ маҳрум карда шуданд.

Ҳамин тавр, дар давраи дуюми муомилоти пулии Хуттал, ки солҳои 284/897–322/933-934 - ро дар бар мегирад, дар зарробхонаи ин вилоят мунтазам ва ба миқдори зиёд аз номи амирони сомонӣ ва шоҳони маҳаллӣ дирҳам зарб шудааст. Ганҷинаи Кӯлоб, ки дуюмин ва калонтарин ганҷинаи дирҳамҳои

1 –

2 Ба фикри А. М. Белинитский дар сарчашма хато шуда ба ҷойи Аҳмад номи падари ӯ ва бобои Абу Ҷаъфар Абу Довуд навишта шудааст.

сомонӣ дар Осиёи Миёна мебошад, якҷоя бо дирҳамҳои сомонии аз дигар мавзеъҳои Хатлон ёфтшуда, дар бораи ба дараҷаи кофӣ инкишофёфта будани сиккасозӣ, муомилоти пулӣ ва тиҷорат дар ин вилоят дар давраи Сомониён гувоҳӣ медиҳад. Воситаи асосии муомилот дар ин давра дирҳамҳои сомонии зарби Хуттал ва дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр ва Хуросони Шарқӣ буданд. Дирҳамҳои сомониро дар сарчашмаҳои хаттӣ "исмоилӣ" меномиданд.[1] Чунин ном гирифтани дирҳамҳои сомонӣ аз он сабаб буд, ки зарби нисбатан мунтазам ва васеъи онҳо дар давраи ҳукмронии Исмоил ибни Аҳмад оғоз меёбад. Пеш аз ин дар давраи Насри I ибни Аҳмад низ Сомониён дирҳам мебароварданд, аммо хеле кам.

**Давраи сеюми муомилоти пулӣ дар Хуттал**

Давраи сеюм аз соли 323/934-935 сар шуда то охири ҳукмронии Сомониён, яъне то соли 999 идома меёбад. Барои ин давра мо маводи хеле кам дар даст дорем. Ин як дирҳам ва се фулус мебошанд. Дирҳам дар Хуттал дар соли 356/966-967 аз номи амири сомонӣ Мансур ибни Нуҳ зарб шудааст[2] ва дар он номи ҳокими Хуттал навишта нашудааст. Дар ин асос хулоса баровардан мумкин аст, ки шояд ҳокимони Хуттал барои чандин бор исён бардоштан бар зидди Сомониён аз соли 313/925-926 ва баъди он аз ҳуқуқи дар дирҳамҳо ҷой кардани номи худ ва дигар имтиёзҳо маҳрум карда шуданд.

Ба давраи сеюм се фалс, ки дар Хуттал дар соли 366/976-977 аз номи амири сомонӣ Нуҳ ибни Мансур ва ҳокими маҳаллӣ Ҷаббор? ибни Муҳаммад зарб шудаанд, тааллуқ доранд. Аз ин се фалс ду донааш дар Ҳулбук дар рафти ковишҳои бостоншиносӣ ва як донааш дар совхози Кирови назди шаҳри Бохтар (собиқ ш.Қурғонтеппа) ёфт шудаанд. Ин сиккаҳоро Д.Довудӣ таҳқиқ ва нашр намудааст.[3] Номи ҳокими Хуттал дар ин фулус аз он гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо ҳуқуқи дар сиккаҳои мисӣ гузоштани номи худро доштанд.

---

[1] Давидович Е. А. Денежное обращение в Мавераннахра при Саманидах // НЭ, VI, 1966. - С.111.
[2] Тизенгаузен В. О саманидских монетах. - С.219.
[3] Довутов Д. Медный чекан Хутталя при Саманидах //Известия АН Тадж. ССР, серия: востоковедение, история, филология. - Душанбе, № 4 (16) . - С.73-74

Кам будани сиккаҳои марбут ба давраи сеюм дар бораи он гувоҳӣ медиҳад, ки сикка задан дар ин давра дар Хуттал хеле кам шуда буд. Он нишонаи суст шудани тараққиёти муомилоти пулӣ, тиҷорат ва дар маҷмуъ иқтисодиёт мебошад. Сабабҳои ин падида дақиқ маълум нест ва омӯзиши махсусро талаб мекунад.

**Дирҳамҳои калони сомонӣ**

Дар баробари дирҳамҳои меъёрӣ ва умумидавлатӣ, ки мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ онҳоро "исмоилӣ" меномиданд, дар Хуттал ва Хуросони Шарқӣ дар давраи Сомониён дирҳамҳои калони ғайри меъёрӣ низ баровaрда мешуданд. Ин дирҳамҳо нисбат ба дирҳамҳои меъёрӣ калонтар буда, вазнашон се-чор баробар зиёд буд. Диаметри аксари дирҳамҳои меъёрӣ дар ҳудуди 27-29 мм ва дирҳамҳои калон дар ҳудуди 45-48 мм ва вазни дирҳамҳои меъёрӣ дар ҳудуди 2,9-3,2 гр. ва вазни дирҳамҳои калон дар ҳудуди 7-21 гр. ва бахши зиёдаш 15-17 гр. мебошад. Дирҳамҳои калон дар шимолу шарқи Афғонистон ба миқдори зиёд ёфт шудаанд ва онҳоро сиккашиноси англис М.Митчинер таҳқиқ намуда, рӯи чоп овардааст.[1] Дар Тоҷикистон низ як миқдор дирҳамҳои калони сомонӣ ёфт шуда, аз ҷониби Д.Довудӣ таҳқиқ ва нашр карда шудаанд.[2]

Дирҳамҳои калон дар таркиби се ганҷинаи дар Тоҷикистон ёфтшуда мавҷуданд, дутои онҳо дар ноҳияи Восеъ дар минтақаи Кӯлоб ва як ганҷинааш дар ноҳияи Колхозободи (ҳозира ноҳияи Ҷ. Балхӣ) дар бостоншаҳри Золи Зари назди деҳаи Лағмон ёфт шудаанд. Дар яке аз ин ганҷинаҳо 24 дирҳами калон, аз ҷумла 5 пора, дар дуюмаш 4 пораи дирҳами калон ва дар сеюмаш якчанд пора дирҳамҳои калон мавҷуданд. Дар дирҳамҳои калон номи амири сомонӣ Нуҳ ибни Наср ва Музаффар ибни Абд ул-Малик (ё Музаффар Абдулмалик) хонда шудааст. Дар яке аз дирҳамҳои калон Д.Довудӣ соли 410/1019-1020–ро хондааст, ки ин соли зарб шудани онро дақиқ муайян мекунад. Дирҳамҳои калон дар

[1] Mitchiner M. The multiple dihems of medieval Afganistan. London, 1973.
[2] Довуди Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - С.165-175,197-199.

нимаи дуюми асри X зарб шудаанд.[1] Бозёфтҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки зарби ин дирҳамҳо дар давраи Ғазнавиён, алалхусус дар давраи ҳукмронии султон Маҳмуди Ғазнавӣ, яъне то соли 1030 идома меёбад. Дар ин бора ба ғайр аз соли 410/1019-1020 дар дирҳами калони дар боло ёдшуда, боз он чиз гувоҳӣ медиҳад, ки дар ду ганҷинаи дар Тоҷикистон ёфтшуда, дирҳамҳои калон якҷоя бо дирҳамҳои ғазнавӣ мебошанд.[2] Аз ин санадҳо бармеояд, ки барориш ва муомилоти дирҳамҳои калон дар давраи Сомониён сар шуда, дар давраи ҳукмронии Ғазнавиён дар сеяки аввали асри XI низ идома меёбад. Ҷолиб он аст, ки дар дирҳамҳои калони дар давраи Ғазнавиён зарбшуда, номи амирони сомонӣ боқӣ мемонанд, яъне дар давраи Ғазнавиён онҳо дар пайравӣ ба дирҳамҳои калони замони Сомониён сохта мешуданд.

Дар робита бо дирҳамҳои калон ва гардиши онҳо дар Хуттал бояд як сиккаро, ки дар мавзеи наздик ба ҷойи бозёфти Ганҷинаи Кӯлоб ба даст омадааст, ёдовар шавем. Соли 2017 сокини маҳаллӣ, хонандаи синфи 9-и мактаби миёнаи №29 Зебо Аюбзода дар канори шарқии деҳаи Бодомту тасодуфан як сиккаи калони нуқрагиро меёбад. Нависандаи ин сатрҳо дар вақти ба ин деҳа барои ҷамъоварии сиккаҳои Ганҷинаи Кӯлоб сафар карданаш, аз ин бозёфт огоҳ шуда, сиккаро барои осорхона мехарад. Ёдовар мешавем, ки Ганҷинаи Кӯлоб 2 км дуртар аз ҳамин деҳа дар самти шимол ёфт шудааст. Бинобар аҳамияти калон доштанаш тавсифи ин дирҳами калонро меорем:



*Акси 1. Дирҳами калони Андароба бо номи Мансур ибни Нуҳ (997-999) ва Маҳмуди Ғазнавӣ. Бозёфт аз деҳаи Бодомтуи н. Ш.Шоҳин.*

---
[1] Mitchiner M. The World of Islam, p. 136, 143-146.
[2] Довуди Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - С.172,196-197.

Рӯи сикка. Дар марказ калимаи тавҳид ва номи халифа ал- Тоиъ лиллоҳ:

Дар поёни ин навиштаҷот акси шамшер ҷойгир аст. Акси шамшер ба лақаби Султон Маҳмуд- Сайфу-д-давла алоқаманд аст. Дар гирдогирд ҷой ва соли зарб навишта шудааст:

«Бисмиллоҳ зарб шуд ин дирҳам дар Андароба соли ...?...... Сол дар навиштаҷоти гирд ҷой нагирифтааст, он аз чор ҳарф - ду алиф ва ду мим иборат аст. Аз сӯи дигар шояд се ҳарфи охир вожаи “мият”, яъне шумораи сад бошанд. Навиштаҷоти марказӣ ва гирд дар даруни доира ҷой карда шудаанд. Дар ҳошия берун аз доира дар боло ва поён боқимондаҳои ду вожаи суддашудаи нохоно намоён аст.

Пушти сикка. Дар марказ қисми дуюми калимаи тавҳид, номи амири сомонӣ Мансур ибни Нуҳ, тахаллуси Сайфу-д-давла ва номи амири ғазнавӣ Маҳмуд ҷойгиранд: . Дар гирдогирди ҳошия ояти 33 аз сураи 9 навишта шудааст. Навиштаҷоти марказӣ ва гирд дар даруни доира ҷой карда шудаанд. Дар ҳошия берун аз доира дар боло ва поён боқимондаҳои ду вожа суддашудаи нохоно намоён аст. Вазн – 9,7 гр., диаметр – 45 мм.

Тавре ки аз навиштаҷоти ин дирҳами калон бармеояд, он дар шаҳри Андароба аз номи ду шахс - амири сомонӣ Мансур ибни Нуҳ (соли 997-999) ва Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (соли 997-1030) зарб шудааст. Соли зарб, тавре ки дар боло ёдовар шудем, дар навиштаҷоти мудаввар нағунҷидааст. Бионан ин дирҳамро мо метавонем аз рӯи солҳои ҳукмронии амири сомонӣ Мансур ибни Нӯҳ ба солҳои 997-999 нисбат диҳем. Ба ин солгузорӣ мавҷуд будани номи Султон Маҳмуд халал намерасонад, чунки ӯ аллакай дар соли 997 ҳокими Ғазна шуда буд.

Дирҳамҳои калон нисбат ба дирҳамҳои муқаррарии сомонӣ се баробар вазнинтар ва якуним баробар калонтар буда, ҳошияи паҳноияш 5-7 мм холии суфта доранд. Ин ҳошияи холӣ яке аз нишонаҳои хоси ин дирҳамҳо мебошад.

Ҳамин намуд дирҳамҳои калон дар Афғонистон ёфтшуда, аз ҷониби сиккашиноси англис М. Митчинер таҳқиқ ва чоп карда шудаанд.[1]

Дар минтақаи Кӯлоб ёфт шудани дирҳамҳои калони сомонӣ, аз ҷумла бо зикри номи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва дар муомилот будани онҳо, тасодуфӣ нест. Гап дар сари он аст, ки соли 1008 дар назди шаҳри Балх байни лашкари Қарохониён ва Ғазнавиён задухӯрди шадид ба амал омад ва дар он Ғазнавиён ғолиб омаданд.[2] Ба фикри Д. Довудӣ баъди ин ғалаба Хатлон ба ҳайати давлати Ғазнавиён дохил мешавад ва то соли 1038 дар ҳайати он мемонад.[3]

Дирҳамҳои калон дар шаҳрҳои Бадахшон, Андароба, Балх, Валвалиҷ (Қундуз) Маъдан, Кишм, Зебак ва ғайра зарб шудаанд.[4] Барои мавзуи мо ҷолиб он аст, ки дирҳамҳои калон на танҳо дар Хатлон дар муомилот буданд, балки дар яке аз шаҳрҳои он баровarда мешуданд. Ин шаҳр Андичароғ ё Андичароъ мебошад, ки ба Хуттал тааллуқ дошт ва дар бораи он мо дар боло маълумот дода будем. М. Митчинер дар якчанд дирҳами калон номи Андичароғро хондааст.[5] Аммо сиккашиноси олмонӣ Флориан Шварс номи зарробхонаҳоро дар се дирҳами калони ҳамин намуд Маъдин хонда ба Бадахшон нисбат додааст. Д. Довудӣ дар дирҳами калони дар Тоҷикистон дар таркиби ганҷина ёфтшуда, низ эҳтимолан номи зарробхонаро Андичароғ хондааст. Дар мавриди ин масъала бояд дар назар дошт, ки дар Андичароғ дирҳамҳои меъёрӣ мебароварданд ва мо дар боло дар бораи онҳо гуфтем. Ин ҳолат имконияти дар ин шаҳр баровarда шудани дирҳамҳои калонро низ зиёд менамояд.

---

[1]Mitchiner M. The multiple dihems of medieval Afganistan. London, 1973; Ҳамин муаллиф: Oriental coins and their values.The World of Islam. London, 1998, p. 136, 143-146.

[2]Гафуров Б. Таджики, древнейшая, древняя и средневековая история. -М., 1972. - С.389.

[3]Довуди Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - С.203 -204; Ҳамин муаллиф: Обращение газневидских монет в Хатлоне // Известия АН Тадж. ССР, серия: востоковедение, история, филология, № 4 (16). - Душанбе, 1990. - С.38-42.

[4] Mitchiner M. The multiple dihems of medieval Afganistan. London, 1973; Oriental coins and their values.The World of Islam. London, 1998? p. 136-146.

[5] Mitchiner M. The multiple dihems, p.110.

## 2. Маълумоти сиккаҳо доир ба баъзе масъалаҳои иқтисодӣ ва сиёсии Хуттал дар замони Сомониён

Сиккаҳо, аз ҷумла дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб дар баробари сарчашмаҳои хаттӣ дар бораи вазъи сиёсии Хуттал маълумоти ҷолиб медиҳанд. Дар боло дар рафти баёни мавзӯъ мо дар ин бора баъзе ишораҳо кардем, аммо дар инҷо мехоҳем пурратар ва ба таври ҷамъбастӣ дар ин бора маълумот диҳем. Тавре ки маълум аст, зарби сикка ва хутбаро ба номи шоҳ хондан ду нишони муҳими машруъияти ҳокимият мебошанд. Бо номи худ сикка баровардани шоҳ маънои қонунӣ будани ҳокимияти ӯро дорад. Дар сикка навишта шудани номи якчанд ҳоким маънои мартабаи гуногун доштани онҳоро дорад. Дар дирҳамҳои исломӣ, аз ҷумла дирҳамҳои сомонӣ номҳо мутобиқи мартабаи соҳибонашон ҷойгир карда мешуданд. Дар маркази рӯи сикка ва пушти сикка калимаи тавҳид ҷой дода мешуд, яъне дар сиккаҳои исломӣ ин калима мавқеи асосӣ ва марказиро ишғол мекард. Баъди ин калима, ки дар пушти сикка ба анҷом мерасид, номи халифа, баъди он номи амири давлати мустақил навишта мешуд. Навиштаҷоти гирд низ меъёрӣ буданд, ҷой ва соли зарб ва оятҳои муайяни Қуръонро дар бар мегирифтанд. Барои номҳо пушти сикка, баъди калимаи тавҳид, ҷойи асосӣ ва муҳим ба шумор мерафт. Бо баъзе истисноҳо номи халифа ва амирони давлатҳои исломӣ дар ҳамин ҷо навишта мешуданд. Дар дирҳамҳои сомонӣ, аз ҷумла дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб номи халифа ва номи амири сомонӣ дар ҳаминҷо, яъне дар пушти сикка баъди калимаи тавҳид навишта шудааст. Дар баъзе ҳолатҳо баъди номи амири сомонӣ номи амири маҳаллӣ омадааст. Масалан, дар дирҳамҳои дар Хуттал соли 293/905-906 зарб шуда баъди номи халифа ва амири сомонӣ Исмоил ибни Аҳмад номи амири ин вилоят Ҷаъфар ибни Аҳмад омадааст. Аммо дар инҷо ҷойгир будани номи ҳокими Хуттал ба таври истисно буд. Аз дирҳамҳои дигар бармеояд, ки ҷойи номи ҳокимони маҳаллӣ, аз ҷумла ҳокимони Хуттал дар рӯи сикка дар поён баъди қисми аввали калимаи тавҳид буд. Дар бахши поёнии рӯи дирҳамҳои зикршуда номи ҳокими дуюми Хуттал ал-Ҳорис ибни Асад гузошта шудааст. Мо дар боло аллакай ишора карда будем, ки бинобар ҷойгиршавии номаш бо

эҳтимоли зиёд мартабаи Ҷаъфар ибни Аҳмад нисбат ба ал-Ҳорис ибни Асад баландтар будааст. Дар дирҳамҳои дар солҳои 306-313/918-926 дар Хуттал зарбшуда номи ҳокими он ҳамон Ҷаъфар ибни Аҳмад дар рӯи сикка дар поён баъди қисми аввали калимаи тавҳид омадааст.

Ҳамин тавр, ҳам будани номи ҳоким ва ҳам ҷойи он ифодагари мавқеъ ва мартабаи муайяни сиёсии ӯ мебошанд. Дар дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб, ки дар Хуттал зарб шудаанд, ду ва се ном ҷойгир аст: 1. Номи халифа; 2. Номи амири сомонӣ; 3. Номи ҳокими Хуттал. Дар баъзе ҳолатҳо дар дирҳамҳо ду ном навишта шудааст: 1. Номи ҳокими Хуттал ва номи халифа; 2. Номи амири сомонӣ ва номи халифа. Хулоса дар асоси ҷойгиршавии номҳо дар дирҳамҳои сомонӣ, аз ҷумла дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб мо метавонем мавқеъи сиёсии Хутталро муайян кунем. Дар мавриди мавҷудияти номи халифа дар дирҳамҳои сомонӣ бояд гӯем, ки он, махсусан барои асри X, ки давлати Сомониён пурзӯр ва пурра мустақил шуда буд, асосан рамзӣ буд. Рамзӣ ба он маъно буд, ки Сомониён халифаро ҳамчун пешвои руҳонии мусулмонони ҷаҳон эътироф мекарданд. Аммо дар тамоми корҳои давлатдорӣ, аз ҷумла сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ давлати Сомониён пурра мустақил буд. Халифаҳои Бағдод, махсусан дар асри X хеле заиф шуда, имконияти ба корҳои давлати пурзӯри Сомониён дахолат карданро надоштанд. Ҳокимияти қонунӣ ва воқеӣ дар дасти амирони сомонӣ буд. Навишта шудани номи амири сомонӣ дар дирҳамҳои дар Хуттал зарбшуда, маънои онро дошт, ки ин вилоят ба ҳайати давлати онҳо дохил мешуд ва ҳокимони он тобеи онҳо буданд. Дар сиккаҳо дар баробари номи амири сомонӣ навишта шудани номи ҳокими Хуттал гувоҳи он аст, ки ҳокимони ин вилоят аз имтиёзҳои муайян бархӯрдор буданд. Аммо ин ҳолат ба ҳеҷ ваҷҳ маънои онро надошт, ки Хуттал амалан мустақил буд. Тавре ки мо дар боло ишора кардем, аксари дирҳамҳо дар Хуттал аз номи амирони сомонӣ бе зикри номи ҳокимони ин вилоят зарб шудаанд. Танҳо дар як дирҳами дар соли 270/883-884 дар Хуттал зарбшуда, номи ҳокими ин вилоят Асад ва номи халифа бе зикри номи амири сомонӣ навишта шудааст. Дар ин асос фарз кардан мумкин аст, ки дар ҳамин сол Хуттал мустақил буда, ҳанӯз ба ҳайати давлати

Сомониён дохил нашуда буд. Аммо ин фарзия далели чандон қавӣ надорад. Баъди ин то соли 284/897 дар Хуттал сикка набаровардаанд. Бинобар ин дар бораи ҳолати сиёсии ин вилоят дар ин солҳо мо чизе гуфта наметавонем. Аз сарчашмаҳои хаттӣ низ дар ин борамад маълумот дастрас накардем. Аммо дар асоси он ки дар дирҳамҳои дар Хуттал аз соли 284/897 то соли 289/901-902 баровардашуда, низ номи амири сомонӣ нест, мо фарз карда метавонем, ки аз соли 270 /883-884 то 284/897 низ Хуттал ба ҳайати давлати Сомониён дохил нашуда буд. Пас дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки дар ин солҳо Хуттал ба ҳайати кадом давлат дохил мешуд ва ё пурра мустақил буд. Мо дар боло ёдовар шудем, ки сулолаи хутталонии Баниҷуриён солҳои 818-821 дар баробари Тоҳириён ва Сомониён бо дастгирии халифа ал-Маъмун дар Хуттал ва Тахористон ба сари қудрат омаданд. Намояндагони ин сулола дар дарбори халифа низ мақомҳои баландро ишғол карда буданд. Мантиқан онҳо дар ин давра тобеи волиёни Хуросон, яъне Тоҳириён буданд. Ин ҳолат то давраи ба сари қудрат омадани Саффориҳо, ки бар хилофи хоҳиши халифа соли 873 лашкари охирин ҳокими Тоҳириён Муҳаммад ибни Тоҳирро шикаст дода, пойтахти Хуросон шаҳри Нишопурро забт карданд, бояд идома ёфта бошад. Яъқуб ибни Лайс соли 873 ба Хуросони Шарқӣ лашкар кашида қисми зиёди он, аз ҷумла Балхро ишғол карда буд. Ҳокими Балх Довуд ибни Ал-Аббос, ки аз сулолаи Баниҷуриён буд, Балхро тарк карда ба Самарқанд гурехт ва баъди аз Балх рафтани лашкари Яъқуб ибни Лайс боз ба шаҳр баргашт.[1] Баъди ӯ писарамакаш Абу Довуд ибни Аҳмад ҳокими Балх шуд. Соли 874 халифа ал-Муътамид Яъқуб ибни Лайсро расман волии Хуросон таъин мекунад. Мувофиқи қоидаи маъмул ҳамаи вилоятҳои Хуросон, аз ҷумла Хатлон, бояд ба итоати ӯ медаромаданд. Оё дар амал чунин буд ё баъзе вилоятҳо ба мисли Хуттал ба Саффориҳо итоат накарда, худро мустақил эълон карданд, ба мо маълум нест. Дар ҳар сурат дар дирҳамҳои дар соли 270 / 883-884 дар Хуттал аз номи ҳокими он Асад зарбшуда ва дар дирҳамҳои аз соли 284/897 то 289/901-902 зарбшуда низ номи амири Саффориҳо Амр ибни Лайс нест. Дар ин асос

[1] Беленицкий А.М. Историко географический очерк Хутталя. - С.125.

фарз кардан мумкин аст, ки дар ин солҳо Хуттал мустақил будааст. Тобеъияти онҳо ба халифа дар ин солҳо наметавонист воқеӣ бошад, чунки Саффориён, ки Хуросон ва қисми Эрон дар дасташон буд, ба ин роҳ намедоданд.

Вазъияти сиёсии Хуттал баъди пирӯзии Исмоил ибни Аҳмад бар Амр ибни Лайси Саффорӣ дар соли 900 ва ба давлати Сомониён ҳамроҳ шудани Хуросон тағйир меёбад. Баъди ин ҳодиса то соли 902 дар дирҳамҳои Хуттал номи амири сомонӣ нест, яъне ин вилоят ба ҳайати давлати Сомониён дохил намешуд. Дар солҳои 903-904 Хуттал сикка набаровардааст ва дар бораи вазъияти сиёсии он дар ин солҳо мо чизе гуфта наметавонем. Дар дирҳамҳои соли 293/905-906 дар Хуттал бароварда дар баробари номи ҳокими ин вилоят ал-Ҳорис ибни Асад номи амири сомонӣ Исмоил ибни Аҳмад низ гузошта шудааст. Номи амири сомонӣ баъди номи халифа гузошта шудааст, ки дар бораи нисбат ба ҳокими Хуттал мавқеъи баланд доштани он гувоҳӣ медиҳад. Дар асоси ин дирҳамҳо мо дақиқ гуфта метавонам, ки соли 293/905-906 Хуттал ба ҳайати давлати Сомониён дохил карда шуд. Ҷузъиёти ин ҳодиса маълум нест. Яъне маълум нест, ки амири сомонӣ лашкар кашида Хутталро забт кард, ё ин вилоят бо талаби Сомониён ё ихтиёран ба ин давлат ҳамроҳ шуд. Дар ҳамаи дирҳамҳои аз соли 293/905-906 то 322/933-934 дар Хуттал зарбшуда номи амирони сомонӣ ҳастанд, яъне то ҳамин сол дақиқан Хуттал дар ҳайати давлати Сомониён буд. Инро сарчашмаҳои хаттӣ низ тасдиқ мекунанд. Масалан, Ибн ал-Асир дар соли 930 дар бораи ҳокими Хуттал Ҷаъфар ибни Абу Ҷаъфар мегӯяд, ки ӯ ин вилоятро аз номи Сомониён идора мекард.[1] Тавре, ки дар боло гуфтем, соли 356/966-967 дар Хуттал аз номи амири сомонӣ Мансур ибни Нуҳ дирҳам зарб шудааст. Дар фулуси Хуттал, ки соли 366/976-77 зарб шудаанд, номи амири сомонӣ Нуҳ ибни Мансур навишта шудааст. Дар асоси маълумоти сиккаҳо мо гуфта метавонем, ки Хуттал аз соли 293/905-906 то охири мавҷудияти давлати Сомониён дар ҳайати он будааст. Соли 1008 Хуттал ба

[1] Беленицкий А. М. Историко географический очерк Хутталя. - С.126

ҳайати давлати Ғазнавиён дохил шуда то соли 1038 дар ҳайати он боқӣ мемонад. Дар соли 1038 Хутталро Бури-тегини қарахонӣ забт мекунад.[1]

## Паҳн шудани дирҳамҳои Хуттал дар Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ

Тавре ки маълум аст ва мо дар пешгуфтор ишора кардем, дирҳамҳои сомонӣ дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ хеле паҳн шуда буданд ва дар асрҳои IX-X воситаи асосии муомилот буданд. Дар таркиби ганҷинаҳои сершумори дар ин кишварҳо ёфтшуда дирҳамҳои зарби Хуттал низ мавҷуданд. Аз ҷумла дар феҳристи сиккаҳои сомонии В. Тизенгаузен[2] 8 дирҳами Хуттал ва дар феҳристи сиккаҳои исломии Эрмитаж[3] низ 8 дирҳами Хуталл аз таркиби ганҷинаҳои дар Россия ва Аврупо ёфтшуда, мавҷуданд. Ду дирҳами Хуттал, ки дар Россия дар губернияҳои Владимировская ва Вятская ёфт шудаанд, дар феҳристи А. К. Марков[4] оварда шудаанд. Мутаассифона феҳристи мукаммали дирҳамҳои сомонии Хуттал дар асоси ганҷинаҳои дар Аврупои Шарқӣ ва шимолӣ ёфтшуда тартиб дода нашудааст. Ягона феҳристи дирҳамҳои сомонии Хуттал дар асоси ганҷинаҳои Шветсия аз ҷониби Г. Рисплинг тартиб дода шудааст.[5] Ин Феҳрист 140 дирҳами Хуттали аз таркиби 62 ганҷинаи дар Шветсия ёфтшударо дар бар мегирад. Ба ҳисоби миёна дар ҳар ганҷина 2,2 дирҳами Хуттал будааст. Аз ин ганҷинаҳо 51 ададаш дар ҷазираи Готланд ва боқимонда 11 ададаш дар дигар мавзеъҳои Шветсия ёфт шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки дирҳамҳои Хуттал дар қатори дигар дирҳамҳои сомонӣ дар Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ хеле васеъ паҳн шуда буданд. Боргоҳи тоҷироне, ки аз Мовароуннаҳр ва Хуросони Шарқӣ ба Россия ва дигар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ мол, аз ҷумла дирҳам мебурданд, шаҳри Бухоро буд. Роҳи асосии ба Бухоро расидани дирҳамҳои Хуттал ба воситаи Ҳисор ва Самарқанд буд. Аммо ин дирҳамҳо метавонистанд аввал ба Хуросони Шарқӣ ворид шуда, аз онҷо ба воситаи Балх ва Тирмиз ва Самарқанд ба Бухоро расанд.

---

[1] Довутов Д. Обращение газневидских монет в Хатлоне // «Известия АН Тадж. ССР, серия: востоковедение, история, филология, № 4 (16) (на таджикском языке). Душанбе, 1990. - С.38-42.

[2] Ниг. Д.Довуди. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона. - С.193.

[3] Ҳамон ҷо. -С.192-193.

[4] Марков А. Топография кладов восточных монет.-С. 5-7.

[5] Rispling G. Katalog samanidischen dirhams in schwedischen Funden und diversen Samlungen.Unvero Aentlicht, 2001, ниг. Ниг. Д. Довуди. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона.-С.178-192.

Аз Бухоро тоҷирони тоҷик ба воситаи Хоразм ба ҳавзаи дарёи Волга ба шаҳрҳои Иттили Хазария ва шаҳри Булғор, ки боргоҳи тиҷоратии байни мамолики мусулмонӣ ва Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ буд, мерафтанд.[1] Дирҳамҳои Хуттал ба Бухоро метавонистанд ҳамроҳ бо дигар дирҳамҳои дар Мовароуннаҳр ва Хуросони Шарқӣ гардишкунанда то ба Бухоро рафта расанд. Аз сӯи дигар ин дирҳамҳоро тоҷирони Хуттал низ метавонистанд мустақиман ба Бухоро баранд. Ҳамчунин тоҷирони Хуттал метавонистанд бевосита дар савдои байналмилалӣ иштирок карда, ба воситаи Бухоро ва Хоразм ба ҳавзаи Волга ба шаҳрҳои Иттил ва Булғор сафар кунанд.

Дар ганҷинаҳои дар Шветсия ва Россия ёфтшуда дирҳамҳои зарробхонаи дигари Хуттал – Андичароғ низ ёфт шудаанд. Аз ҷумла, дар 7 ганҷинаи Шветсия 7 дирҳами Андичароғ мавҷуд аст.[2]

### Андоза ва вазни дирҳамҳои Хуттал аз Ганҷинаи Кӯлоб

Яке аз масъалаҳои муҳими муомилоти пулӣ ин муайян кардани вазн ва арзиши сиккаҳо мебошад. Барои сиккаҳои исломӣ ҳанӯз дар аввали пайдоиши онҳо дар давраи халифа Абдумалик ибни Марвон дар солҳои 695-696 вазни меъёрӣ муқаррар гашта буд. Вазни сиккаҳои тиллоӣ, яъне динорҳо баробари як мисқол (4,2 гр.) ва сиккаҳои нуқрагӣ (дирҳам) 7/10 ҳиссаи динор, ки ба 2,9 гр. баробар аст, муқаррар гардида буд.[3]

Барои муайян кардани вазни миёнаи дирҳамҳои Хуттали Ганҷинаи Кӯлоб мо диаграммаи вазни 282 дирҳамро бе интихоби махсус аз шумораи 15 то 297 сохтем (Ниг. Диаграммаи 1 ва Феҳристи сиккаҳои Хуттали Ганҷинаи Кӯлоб). Ин дирҳамҳо дар солҳои 310-313 /922-926 зарб шудаанд. Сабуктарин сикка дар ин диаграмма 1,4 гр. ва вазнинтаринаш 4,5 гр. вазн доранд, ки фарқияти байни онҳо 3,1 гр. ташкил мекунад. Дар диаграмма аз ду тараф ду нуқтае ҳаст, ки аксари сиккаҳо – 269 дона ё 95,3% дар бар мегиранд. Ин нуқтаҳо вазнҳои 2,1 гр.

---

[1] Дар ин бора пурратар нигаред: В.Тизенгаузен. О саманидских монетах. -С.6-10.

[2] Rispling G. Katalog samanidischen dirhams in schwedischen Funden und diversen Samlungen.Unvero Aentlicht, 2001: Ниг. дар китоби Д. Довуди. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона.- С.189.

[3] Муфассал дар ин бора ниг: Тизенгаузен В. В. Монеты восточного халифата. - Санкт - Петербург, 1873. - С. 374.

ва 4,0 гр. мебошанд. Фарқияти вазн дар ин қисмати асосии диаграмма камтар буда, 1,9 гр. ташкил мекунад. Аз ду паҳлуи диаграмма боз ду нуқтае ҳастанд, ки баъди қулла баландтаринанд, инҳо вазнҳои 2,7 гр. ва 3,3 гр. мебошанд. Ин бахши диаграмма 137 сикка ё 48,5 % дар бар мегирад. Фарқияти вазн дар ин бахш боз камтар буда, 0,6 гр. ташкил мекунад. Қуллаи диаграммаро вазни 2,9 гр. ташкил мекунад ва он хуб намоён аст. Ин вазни меъёрии дирҳамҳои сомонӣ буд. Тавре ки дар боло ишора кардем, вазни меъёрӣ барои дирҳамҳои исломӣ дар аввали пайдо шудани онҳо дар давраи ҳукмронии халифаи умавӣ Абдулмалик ибни Марвон дар солҳои 695-696 муқаррар карда шуда буд. Аз диаграммаи 1 бармеояд, ки вақти зарби дирҳамҳо вазни меъёрӣ риоя карда мешуд, яъне вазни дирҳамҳо, пеш аз бо муҳр задан, санҷида мешуд. Баромадан аз вазни меъёрӣ ҳам ба тарафи камшавӣ ва ҳам ба тарафи зиёдшавӣ, то ҳаде иҷозат дода мешуд. Сиккаҳои зарб нахӯрдаи вазнашон аз ҳад зиёд сабук ё вазнинро ҷудо карда, вазнашонро ба меъёр мувофиқ мекарданд. Муайян кардани вазни меъёрӣ ва фарқияти вазни дирҳамҳои сомонӣ барои муайян кардани тарзи гардиши онҳо, яъне донабай ва ё вазнбайъ гардиш кардани онҳо муҳим аст. Дар ин масъала Е. А. Давидович дар такя ба маълумоти В. Л. Янин фарқияти вазни дирҳамҳои сомонии Исмоил ибни Аҳмад, Аҳмад ибни Исмоил ва Наср ибни Аҳмадро овардааст, ки 2,7- 3,1 гр. ё 2,7- 3,2 гр., яъне фарқият 0,4 ё 0,5 гр. ташкил мекунад. Ба фикри ин муҳаққиқ ин фарқият барои асрҳои миёна чандон зиёд нест ва дар асоси он гуфтан мумкин аст, дирҳамҳои сомонӣ то сеяки аввали асри Х донабай гардиш мекарданд. Баъди ин, фарқияти вазни дирҳамҳо зиёд мешавад ва Сомониён дигар вазни дирҳамҳоро намесанҷиданд ва онҳо вазнбайъ мубодила мешуданд.[1] Аммо вазни дирҳамҳои Хуттал, ки мо дар диаграмма нишон додем ин фикрро тасдиқ намекунанд. Ин дирҳамҳо тавре ки дар боло нишон додем, ба солҳои 310-313/922-926, яъне ба сеяки аввали асри Х мансубанд, аммо фарқияти вазни онҳо 1,9 гр. аст ва ин фарқият хеле зиёд мебошад ва он дақиқан дар бораи вазнбайъ гардиш кардани ин дирҳамҳо гувоҳӣ медиҳад.

[1] Давидович Е .А. Денежное обращение в Мавераннахра при Саманидах. - С.114.




Диаграммаи 1
Вазни дирҳамҳои Хуттал аз Ганҷинаи Кӯлоб

Ҷадвали 19

**Ганҷинаи Кӯлоб. Дирҳамҳои Хуттал, Исмоил ибни Аҳмад**

| Вазн, гр. | Диаметр, мм. | Вазн, гр. | Диаметр, мм. |
|---|---|---|---|
| 2, 80 | 28 - 29 | 3, 16 | 28 - 29 |
| 2, 90 | 28-29 | 3, 20 | 25 |
| 2, 96 | 28-29 | 3, 55 | 27 - 28 |
| 3, 00 | 28 | 3, 29 | 29 |
| 3, 10 | 28-27 | 3, 35 | 28 - 29 |
| 3, 26 | 30-31 | 3, 48 | 30 |

Ҷадвали 20

**Ганҷинаи Кӯлоб. Вазн ва андозаи сиккаҳои Исмоили Сомонӣ**

| Вазн, гр. | Диамметр, мм. | Вазн, гр. | Диамметр, мм. |
|---|---|---|---|
| 1, 85 | 21-28 | 3,0 | 28 |
| 2, 26 | 25 | 3, 0 | 28 |
| 2, 30 | 25-26 | 3, 0 | 28 |
| 2, 48 | 25-26 | 3, 0 | 28 |
| 2, 43 | 26-27 | 3, 01 | 28 |
| 2, 50 | 26-27 | 3, 02 | 28 |
| 2, 55 | 26 -28 | 3, 05 | 28 |
| 2, 68 | 26 | 3, 09 | 28 |
| 2, 69 | 26 | 3.10 | 28 |
| 2, 78 | 26 | 3, 20 | 28 |
| 2, 79 | 26 | 3, 20 | 28-29 |
| 2, 80 | 27-28 | 3, 22 | 28-29 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2, 90 | 27-28 | 3, 23 | 28-29 |
| 2, 90 | 27-28 | 3, 26 | 28-29 |
| 2, 90 | 27 | 3, 29 | 28-29 |
| 2, 92 | 27 | 3, 29 | 28-29 |
| 2, 92 | 27 | 3, 31 | 29 |
| 2, 93 | 27 | 3, 35 | 29 |
| 2, 95 | 27 | 3, 38 | 29 |
| 2, 95 | 27 | 3, 38 | 29 |
| 2, 95 | 27 | 3, 40 | 29 |
| 2, 95 | 27 | 3, 42 | 29 |
| 2, 96 | 27 | 3, 43 | 29 |
| 2, 96 | 27 | 3, 55 | 29 |
| 2, 97 | 27 | 3, 58 | 29 |
| 2, 98 | 28-27 | 3, 81 | 29-30 |
| 2, 98 | 28-29 | 3, 87 | 30 |
| 2, 99 | 28 | | 30 |
| | 28 | | 30 |
| | 28 | | 30-31 |
| | 28 | | |

Ҷадвали 21

**Ганчинаи Кӯлоб**
**Дирҳамҳои Хуттал, Наср ибни Аҳмад**

| Вазн, гр. | Диаметр, мм. | Вазн, гр. | Диамметр, мм. | Вазн, гр. | Диамметр, мм. |
|---|---|---|---|---|---|
| 2, 89 | 29 | 2, 16 | 29 | 3, 33 | 29 |
| 2, 68 | 28-30 | 2, 21 | 28 | 3, 44 | 29 |
| 2, 83 | 28 | 2, 73 | 29-30 | 2, 98 | 30 |
| 2, 31 | 26-27 | 3, 88 | 30 | 2, 84 | 29 |
| 3, 04 | 30 | 3, 02 | 28-30 | 2, 35 | 29-28 |
| 2, 80 | 29 | 2, 96 | 29 | 2, 96 | 28-29 |
| 3, 16 | 28 | 2, 85 | 29 | 3, 26 | 28-29 |
| 3, 15 | 30-29 | 2, 86 | 29-30 | 3, 54 | 28-29 |
| 3, 0 | 29 | 2, 87 | 28-29 | 2, 46 | 28 |
| 2, 8 | 29 | 3, 33 | 28 | 3, 27 | 28-29 |
| 2, 87 | 29 | 2, 46 | 29-30 | 3, 10 | 27 |
| 2, 93 | 29 | 3, 90 | 28 | 2, 84 | 29 |
| 3, 22 | 27-29 | 4, 11 | 28-30 | 2, 74 | 29-30 |
| 3, 35 | 29-30 | 2, 98 | 28-29 | 3, 52 | 28 |
| 3, 76 | 28-29 | 3, 11 | 30 | 3, 08 | 28 |
| 3, 11 | 28-29 | 2, 58 | 29 | 2, 58 | 27 |
| 4, 14 | 28-30 | 4, 50 | 29-30 | 2, 68 | 28-29 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2, 81<br>3, 09<br>2, 58<br>2, 50<br>3, 71<br>3, 23<br>3, 95<br>3, 25 | 28-29<br>-<br>-<br>-<br>28<br>29<br>28-29<br>28-29 | 3, 03<br>2, 73<br>2, 74<br>3, 15<br>2, 57<br>2, 58<br>2, 30<br>3, 33<br>2, 83 | 30<br>28-29<br>28-29<br>28<br>29<br>28-29<br>29<br>29-30<br>28 | 2, 74<br>2, 96<br>2, 21<br>2, 61<br>4, 47<br>3,40<br>3, 30<br>3, 02<br>3, 41<br>3, 23 | 29<br>28-29<br>30-32<br>29-31<br>30<br>27-28<br>27-29<br>30<br>30<br>29 |

Ҷадвали 22

**Ганҷинаи Кӯлоб . Дирҳамҳои Хуттал, Наср ибни Аҳмад**

| Вазн, гр. | Вазн, гр. | Вазн, гр. | Вазн, гр. | Вазн, гр. | Вазн, гр. |
|---|---|---|---|---|---|
| 1, 48 | 2, 56 | 2, 81 | 3, 00 | 3, 19 | 3, 47 |
| 1, 51 | 2, 57 | 2, 81 | 3, 00 | 3, 21 | 3, 48 |
| 1, 73 | 2, 58 | 2, 83 | 3, 00 | 3, 22 | 3, 48 |
| 1, 84 | 2, 59 | 2, 83 | 3, 00 | 3, 22 | 3, 48 |
| 1, 96 | 2, 59 | 2, 83 | 3 ,00 | 3, 22 | 3, 53 |
| 1, 96 | 2, 59 | 2, 83 | 3, 00 | 3, 22 | 3, 53 |
| 1, 98 | 2, 60 | 2, 84 | 3, 00 | 3, 22 | 3, 54 |
| 1, 94 | 2, 60 | 2, 85 | 3, 01 | 3, 24 | 3, 55 |
| 2,10 | 2, 62 | 2, 85 | 3, 01 | 3, 24 | 3, 55 |
| 2,15 | 2, 62 | 2, 86 | 3, 01 | 3, 25 | 3, 56 |
| 2, 16 | 2, 63 | 2, 86 | 3, 01 | 3, 25 | 3, 56 |
| 2, 20 | 2, 63 | 2, 89 | 3, 02 | 3, 26 | 3, 57 |
| 2, 22 | 2, 63 | 2, 89 | 3, 03 | 3, 26 | 3, 57 |
| 2, 25 | 2, 64 | 2, 90 | 3, 03 | 3, 26 | 3, 60 |
| 2, 26 | 2, 65 | 2, 90 | 3, 03 | 3, 26 | 3, 61 |
| 2, 29 | 2, 65 | 2, 91 | 3, 03 | 3, 27 | 3, 62 |
| 2, 31 | 2, 65 | 2, 91 | 3, 03 | 3, 28 | 3, 63 |
| 2, 32 | 2, 66 | 2, 91 | 3, 04 | 3, 28 | 3, 66 |
| 2, 32 | 2, 66 | 2, 92 | 3, 05 | 3, 29 | 3, 67 |
| 2, 32 | 2, 67 | 2, 92 | 3, 05 | 3, 29 | 3, 70 |
| 2, 34 | 2, 68 | 2, 93 | 3, 06 | 3, 30 | 3, 71 |
| 2, 34 | 2, 68 | 2, 93 | 3, 06 | 3, 31 | 3, 72 |
| 2, 36 | 2, 69 | 2, 93 | 3, 06 | 3, 31 | 3, 79 |
| 2, 36 | 2, 69 | 2, 93 | 3, 07 | 3, 33 | 3, 79 |
| 2, 36 | 2, 70 | 2, 93 | 3, 07 | 3, 34 | 3, 83 |
| 2, 38 | 2, 70 | 2, 93 | 3, 08 | 3, 34 | 3, 83 |
| 2, 39 | 2, 70 | 2, 94 | 3, 10 | 3, 34 | 3, 83 |
| 2, 41 | 2, 70 | 2, 94 | 3, 10 | 3, 34 | 3, 84 |
| 2, 43 | 2, 70 | 2, 94 | 3, 11 | 3, 36 | 3, 85 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2, 44<br>2, 44<br>2, 44<br>2, 44<br>2, 45<br>2, 46<br>2, 48<br>2, 50<br>2, 51<br>2, 53<br>2, 53<br>2, 54<br>2, 55<br>2, 55<br>2, 56<br>2, 56 | 2, 71<br>2, 72<br>2, 72<br>2, 72<br>2,74<br>2, 74<br>2, 74<br>2, 75<br>2, 76<br>2, 77<br>2, 77<br>2, 78<br>2, 79<br>2, 79<br>2, 80<br>2, 80 | 2, 94<br>2, 95<br>2, 95<br>2, 95<br>2, 96<br>2, 96<br>2, 96<br>2, 96<br>2, 96<br>2, 98<br>2, 98<br>2, 98<br>2, 98<br>2, 98<br>2, 98<br>2, 99 | 3, 13<br>3, 13<br>3, 14<br>3, 15<br>3, 15<br>3, 15<br>3, 15<br>3, 15<br>3, 17<br>3, 17<br>3, 17<br>3, 17<br>3, 17<br>3, 17<br>3, 17<br>3, 18<br>3, 18<br>3, 18<br>3, 19 | 3, 36<br>3, 36<br>3, 38<br>3, 38<br>3, 38<br>3, 38<br>3, 38<br>3, 38<br>3, 39<br>3, 39<br>3, 41<br>3, 43<br>3, 44<br>3, 44<br>3, 45<br>3, 46<br>3, 46<br>3, 46<br>3, 49 | 3, 85<br>3, 86<br>3, 87<br>3, 89<br>3, 91<br>3, 97<br>4, 02<br>4, 05<br>4, 21<br>4, 21<br>4, 38<br>4, 35<br>4, 38<br>4, 47<br>4, 45<br>4, 49<br>4, 52 |

## Дирҳамҳои муҳрнахӯрда

Дар Ганҷинаи Кӯлоб 5 дирҳами зарбношудаи ҳамвор мавҷуд аст (Феҳрист, № 1399-1404). Вазни 4 донаи онҳо 2,51-2,73 гр. буда, ба вазни меъёрии дирҳамҳо, ки 2,9 гр. мебошад, наздик аст. Танҳо 1 донаи онҳо вазни сабук – 1,8 гр. дорад. Аммо ин набояд боиси нигаронӣ бошад, чунки дар диаграммаи 1, ки мо дар боло овардем як донагӣ дирҳамҳои аз ин ҳам сабуктар – 1,4-1,7 гр. низ ҳастанд. Яъне аз рӯи вазн дирҳамҳои мухрнахӯрда аз дирҳамҳои муҳрхӯрда фарқе надоранд. Аммо диаметри ин дирҳамҳо нисбат ба дирҳмҳои муҳрхӯрда хурдтар мебошад – 24 мм. Ин дар ҳолест, ки диаметри аксари дирҳамҳои муқаррарӣ 27-29 мм мебошад (Ҷадвали 20,21). Сабаби ин падида ба мо маълум нест. Эҳтимол онҳоро ҷудо кардаанд, то дубора гудохта аз нав созанд, аммо онҳо тасодуфан бо дирҳамҳои муҳрхӯрда омехта шуда, ба муомилот баромадаанд. Ё ин ки онҳоро муҳр назада дар байни дирҳамҳои муҳрхӯрда ба муомилот баровардаанд.

Дирҳамҳои муҳрнахӯрда дар таркиби ганҷинаҳои дирҳамҳои сомонии дар Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ ёфтшуда низ ҳастанд.[1] Аксари олимон онҳоро дирҳамҳои тасодуфан муҳрнахӯрда мешуморанд ва мо бо ин фикр розӣ ҳастем. Аммо сиккашиноси рус В. М. Потин, ки ба дирҳамҳои муҳрнахӯрдаи ганҷинаҳои Аврупо мақолаи махсусро бахшидааст, дар ин бора фикри дигар дорад. Ба андешаи ӯ дирҳамҳои муҳрнахӯрдаро махсус барои савдо бо кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ месохтанд ва сабабаш дар норасоии нуқра дар ин минтақа буд.[2] Аммо ин фикр чандон боварибахш ба назар намерасад. Дар Аврупо дирҳамҳои куфӣ ва сомониро аз рӯи навиштаҷоти арабӣ доштанашон мешинохтанд ва ба нуқраи холис будани онҳо боварӣ доштанд. Дар сурати муҳрнахӯрда будани дирҳамҳо чунин эътимод аз байн мерафт. Аз сӯи дигар шумораи дирҳамҳои муҳрнахӯрда дар таркиби ганҷинаҳо хеле кам аст ва усулан муҳр задани онҳо чандон душвор набуд. Аз рӯи вазн дар муомилот будани дирҳам ва дирҳампораҳоро низ ба эътибор гирифтан лозим аст. Аз тарафи дигар нуқрагӣ будани онҳо низ барои аврупоиҳо муҳим буд.

Муомилоти пулии Хуттал дар асоси сиккаҳо муайян карда шудааст ва се давраро дар бар мегирад. 1. Солҳои 883-897; 2. Солҳои 897-934; 3. Солҳои 934-999. Нашъунамои муомилоти пулӣ ба давраи дуюм рост меояд. Авҷи сиккабарорӣ дар Хуттал ба давраи ҳукмронии амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад ва ҳокими маҳаллӣ Ҷаъфар ибни Аҳмад ба солҳои 922-927 рост меояд. Нақши асосиро дар муомилот дирҳамҳои худи Хуттал ва Маъдин, Самарқанд, Балх, Андароба ва Шош мебозиданд.

Вазни миёна ва меъёрии дирҳамҳои Хуттал  2,9 гр буд.

Дар муомилоти пулӣ як миқдор сиккаҳои зарбнахӯрда ва суфтаи бенавиштаҷот низ истифода мешуданд.

Дар охири асри Х дар баробари дирҳамҳои меъёрӣ, ки онҳоро исмоилӣ мегуфтанд, дирҳамҳои калони ғайримеъёрӣ, ки дар Бадахшон, Балх, Маъдин ва

---

[1] Калинин В. А., Петров П. Н. Кладик куфических монет из под г. Мурома. -С.216.
[2] Потин В. М. О серебряных монетовидных пластинах в кладах  X – XI вв. // НЭ. Т. II. 1960. -С.65.

Андароба зарб мешуданд, дар мубодила буданд. Вазни онҳо аз дирҳамҳои меъёрӣ ду-чор маротиба зиёдтар буд.

Дирҳамҳои Хуттал дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ низ паҳн шуда буданд.

Дар асоси сиккаҳо муайян карда шуд, ки Хуттал то соли 901 мустақил буд ва аз ҷониби ҳокимони маҳаллӣ идора карда мешуд. Соли 293/905-906 Исмоили Сомонӣ онро ба ҳайати давлати Сомониён ҳамроҳ мекунад, аммо ҷузъиёти ин ҳодиса маълум нест.

# ХУЛОСА

## НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Таҳқиқи Ганҷинаи Кӯлоб, ки калонтарин ганҷинаи дирҳамҳои сомонӣ дар Осиёи Миёна мебошад, доир ба сиккасозӣ ва муомилоти пулии давлати Сомониён маълумоти нав ва ҷолиб дод. Ин ягона ганҷинае мебошад, ки дар он дирҳамҳои зарби Хуттал ба миқдори хеле зиёд – 581 дона мавҷуданд, ки аз миқдори умумӣ  41,3 % ташкил мекунанд. Ин дар ҳолест, ки дар ганҷинаҳои дигар, махсусан дар Аврупо ёфтшуда, дирҳамҳои Хуттал аз 1-2 дона то 10-20 дона мавҷуданд. Ганҷинаи Кӯлоб аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар арафаи ба замин гӯр кардани он, яъне дар соли 316/928-929, дар муомилоти пулии Хатлон нақши асосиро дирҳамҳои сомонии дар давраи ҳукмронии Исмоил ибни Аҳмад, Аҳмад ибни Исмоил ва Наср ибни Аҳмад зарбшуда, мебозиданд. Дар байни онҳо аксариятро (1251 дона ё 90,7 % аз миқдори умумии дирҳамҳои сомонӣ) дирҳамҳои амир Наср ибни Аҳмад ташкил мекунанд. Аз ин бармеояд, ки сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ дар Хуттал маҳз дар давраи ҳукмронии ҳамин амир ба дараҷаи баланди тараққиёт расида, шумораи зарробхонаҳо низ афзоиш меёбад. Дар Хуттал мунтазам баровардани дирҳамҳо низ ба давраи ҳукмронии ҳамин амир рост омада, аз соли 310/922-923 шуруъ шуда, то соли 316/928-929 идома меёбад. Аммо зарби сиккаҳо ба миқдори зиёд  дар ин вилоят аз соли 310/922-923 то соли 314/926-927 давом мекунад, соли 315/927-928 ва 316/928-929 сиккаҳо хеле кам баровarда мешаванд. Дирҳамҳои аз ин барвақттар зарбшуда, аз ҷумла умавӣ, аббосӣ ва саффорӣ низ дар муомилот буданд, аммо ба миқдори хеле кам. Дар Хатлон дар муомилот дирҳамҳои худи ҳамин вилоят ва баъди он дирҳамҳои Маъдин, Самарқанд, Балх, Андароба ва Шош бештар буданд. Дар асоси сиккаҳо мо муайян кардем, ки алоқаи  тиҷоратии Хатлон  дар ду самт – Мовароуннаҳр ва Хуросони Шарқӣ бештар инкишоф ёфта буд [1-М].

Дар Ганҷинаи Кӯлоб намудҳои нодири сиккаҳо мавҷуданд. Дирҳами умавии он нодир буда, ҳамто надорад ва дар зарробхонаи шинохтанашуда, ки мо онро эҳтимолан Дуқуз хондем, дар соли 92/710-711 зарб шудааст. Дар як дирҳами нодири Шош зарби  соли 270 / 883-884 номи Муҳаммад навишта

шудааст, ки мо онро ба Муҳаммад ибни Нуҳ, писари аввалин амири сомонии Самарқанд Нуҳ ибни Асад нисбат додем. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва сиккаҳои мисӣ ӯ як муддат ҳокими Шош будааст. Дирҳамҳои ӯ то ҳол маълум набуданд [5-М].

Дар Ганҷинаи Кӯлоб мо шумораи зиёди дирҳамҳоеро пайдо кардем, ки бо як ҷуфт муҳр зарб шудаанд. Дар ин ганҷина дирҳамҳои зиёде ошкор карда шуданд, ки рӯи онҳо бо муҳрҳои куҳна зарб шудаанд ва соли зарбашон бо номи амир мувофиқ нест.

Дар Ганҷинаи Кӯлоб 104 дирҳами шикаста мавҷуд аст. Ба фикри аксари сиккашиносон дирҳамҳои шикаста бинобар вазнбайъ мубодила шудани дирҳамҳо пайдо шуда, ҳамзамон вазифаи пули хурдро иҷро мекарданд. Назаре вуҷуд дошт, ки дирҳамҳои сомониро дар Аврупо мешикастанд. Акнун тавре ки пеш М. Е. Массон гуфта буд, маълум мешавад, ки ин амал дар ватани ин дирҳамҳо, дар Мовароуннаҳр низ иҷро карда мешуд ва шояд нахустин дирҳамҳои шикаста, ҳамроҳи дирҳамҳои пурра аз Шарқи Наздик ва Хуросону Мовароуннаҳр ба Аврупо рафтанд ва баъд дар онҷо низ дирҳамҳои шикаста пайдо шуданд. Дар бораи дар Бухоро ва Самарқанд дар асри X дар муомилот будани дирҳамҳои шикаста сарчашмаҳои хаттӣ низ маълумот додаанд (2-М).

Дар Ганҷинаи Кӯлоб намудҳои гуногуни дирҳамҳо, махсусан барои зарробхонаи Хуттал пайдо ва гурӯҳбандӣ карда шуданд. Навиштаҷоти асосӣ, яъне калимаи тавҳид ва баъди он номи халифа ва номи амири сомонӣ дар маркази рӯй ва пушти сикка ва оятҳои Қуръон гирди ҳошия дар аксари мутлақи дирҳамҳо якхелаанд. Намудҳо аз рӯи номи халифаҳо, амирон, номи ҳокимони маҳаллӣ ва навиштаҷоти иловагӣ ҷудо карда шуданд. Гузинаҳо аз рӯи нақшҳои наботӣ муайян карда шуданд [1-М].

Дирҳамҳои Умавиён ба як намуд ва дирҳамҳои Аббосиён ба 17 намуд ва 2 гузина ҷудо мешаванд. Дар байни онҳо намуди 3 дирҳамҳои халифа ал-Муътамид бо катибаҳои иловагии ва “зу-л-визоратайн” ва “ал-Муваффақ биллоҳ” ҷолиб мебошанд. “ал-Муваффақ биллоҳ” лақаби писари хурдии халифа ал-Мутаваккил ва бародари халифа ал-Муътамид (870-892) Абу

Аҳмад ал-Муваффақ (842-891) буд. Зулвизоратайн лақаби вазири аббосӣ Соъид ибни Махлад мебошад, ки ӯ соли 266/879-880 ба маснади вазирӣ мерасад [5-М].

Дирҳамҳои Исмоил ибни Аҳмад ба 9 намуд ва 4 гузина ҷудо мешаванд. Дар онҳо иловатан бар номи амири сомонӣ номи ҳокимони Хуттал (ал-Ҳорис ибни Асад) ва (Ҷаъфар ибни Аҳмад), номи ҳокимони Андароба (Аҳмад) ва (Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад) ва ибораи динии ( ёрӣ аз ҷониби Худост) навишта шудааст. Дар дирҳамҳои ин амир 6 намуд нақши наботӣ дида мешавад.

Дирҳамҳои амири сомонӣ Аҳмад ибни Исмоил ба 7 намуд ва 14 гузина ҷудо мешаванд. Дар онҳо илова бар навиштаҷоти асосӣ ҳарфҳои , , ибораи “ал-қудрату”, кунияи “Абу Наср”, номи “Аҳмад” ва 7 нақши наботӣ мавҷуд аст.

Дирҳамҳои Наср ибни Аҳмад аз ҳама бештар намуд ва гузина доранд. Танҳо намуди 1 дирҳамҳои ин амир дорои 51 гузина мебошанд. Дирҳамҳои боқимондаи ин амир ба 22 намуд ва 13 гузина ҷудо мешаванд. Дар байни дирҳамҳои ҳокими Хуттал (Ҷаъфар ибни Аҳмад) намудҳои нав бо номҳои (Ҷаъфар), (Ҷаъфар ибни Аҳмад ибни Муҳаммад), (Ҷаъфар ибни Муҳаммад) пайдо ва тавсиф карда шуданд. Дирҳамҳои ҳокимони Андароба бо номҳои (Абу Наср), (Аҳмад), (Юсуф), (Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Яҳё ) нодир мебошанд. Дирҳамҳои ҳокими Балх, Андароба ва Нишопур (Аҳмад ибни Саҳл) ва ҳокими Балх (Аҳмад ибни Муҳаммад) ба қатори сиккаҳои нодир дохил мешаванд [1-М].

Дар дирҳамҳои Наср ибни Аҳмад аз Ганҷинаи Кӯлоб ҳамчунин вожа ва иборaҳои (Адл – адл), (ал-Қадру лиллоҳ – қадру эътибор аз барои Аллоҳ аст), (ал-Қудрату лиллоҳ - қудрат ва тавоноӣ аз барои Аллоҳ аст), (Насрун мина-л-Лоҳ– ёрӣ аз ҷониби Аллоҳ аст), (ал – Иззату) ҷойгир аст. Дар ин дирҳамҳо 29 намуд нақши наботӣ мавҷуд аст.

Дар бораи сабаб ва қоидаи дар дирҳамҳо ҷой додани ному иборaҳои иловагӣ ва нақшҳои наботӣ дар сарчашмаҳои хаттӣ ягон хел маълумот нест. Дар ин бора мо метавонем танҳо дар асоси маълумоти худи сиккаҳо андешаҳое пешниҳод намоем. Пайдоиши намудҳо сабабҳои гуногун дошт. Илова шудани номи ҳокимони маҳаллӣ дар дирҳамҳо падидаи сиёсӣ буда, бо розигии амири сомонӣ ва супориши амалдори масъули сиккасозӣ иҷро карда мешуд. Пайдоиши вожа ва иборaҳои динӣ бештар марбути зарробхонаҳо буд, яъне то ҷое нишони хоси онҳо ё ҳокими маҳаллӣ буд. Ин иборaҳо бо розигии ҳокими маҳаллӣ ва супориши амалдори маҳаллии масъули зарби сиккаҳо ба дирҳамҳо гузошта мешуданд. Онҳо то ҷойе хусусияти таблиғотӣ низ доштанд. Нақшҳои наботӣ ягон маънои хос надошта, танҳо вазифаи ороиширо мебозиданд. Онҳоро муҳрканҳо месохтанд. Гумон меравад, ки шакли ниҳоии дирҳамҳо аз ҷониби амалдори масъули сиккасозӣ аз назар гузаронда шуда, танҳо баъди тасдиқи ӯ муҳри сикка сохта мешуд ва ба зарби дирҳамҳо шуруъ мекарданд[1-М].

**Зарробхонаҳо.** Дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб дар 19 зарробхона зарб шудаанд. Таносуби шумораи зарробхонаҳо барои сулолаҳои гуногун якхела нест. Як дирҳами умавӣ дар зарробхонаи шинохта нашуда – Дуқуз ё Рамуз зарб шудааст. Дирҳамҳои аббосӣ, ки миқдорашон 23 дона аст, дар 8 зарробхона бароварда шудаанд – Ироқ (Мадинатуссалом, Басра, Нисибин), ҷануби Эрон (Аҳвоз), Хуросони ғарбӣ (Нишопур), Хуросони Шарқӣ (Панҷҳир) ва Мовароуннаҳр (Самарқанд, Шош). Чор дирҳами саффорӣ дар се зарробхона – Нишопур, Балх ва Шероз(?) зарб шудаанд. Дирҳамҳои сомонӣ, ки 1371 дона буда, 97,9 % ганҷинаро ташкил мекунанд, дар 13 зарробхона зарб шудаанд. Аксари зарробхонаҳои сомонӣ дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ҷойгир буданд. Дар Ганҷинаи Кӯлоб дирҳамҳои зарробхонаҳои асосии Сомониён, яъне зарробхонаҳое, ки мунтазам ва ба миқдори зиёд сикка мебароварданд, мавҷуданд. Ба ин қатор Самарқанд, Шош, Нишопур, Маъдин, Балх ва Андароба дохил мешуданд. Ва нишонаи хоси Ганҷинаи Кӯлоб он аст, ки дар он аксариятро дирҳамҳои Хуттал ташкил мекунанд.

Дар робита бо зарробхонаҳо навоварии хеле муҳими Ганҷинаи Кӯлоб дар он аст, ки дар таркиби он дирҳамҳои Вахш мавҷуданд. Зарробхонаи сомонии ин вилоят то ҳол маълум набуд ва аз ҷониби мо дар Ганҷинаи Кӯлоб кашф карда шуд. Гарчанде ки дар баъзе сарчашмаҳо Вахшро шаҳр гуфтаанд, аммо дар такя ба ахбори Ҳудуду-л-олам, мо гумон мекунем, ки он номи вилоят аст ва дирҳамҳо бо ин ном дар пойтахти он шаҳри Ҳалаверд зарб шудаанд. Аммо шаҳр будани Вахш ҳам ғайри имкон нест [15-М].

Дастоварди дигари муҳим ин кашфи дирҳамҳои зарробхонаи Суғд дар Ганҷинаи Кӯлоб мебошад. Гарчанде ки дар баъзе аз адабиёти сиккашиносӣ дар қатори зарробхонаҳои сомонӣ Суғд низ ёд шудааст, аммо шумораи ин дирҳамҳо хеле каманд ва дар куҷо будан ва аз куҷо ва ба чӣ миқдор ёфт шуданашон маълум нест. Ин бори нахуст аст, ки дирҳамҳои Суғд ба миқдори 6 дона дар таркиби ганҷинаи муайян кашф карда шуданд. Дар сарчашмаҳои хаттӣ Суғд ҳамчун шаҳр, мамлакат, балад ва ноҳият зикр шудааст. Айни ҳол шаҳри Самарқанд ҳамчун маркази Суғд (вилоят) эътироф шудааст. Гумон меравад, ки дирҳамҳои Суғд дар Самарқанд ё дар ҷануби Суғд дар шаҳрҳои Кеш ё Нахшеб ва ё дар зарробхонаи шаҳри Суғд, ки ҳоло ҷояш аниқ нашудааст, зарб шудаанд [14-М].

Дар мавриди зарробхонаи Хуттал низ бояд гӯем, ки ин аз рӯи ахбори Ҳудуду-л-олам номи ноҳият, яъне вилоят аст. Гумон меравад ки дирҳамҳо бо ин ном дар пойтахти он шаҳри Ҳулбук зарб мешуданд. Дар баъзе сарчашмаҳо Хутталро шаҳр номидаанд. Андешаи Ғ. Ғоибов дар бораи дар мавзеи деҳаи Қайнари ноҳияи Восеъ вуҷуд доштани шаҳре бо номи Хуттал дар айни замон чандон асоснок ва боварибахш нест.

Дар баробари Хуттал ва Вахш боз дар як шаҳри дигари Хуттал – Андичароғ низ дирҳам мебаровroutanд.

Ба наздики сиккашиносони Эрмитажи давлатӣ зарробхонаи чоруми сомониро дар Хуттал кашф ва нашр карданд, ки он Қуводиён мебошад. Маълум мешавад, ки дар давраи Сомониён дар Хуттал чор зарробхона амал мекард – Хуттал, Андичароғ, Вахш ва Қуводиён (Қубодиён).

Зарробхонаи Маъдин, ки дирҳамҳояш дар Ганҷинаи Кӯлоб ба миқдори зиёд (147 дона) вуҷуд доранд ва онро Г. Рисплинг ба Хуттал нисбат медиҳад, ба андешаи мо ба шаҳри Панҷҳир тааллуқ дорад [1-М].

**Сулолаи Баниҷуриён.** Дар асоси маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва сиккаҳо муайян карда шудааст, ки дар асри IX – нимаи аввали асри X дар Хуттал сулолаи маҳаллии Баниҷуриён ҳукмронӣ кардааст. Саравлоди ин сулола Баниҷур ва аввалин ҳокимаш дар Хуттал Ҳошим ибни Баниҷур будааст. Бародарони ӯ Довуд ва Аҳмад ва фарзандон ва наберaҳои ин се бародар низ соҳибмансаб ва ҳоким буданд. Намояндагони ин сулола на танҳо дар Хуттал, балки дар Балх, Маъдин, Андароба, Ҳисор ҳукмронӣ кардаанд ва як намояндаашон як муддат ҳатто ҳокими тамоми Мовароуннаҳр будааст. Намояндагони ин сулола дар Бағдод дар дарбори халифа низ сарлашкарони маъруф ва соҳиби мансабҳои калон буданд. Номи саравлоди ин сулола шартан Баниҷур хонда шудааст, дар сарчашмаҳо навишти он гуногун аст ва олимон онро ба таври гуногун мехонанд. Номи Баниҷурро дар асоси забони туркӣ маънидод карда намешавад. Биноан дар асоси ин ном турк шумурдани ин сулола дуруст нест. Ҳокимони Хуттал лақабҳои “Хутталоншоҳ”, “Шери Хутталон” ва “Хутталонхудо” дошта, аз тоҷикони маҳаллӣ буданд [4-М].

**Сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ дар Хатлон дар асрҳои IX-X** се марҳиларо дар бар мегирад:1. Солҳои 270 / 883-84 ва 284/897. 2. Солҳои 284-322/897-934. 3. Баъди соли 322/933-934. Ин даврабандӣ ба Д. Довудӣ тааллуқ дорад ва мо онро бо маводҳои нав, ки дар Ганҷинаи Кӯлоб вуҷуд доранд пурра кардем. Қадимтарин дирҳам дар Хуттал аз номи ҳокими он Асад дар соли 270 - 284/883-897 зарб шудааст. Баъди ин ва то соли 284/897 дар Хуттал сикка набаровардаанд. Рушди сиккасозӣ дар ин вилоят ба давраи дуюм рост меояд. Дар ин давра дар Хуттал аз номи амирони сомонӣ ва ҳокимони маҳаллӣ ал-Ҳорис ибни Асад ва Ҷаъфар ибни Аҳмад мунтазам ва ба миқдори зиёд дирҳам бароварда мешавад. Дар баробари дирҳамҳои зарби Хуттал дар ин вилоят дирҳамҳои дар зарробхонаҳои Ироқ, Эрон, Мовароуннаҳр, Хуросон, махсусан бахши шарқии он зарбшуда низ дар муомилот буданд. Авҷи сикказанӣ дар

Хуттал дар давраи дуюм ба давраи ҳукмронии Ҷаъфар ибни Аҳмад ба солҳои 312-313 / 924-25, 925-26 рост меояд [3-М].

Барои давраи сеюм мавод хеле кам аст – 1 дирҳам ва се фалс. Ҷолиб он аст, ки фалсҳо аз номи амири сомонӣ Нуҳ ибни Мансур ва ҳокими маҳаллӣ Ҷаббор ибни Муҳаммад дар соли 366/976-977 зарб шудаанд. Кам сикка зарб дар давраи сеюм метавонист ду сабаб дошта бошад – имтиёзҳои худро аз даст додани ҳокимони Хатлон ва ба итоати пурраи амирони сомонӣ даромадани онҳо. Сабаби дуюм метавонист суст шудани тараққиёти иқтисодиёт ва тиҷорат бошад.

Дар давраи сеюм дар баробари дирҳамҳои муқаррарӣ дар Хуттал дирҳамҳои калон низ дар муомилот буданд. Ҷолиб аст, ки ин дирҳамҳо дар баробари Бадахшон, Балх ва шаҳрҳои Тахористон дар як шаҳри Хуттал-Андичароғ низ зарб мешуданд. Дирҳамҳои калон дар Ҳулбук, димнаи Қайнари ноҳияи Восеъ, деҳаи Бодомтуи ноҳияи Ш.Шоҳин ва деҳаи Лағмони ноҳияи Ҷ. Балхӣ ёфт шудаанд.

Дар асоси маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва сиккаҳо вазъияти сиёсии Хуттали замони Сомониён ба чанд марҳила тақсим мешавад: 1. Баниҷуриён аз солҳои ба сари қудрат омаданашон, яъне аз соли 818-821 то барҳам хурдани давлати Тоҳириён дар соли 873 тобеъи ин сулола, яъне волиёни Хуросон ва халифа буданд. 2. Баъди ба сари қудрат омадани Саффориён ва махсусан баъди дар соли 875 аз тарафи халифа волии Хуросон эълон шудани онҳо Хуттал расман бояд тобеъи онҳо мешуд, аммо дар ин бора сарчашмаҳои хаттӣ маълумот нанододаанд. Маълумоти сиккаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки аз соли 270/883-884 то соли 289/901-902 Хуттал мустақил буд ва ба Саффориён итоат намекард, чунки дар сиккаҳояш номи амирони ин сулола гузошта нашудааст [1-М].

Аз рӯи сиккаҳо Хуттал соли 293/905-906 тобеъи Сомониён шуда, то охири мавҷудияти ин сулола дар тобеъияти он боқӣ мемонад. Дирҳамҳои Хуттал дар ин сол аз номи амири сомонӣ Исмоил ибни Аҳмад ва ҳокими Хуттал ал-Ҳорис ибни Асад зарб шудаанд. Дар ҳамаи дирҳамҳои Хуттал, ки

баъди соли 293/905-906 ба истисно и як дирҳам номи амирони сомонӣ гузошта шудааст. Ҳамзамон дар миқдори зиёди дирҳамҳо номи амири сомонӣ бе номи ҳокими Хуттал навишта шудааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Хуттал пурра ба ҳайати давлати Сомониён дохил мешуд ва ҳокимонаш пурра ба амири сомонӣ итоат мекарданд. Ба Сомониён тобеъ будани ҳокимони Хуттал дар сарчашмаҳои хаттӣ низ зикр шудааст [3-М].

Дирҳамҳои Хуттал берун аз ин вилоят ва Осиёи Миёна дар Россия, Шветсия ва дигар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Шимолӣ паҳн шуда буданд. Дар ин бора ганҷинаҳои дирҳамҳои сомонии дар ин кишварҳо ёфтшуда шаҳодат медиҳанд. Равнақи сиккасозӣ далели рушди иқтисодиёт ва муносибатҳои молию пулӣ, аз ҷумла гувоҳи пешрафти савдои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад.

Вазни миёнаи меъёрии дирҳамҳои Хуттал 2,9 гр. буд. Лапиши вазни аксари дирҳамҳо 2,1-4,0 гр. ташкил мекард ва фарқият 1,9 гр. буд. Ин лапиши иҷозатдодашудаи вазни дирҳамҳо буд. Фарқияти назарраси вазни аксари сиккаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо вазнбайъ мубодила мешуданд. Диаметри аксари дирҳамҳои меъёрӣ дар ҳудуди 27-29 мм аст [1-М].

Диаметри дирҳамҳои калон дар ҳудуди 45-48 мм ва вазнашон дар ҳудуди 7-21 гр. ва бахши зиёдашон 15-17гр. аст. Дирҳамҳои калон низ вазнбайъ мубодила мешуданд.

Дар Ганҷинаи Кӯлоб 5 дирҳами муҳрнахӯрдаи суфта мавҷуд аст. Онҳо тасодуфан муҳр нахӯрда, бо дирҳамҳои муҳрхӯрда омехта шуда, ба муомилот мебаромаданд. Ақида дар бораи он ки онҳоро бе муҳр махсус барои Аврупо мебаровარданд, чандон боварибахш нест. Аз тарафи дигар мавҷудияти панҷ дирҳами муҳрнахурда шояд далели ба корманди зарробхона мансуб будани ин ганҷинаро дошта бошад [1-М].

Ганҷинаи Кӯлоб сарчашмаи муҳими таърихӣ буда, барои омӯзиши сиккасозӣ ва давраҳои асосии муомилоти пулӣ дар Хатлон дар замони Сомониён, намудҳои дирҳамҳо, вазн ва диаметри онҳо, вазъияти сиёсӣ, зарробхонаҳо, сулолаи маҳаллии Баниҷуриён маълумоти муҳим ва дар бисёр

маврид маълумоти навро дар бар мегирад. Ба доираи илм ворид кардани ин ганҷина асоси сарчашмавии омӯзиши сиккаҳои сомониро хеле васеъ карда, барои таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни сиккашиносии Сомониён заминаи боэътимод муҳайё месозад.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

Натиҷа ва хулосаҳои асосии онро метавонанд дар асарҳои ҷамъбастӣ доир ба таърих, сиккасозӣ ва муомилоти пулии асримиёнагии Тоҷикистон, Осиёи Миёна, Афғонистон ва Эрон истифода баранд.

Дар донишгоҳҳо дар хондани дарсҳои тахассусӣ доир ба таърихи сиккасозии Сомониён, муомилоти пулӣ, ҷуғрофияи таърихӣ, маъдангудозӣ ва ҳамчунин доир ба катибашиносӣ ва таърихи хат метавонанд аз диссертатсия истифода баранд.

Кормандони осорхонаҳо метавонанд барои пешбурди экскурсияҳо, таҳияи шиносномаҳои илмӣ ва феҳристҳо аз диссертатсия баҳра бардоранд. Ин диссертатсия ва замимаи он барои таҳияи бахши нумизматии Феҳристи давлатии Фонди осорхонаҳои Тоҷикистон метавонад дастури намунавӣ бошад.

Сиккашиносон, аз ҷумла сиккашиносони ҳаваскор, кормандони муассисаҳои илмӣ, осорхонаҳо ва дигар ҳавасмандон метавонанд дар асоси феҳрист, ки тавсиф ва акси сиккаҳоро дар бар мегирад, дирҳамҳои сомониро муайян кунанд ва шарҳ диҳанд.

# НОМГӮИ АДАБИЁТ

## 1. ФЕҲРИСТИ САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА


1. Ал-Балазури. Завоевание Хорасана. Извлечение из сочинения “Футуҳ ал-Булдон”. Перевод с арабского и комментарии Г. Гоибова. - Душанбе, 1987.- 120 с.
2. Ал-Мақдисӣ. Аҳсану-л-тақосим фи маърифати-л-ақолим. - Лейдан, 1906. - 504 с.
3. Ал-Яъқубӣ. Китобу-л-булдон. Бейрут,1977.- 540 с.
4. Гардезӣ, Абусаъид Абдулҳай. Зайну-л-ахбор. - Душанбе,2014.- 415с.
5. Ёқут ал-Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон. - Бейрут, 1977.- 540 с.
6. Закариёи Қазвинӣ. Осору-л-билод ва ахбор-ул-билод - Хуҷанд, 2018.- 684 с.
7. –
8. Ибни Хурдодбеҳ. ал-Масолик, ал-мамолик. - Лейдан, 1306.- 308 с.
9. Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз. Бейрут, 1992.- 438 с.
10. Истахрӣ. Масолик ва мамолик/ Таҳқиқи доктор Муҳаммадҷобир ал-Ҳусайнӣ. - Қоҳира, 2004.- 218 с.
11. Мақдисӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-т-тақосим фи маърифати-л-ақолим/тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ.-Теҳрон, 1385.- 810 с.
12. Наршахӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро/ Мураттибон: Ғоибов Ғ., Олимов К., Н. Амиршоҳӣ- Душанбе, 2012.- с.
13. Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Таҳияи матн аз Н. Қосимов. - Душанбе, 1979.- 118 с.
14. –
    - -
15. Табарӣ, Муҳаммад ибни Ҷарир. Таъриху-р-русули ва-л-мулук/Мутарҷим А. Поянда.- Душанбе, Ҷ. 14, 2014.- С. 5391
16. Таърихи Систон. - Душанбе, 2014.- 350 с.
17. Ҳудуд -ул- олам. Таҳияи матн аз Н. Қосимов. -Душанбе, 1983.- 132 с.
18. – -
19. – –
20. – –
21. – –
22. – –
23. – –
24. – –
25. – –

26.Абдулов К. Сиёсатномаи асри XXI.-Хуҷанд, 2003.-940с.
27.Акбарӣ А. Таърихи ҳукумати Тоҳириён аз оғоз то анҷом.-Теҳрон, 1387.- 400 с.
28.Атоходжаев А Два клада куфических монет из Узбекистана // Бартольдовские чтения. - М..1993.- С. 62-65.
29.Атоходжаев А. К вопросу об организации монетного производства в государстве Саманидов в X в. // История материальной культуры Узбекистана. Вып. 27. - Самарканд. 1996. С.- 146-153.
30.Атоходжаев А. К ранней политической истории Саманидов // 50-лет раскопок древнего Пенджикента. ТД. - Пенджикент. 1997. - С. 61.
31.Атоходжаев А. Клады медных монет X-XI вв. из Узбекистана // VI-я Всероссийская нумизматическая конференция. (в соавт. с Б. Д. Кочневым). Спб.1998.- С.80-82.
32.Атоходжаев А. Нумизматическая биография одного саманидского сановника (X в.) // VII–я Всероссийская нумизматическая конференция. - Ярославль. 1999. - С.52-54.
33.Атоходжаев А. О месте золота в монетном обращении Саманидского государства// Археология, нумизматика и эпиграфика средневековой Средней Азии. - Самарканд. 2000. - С. 38-42.
34.Атоходжаев А. Раннесаманидские фельсы Ходженда // ТД. II-я Всероссийская нумизматическая конференция. ( в соавт. С Б.Д. Кочневым).Спб. 1994. - С. 100-101.
35.Атоходжаев А. Саманидские фельсы из клада с Койчилитепе // Узбекистан в древности и средневековье. ТД. Самарканд. 1992.- С. 100-103.
36.Атоходжаев А. Финальный этап в монетной истории ал-Мунтасира // XX–я Всероссийская нумизматическая конференция. М. 2019.- С.123-125.
37.Атоходжаев А. Штемпельный анализ саманидских фельсов из койчилитепинского клада // Узбекистан в древности и средневековье. ТД. Самарканд. 1993. - С. 40-43.
38.Бартольд В. В. Неизданный саманидский фелс./ЗИРАО-Санкт- Петербург, т. 7, вып. 1–5, 1894.- С.317-318.
39.Бартольд В.В. О Некоторых самаркандских дирхемах ЗИРАО, т.8, вып1-6.- Санкт- Петербург 1894. - С.222 -223.
40.Бартольд В. В. Хуттал// Сочинения. - М. Т. III. 1965.- С.555 -557.
41.Беленицкий А. М. Историко географический очерк Хутталя с древнейших времён до X в. // МИА, № 15. М., - Л., 1950. -С.109-127.

42.Бубнова М.А. Добыча серебро-свинцовых руд а Шельджи в IX-XII вв./Археологические памятники Таласской долины.- Фрунзе,1963.- С. 225-262
43.Бубнова М. Л. Изучение памятников, связанных с горным, промислом на территории Таджикистана в 1970г. /АРТ.- М., вып. X,1973. - С. 201-202.
44. Бубнова М. А. Добыча полезных ископоемых на Памире в X-XII вв./ История горной науки и техники.- Тбилиси, 1979.- С. 94-102.
45.Бубнова М. А. Древние рудознатцы Памира. Душанбе, 1993.- 174с.
46.Буряков Ю. Ф. Горное дело и металлургия средневекового Илака. V- XIIIв.- М.,1974.- 139с.
47.Быков А. А. Новый клад медных куфических монет из Таджикистана // «Труды Отдела нумизматики ГЭ», т.1. 1945. - С.87-113.
48.Вяткин В. Матрица и штамп из Самарканда/Изв. Средазком-стариса.- Ташкент, вып. I.1926.- С.71-76
49.Гафуров Б. Таджики, древнейшая, древняя и средневековая история. М., 1972.-338 с.
50.Гоибов Г. К вопросу о локализации средневековых городов Хутталя. - Душанбе, 2007-97 с.
51.Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. - Душанбе, 2006.- 906 с.
52.Григорев В.В. О куфичекихъ монетахъ VIII, IX, X и отчасти VII и XI века находимихъ в Россиии и прибалтическихъ странахъ как источникахъ для древнейшей отечественной истории, въ 1-мъ томъ Записъ Одесского Общества Истории и Древностей (1844)- С.- 115-166.
53.Давидович Е. А. Денежное обращение в Мавераннахра при Саманидах // НЭ, VI, 1966. С.- 103-133.
54.Давидович Е. А. Клады древних и средневековых монет Таджикистана. М., 1979.-462 с.
55.Давидович Е. А. Монетные находки на территории Таджикистана, зарегистрированные в 1957г. // Труды А.Н. Тадж. ССР, Т. 103, 1959. -С.153-163.
56.Давидович Е. А. Монетные находки на территории Таджикистана, зарегистрированные в 1970 г. // АРТ, вып. X, 1970 г.- С. 249-281.
57.Давидович Е. А. Нумизматические материалы для истории развития феодальных отношений в Средней Азии при Саманидах // Труды АН Таджикской ССР, т. XXVII, Сталинабад, 1954. -С.69-117.
58.Добровольский И. Г, Кочнев Б. Д. Ахсикетский фельс саманида Ахмада I б. Асада // «Новое в советской нумизматике и нумизматическом музееведении». Краткие тезисы докладов и сообщений научной

конференции (к 200-летию Отдела нумизматики Эрмитажа),14-16 октября 1987 г. Ленинград, 1987. -С.15-16.
59. Довуди Д. Бухархудатские, сасанидские и омейядские дирхемы Таджикистана. - Душанбе, 2018.-170 с.
60. Довуди Д. Денежное обращение древнего и средневекового Хатлона (V в. до н.э. – начало XX в. н.э.). Душанбе, 2006.- 347 с.
61. Довуди Д. Монетные клады Таджикистана. Душанбе, 2009, 409 с.
62. Довуди Д. Сиккаҳои Ҳисори Шодмон. Душанбе, 2015.- 127 с.
63. Довудӣ Д. Сиккаҳои шоҳони Вахш // Мероси Ниёгон. -Душанбе, 2010, № 13. -С.118-125.
64. Довудӣ Д. Шаҳри Ҳулбук дар куҷо ҷойгир буд? // Ахбори осорхонаи таърихии вилояти Суғд, № 4, 2018. -С.20-26;
65. Довудӣ Д., Хоҷаев А. Ҳулбук кай сохта шудааст? // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон, № 1, 2014. -С.64-66.
66. Довутов Д, Зеймаль Е.В. Раннесредневековые монеты // Древности Таджикистана. Каталог выставки. Душанбе, 1985. -С.250-258.
67. Довутов Д. Ещё один саманидский фельс монетного двора города Ходжента // В кн: Исследование по истории и культуре Ленинабада. Душанбе, 1986.- С. 108-110.
68. Довутов Д**.** История таджикского народа. Т. 2, Душанбе, 1999. Разделы «торговля и денежное обращение в раннем средневековье и при Саманидах». -С.122-144, 384-397.
69. Довутов Д. Медный чекан Хутталя при Саманидах // Известия АН Тадж.ССР, серия: востоковедение, история, филология, -Душанбе, № 4 (16), 1989. - С.73-74.
70. Довутов Д. Сиккаи сомонии зарробхонаи Чағониён // Ахбори АФ РСС Тоҷикистон. Серияи шарқшиносӣ, таърих, филология, № 2 (10), 1988. -С.59-61.
71. Ерназарова Т. С. Федоров М. Н. Клад золотых монет X в. // ОНУ, 1974, № 5. -С.67-70.
72. Калинин В. А., Петров П.Н. Кладик куфических монет из под г. Мурома // Древности Поволжья и других регионов. Выпуск III. Нижний Новгород, 2000. -С.215-216.
73. Камолиддин Ш. Новые данные о потомках царя Согда Гурака // ОНУ, № 3, 2003. -С.63-81.
74. Камышев А. М. Клады медных монет тимуридов и шейбанидов. Самарканд, 2013.- 175 с.

75. Кропоткин В. В. О топографии кладов куфических монет IX в. в восточной Европе.// Древняя русь и славяне. - М. 1978 . - С. 111-117.
76. Кочнев Б. Д. Заметки по средневековой нумизматике Средней Азии. Часть I (Саманиды, караханиды, джаниды). ИМКУ, вып. 14, 1978. - Ташкент. - С.120-131.
77. Кочнев Б. Д. Заметки по средневековой нумизматике Средней Азии. Часть 5 (Саманиды, Караханиды, Тимуриды) // ИМКУ, вып. 18. - Ташкент, 1983. - С.210-223
78. Кочнев Б. Д. Заметки по средневековой нумизматике Средней Азии. Часть 3. (Саманиды, караханиды, ануштегиниды) // ИМКУ, вып. 22. - Ташкент 1988. -С.191- 205.
79. Кочнев Б. Д. Клад монеты X – начала XI вв. из Ташкентского оазиса. «Новое советской нумизматике и нумизматическом музееведении» // Краткие тезисы докладов и сообщений научной конференции (к 200 - летию Отдела нумизматики Эрмитажа), 14-16 октября 1987.- Ленинград, 1987. – С.57-59.
80. Кочнев Б. Д. Клады серебряных монет X в. из Узбекистана // Четвертая Всероссийская нумизматическая конференция (тезисы докладов), г. Дмитров, 1996 г. - М., 1996. -С.36-38.
81. Крачковская В. А. Эволюция куфического письма в Средней Азии. -ЭВ,т. III, М.1949.- С. 3-27
82. Крачковская В. А. Памятники арабского письма в Средней Азии и Закавказье до IX в.- ЭВ. т.VI, М.1952.- С. 46-100.
83. Крачковская В. А. Арабское письмо на памятниках Средней Азии и Закавказья IX—XI вв.- ЭВ. т.X, М.1955. – С. 38-60.
84. Кропоткин В. В. Новые находки сасанидских и куфических монет в Восточной Европе // ЭВ, т. IX. - М., 1971. -С.76-97.
85. Кулешов В. С., Калинин В. А. Новое в типологии саманидских дирхемов первого хронологического этапа // Девятнадцатая Всероссийская нумизматическая конференция. Великий Новгород, 17-22 апреля 2017 г. Тезисы докладов и сообщений. - М., 2017. -С.59-60.
86. Лившиц В. А. Юридические документы и письма // Согдийские документы с горы Муг. Вып. II. М., 1962. С. 222
87. Литвинский Б. А., Давидович Е. А. Предводительный отчет о работе Хуттальского отряда на территории Кулябской области в 1953 г. // Доклады АН Тадж.ССР, вып. 2, 1954. -С.39-52.

88. Марков А. К. Инвентарный каталог мусульманских монет Имп. Эрмитажа- СП б, 1896.- 879 с.
89. Марков А. Топография кладов восточных монет (сасанидских и куфических). - Санкт – Петербург, 1910. -149 с.
90. Массон М. Е. Из истории горной промышленности Таджикистана. Былая разработка полезных ископаемых.- Л.,1934.-108с.
91. Массон М. Е. Кладик дирхемов конца X – начала XI в. из города янги- юль Ташкентской области. Сборник в честь 60- летия С. П. Тостова. «Наука» Москва, 1968.- С. 237-243
92. Массон М. Е. Кладик саманидских дирхемов конца X в. из пригорода старого Мерва // Эпиграфика Востока, вып. XVII, 1966, с. 101-110.
93. Массон М. Е. Монетные находки в Средней Азии в 1917- 1927 гг. Известия Средназкомстариса .вып.III, Ташкент. 1928.- С.280-285
94. Массон М. Е. Монетные находки зарегистрированные в Средней Азии в 1930-31 гг. Материалы Узкомстариса, вып 5, Ташкент, 1933.- 18с.
95. Массон М. Е. Монетные находки зарегистрированные в Средней Азии за 1928 и 1929 гг. «Научная мысль», Самарканд- Ташкент, 1930 №1.- С.81-91
96. Массон М. Е. Неопубликованные монетые находки на территории Таджикистана, на зегегистрированные до 1947. – Маълумотномаи Филиали ТАФСССР. вып VI. - ш. Сталинобод. - С. 52-54
97. Мирбабаев А.,Н. Рахимов. Препосылки начала специализации ремесленного производства и торговли в городах Хоросана и Мавераннахра в IX – Хвв./ Историко-культурные традиции эпохи Хакима Тирмизи и ее значение в мировой цивилизации.-Душанбе, 2016.- 32-42с.
98. Мухторов С. Пул ва гардиши он/Сомониён: замон ва макон.-Душанбе, 2008.-365 с.
99. Негматов Н. Н. Государство Саманидов. - Душанбе, 1977.- 279 с.
100. Номаҳои Бостон. Тарҷума ва шарҳи Бобо Назар Ғаффор. -Душанбе, 2010. - 310 с.
101. Потин В. М. О серебряных монетовидных пластинах в кладах X – XI вв. // НЭ. Т. II. 1960. - С. 61-79.
102. Ртвеладзе Э. В. Ртвеладзе Л.Л. Первый фельс Йахйи ибн Асада. Эпиграфика востока. Том 21. – М. 1972. – С. 30-31.
103. Рябцевич В. Н. Два монетно-вещевых клада IX в. из Витебской области // НЭ, т. V. М., 1965. - С.121-160.
104. Савельев П. С Топография кладов с восточными монетами и изделиями VII, VIII, IX, X и XI века в России и прибалтийских странах, объясненная историческими свидетельствами о торговле северо-востока Европы в эпоху

основания и утверждения Русского государства.- Санкт- Петербургъ. 1846.- С. 149
105. Савельев П. С. Мухаммеданская нумизматика по отношения к Русской истории.Часть 1. - Санкт - Петербург, 1847.- С. 168
106. Смирнова О. И. Очерки из истории Согда. М., 1970.- 287 с.
107. Смирнова О. И. Согд // Палестинский сборник, вып. 21 (84). Л., 1970. - С.121-150.
108. Спасский И.Г. Русская монетная система, Л., 1970.- 221 с.
109. Тереножкин А.И. Согд и Чач // КСИИМК, вып. 33, 1950. -С.53 -56.
110. Тизенгаузен В.В. Монеты восточного халифата. - Санкт Петербург, 1873. - 374 с.
111. Тизенгаузен В. В. О саманидских монетах //Труды восточного отделения Императорского археологического общества. Часть первая. - Санкт Петербург, 185 .- с.
112. Фасмер Р. Р. Куфические монеты Переяславского клада // Известия Императорской археологической комиссии. -Петроградь, 1914. - Вып. 51. - С. 17-66.
113. Фасмер Р. Р. Два клада куфических монет. - Л., 1927. – 58с.
114. Фасмер Р. Р. К нумизматике халифов// Записки Коллегии востоковедов при Азиатском музее АН СССР. - 1930. - Т. V. - С. 451-480.
115. Фасмер Р. Р. Клад куфических монет, найденный в Новгороде в 1920 году // Известия Российской академии истории материальной культуры. - 1925. - Т. 4. - С. 242-276.
116. Фасмер Р. Р. О монетах волжских болгар X века // Известия Общества археологии, истории и этнографии при Казанском университете имени В. И. Ленина. - Казань: типография «Восток», 1926. -Т. XXXIII, вып. 1.-С. 29-60.
117. Фасмер Р. Р. Об издании новой топографии находок куфических монет в Восточной Европе // Известия АН СССР: серия VII, отделение общественных наук. -Л., 1933. - № 6-7. - С. 473-484.
118. Федоров-Давыдов Г. А. Новые находки восточных монет VIII – XIII вв. на территории Восточной Европы // ЭВ, т. XXIII. Л., 1985. -С.44-47.
119. Филимонова Т. Г., Ахметзянов М.Р. Отчёт Хуттальской археологической экспедиции – Восейский район (2013 г.) // АРТ, вып. 39. - Душанбе, 2017. -С.184 – 211.
120. Чейлытко В.Р. Из истории Вахшской долины // “Коммунист Таджикистана”, 1945, 30/1, № 22.

121. Якубов Ю. К проблеме локализации средневековых городов Хутталана/История и культура Куляба (прошлое и настоящее).- Куляб, 1989.- С. 30-33.
122. Якубов Ю. Довуди Д., Филимонова Т. История Куляба с древнейших времен до наших дней.-Душанбе,2006.- С.262.
123. Якубов Ю, Курбанов Ш. Археологические раскопки на городище Нозкуль (Кайнар) и могильнике Гелот в 2007 г. // АРТ, вып. 33.- Душанбе, 2009. -С.73-82.
124. Якубовский А.Ю. Об одном раннесаманидском фельсе (из ранне истории Саманидского дома) КСИИМК, Т.XII, 1946.- С. 103-112.
125. Янин В.Л. Денежно – весовые системы русского средневековья (Домонгольский период). -М., 1956- 207с.
126. Янина С.А. Неревский клад куфических монет X в. // МИА. 1956. № 55. – С. 180–207.
127. Янина С.А. Новые данные о монетном чекане волжских булгар в X в. // МИА. 1962. № 111. – С. 129–196.
128. Beatrige Granberg. Förtecking över kufiska myntfynd i Finland. Helsinki, 1966, 254 p.;
129. Vlastimil Novak. The Kelc Hoard revised: fragments of Islamic Silver Coins. Prague 2010, 80 p.
130. Bosworth C. E. The new Islamic dynasties. A chronological and genealogical manual. N.Y., 1996.
131. Corpus Nummorum Saeculorum IX-XI qui in suecia reperti sunt. Catalogue of coins from the Viking Age found in Sweden. 1. Gotland. 1.Akebäck – Atlingbo. Stockholm, 1975, 198 p.
132. Tornberg C. J. Numi Cufici Regii numophylacii Holmiensis quos omnes in terra Sueciae repertos. – Upsaliae, 1848. – 315p.
133. Corpus Nummorum Saeculorum IX-XI qui in suecia reperti sunt. Catalogue of coins from the Viking Age found in Sweden. 1. Gotland. 2. Bäl – Buttle. Stockholm, 1977, 340 p.;
134. Corpus Nummorum Saeculorum IX-XI qui in suecia reperti sunt. Catalogue of coins from the Viking Age found in Sweden.1. Gotland. 3.Dalhem – Etelhem. Stockholm, 1982, 322 p.;
135. Corpus Nummorum Saeculorum IX-XI qui in suecia reperti sunt. Catalogue of coins from the Viking Age found in Sweden. Gotland. 4 Fardhem – Fröjel. Stockholm, 1982. 273 p.;

136. Corpus Nummorum Saeculorum IX-XI qui in suecia reperti sunt. Catalogue of coins from the Viking Age found in Sweden. 3.Skane. 1. Ahus – Grönby. Stockholm, 1985, 183 p.;
137. Corpus Nummorum Saeculorum IX-XI qui in suecia reperti sunt. Catalogue of coins from the Viking Age found in Sweden. 3.Skane. 4.Maglarp – Ystad. Stockholm, 1987, 250 p.;
138. Corpus Nummorum Saeculorum IX-XI qui in suecia reperti sunt. Catalogue of coins from the Viking Age found in Sweden. 16-Dalarna. 1. Falun – Rättvik. Stockholm, 1979, 97 p.
139. Frühmittelalterliche Münzfunde aus Polen. Inventar III. Warszawa, 2015, 352 p.
140. Frühmittelalterliche Münzfunde aus Polen. Inventar IV. Warszawa, 2013, 234 p.
141. Frühmittelalterliche Münzfunde aus Polen. Inventar V. Warszawa, 2016, 1210 p.
142. Fraehn, Ch.M. Numi kufici anecdoti ex variis museis selecti et illustrate. Mémoires de l'Académie Impériale des Sciences de St. Petersburg: 1823. P. 67-71.
143. Fraehn, Ch.M. Recensio numorum Muhammedanorum Acad. Imp. Scient. Petropolitanae. St. Petersburg: 1826, C.186.
144. Fraehn, Christian Martin: Beschreibung einiger von den Samaniden und Bujiden geprägten Münzen. Kasan, 1807. 47-48,
145. Ivar Leimus. Silloge of islamic coins Estonian public collections. Tallin, 2007. 447 p.
146. Mitchiner M. Oriental coins and their values.The World of Islam. London, 1998, 510 p.
147. Mitchiner M. The multiple dihems of medieval Afganistan. London, 1973.
148. Noonan T.S. When and how dirhams first reached Russia // Cahirs du Monde russe et sovietique, XXI (3-4), juil.-dec. 1980, pp. 401-469.
149. Noonan T.S. The 1958 dirham hoard from Tartu in Estonia // Museum notes, n. 22. New York, 1977, p. 135-159.
150. Rispling G. Katalog samanidischen dirhams in schwedischen Funden und diversen Samlungen.Unvero Aentlicht, 2001.
151. Tomaschak V. Centralasiatiesche studien in Sogdiana // Wien, 1877, pp. 44, 47, 738-739.
152.Fasmer R. Beiträge zur muchamedanischen Münzkunde // Num. Zeitschrift, № 58, 1925. 49 c.

.153

. .154

-

. 155

## 2. ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### Монография

**1-М.** Шарифзода А. Ганҷинаи Кӯлоб. (Дирҳамҳои сомонӣ). – Душанбе, 2019.- 648с.

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда

**2-М.** Шарифзода А. Қ. Аз таърихи омӯзиши сиккаҳои сомонӣ // Муаррих. – 2019. – № 2 (18). – С.95-104. ISSN 2789294-8.

**3-М.** Шарифзода А.Қ. Сикказании Хатлон дар замони Сомониён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – № 6. – С 13-27. ISSN 2074-1847

**4-М.** Шарифзода А. Қ. Аҳамияти ганҷинаи Кӯлоб дар таҳқиқи таърихи Баниҷуриён // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. – 2019. -№3 (80). – С.275-285. ISSN 2219-5408

**5-М.** Шарифзода А. Қ**.** Дирҳамҳои умавӣ, аббосӣ ва саффорӣ дар ганҷинаи Кӯлоб // Ахбори ДДҲБСТ. – 2019. – № 3 (80). – С. 16-26. ISSN 2413-2004

### Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:

**6-М.** Шарифов А. Сиккаҳои сомонӣ аз Истаравшан // Ҷумҳурият.-№114 (20 548) аз 14.09.2002.

**7-М**. Шарипов А. Хатлон дар аҳди Сомониён ва Ғазнавиён. /Тоҷикистон. – Душанбе, 2004. - №1-3. – С 14-15.

**8-М.** Шарипов А. Хатлон дар «Зафарнома»-и Яздӣ. / Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тољикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – Душанбе, 2005. - №6. – С. 9-20.

**9-М.** Шарипов А. Хатлон дар «Таърихи Байҳақӣ». /Фарҳанг. - Душанбе, 2005. - №1. – С. 36-41.

**10-М.** Шарипов А. Ҷуғрофияи таърихии Хатлон дар асрҳои IX-X./ Фарҳанг. - Душанбе, 2006.- №3. – С. 45-48.

**11-М.** Шарипов А. Хатлон дар «Таърихи Рошидӣ». / Фарҳанг. - Душанбе, 2006. - №4. – С. 60.

**12-М.** Шарипов А. Ду фалси сомонӣ аз Осорхонаи миллии ба номи К. Беҳзод. /Мероси ниёгон. -Душанбе, 2013. -№13. – С. 239-242.

**13-М.** Шарифзода А. Тухфаҳои нодир./ Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2014. - №1.- С.5-19.

**14-М**. Шарифзода А. Дирҳамҳои сомонии Суғд дар Ганҷинаи Кӯлоб. / Мероси ниёгон. – Душанбе, 2019. -№21. – С. 20-22.

**15-М.** Шарифзода А. Новый монетный двор Саманидов // Сообщение НМТ, № 2, 2017. -С.176-180.

**16-М.** Sharifzoda. A. Coin of Ustrushanian Afshin Sayr ibn Abdullah from Collection of the National museum // The role Istaravshan in the history of civilization of Central Asian people. – Dushanbe, 2002. – P. 183-184.

**17-М.** Sharifzoda. Coins of Tajikistan./ Ахбори Осорхонаи миллии Тољикистон. - Dushanbe, 2014. -№1.- С. 146-148.